ҲАКИМ КАРИМ

# ОДАМ ДАР ХАЛТА

**Китоб ба 100-солагии зодрӯзи адиби зинданом ва 60-солагии ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшида шудааст.**

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2005

ББК 84 тоҷик 7-4
К-32

***Ин китоб бо дастгирии Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам
Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов
ба табъ расидааст.***

Муҳаррир ***М. Хоҷаев***

К-32 *Ҳаким Карим*. **Одам дар халта**. Ҳикояҳо — Душанбе: «Адиб», 2005. 96 саҳ.

Дар таълифот осоре гирд омадааст, ки мӯҳтавои онро воқеияти зиндагӣ дарбар мегирад. Ҳикояҳои маҷмӯа баёнгари рӯзгори пурошӯби мардуми тоҷик мебошанд, ки аз назари дунёшиносии муаллиф ба қалам омадаанд. Умедворем, ки писанди хотири хонандаҳои гиромӣ мегарданд.

**К $\frac{4702540203\text{-}1}{\text{М-503}}$ - 2005**

**© Нашриёти "Адиб", 2005.**

# ОҚШУДА

## I

— Не, намехоҳам!

— Моро шармандаи ҳар ду олам мекунӣ!

— Чӣ шармандагӣ? Намехоҳам гуфтам, намехоҳам, вассалом, —гӯён Заҳро ба чашмони модараш — Ҳамроҳхола синча кард. Гӯё ин гапҳояш на танҳо ба муқобили падару модараш, балки ба тамоми дунёи кӯҳна эътирози қалби озоди ӯ буд. Дигар гап назаду аз дари хона баромада рафт.

Чашмонаш пур аз ашк, нафас кашида натавониста, Ҳамроҳхола дар ҷояш монд. Пеши чашмонашро тирагӣ пахш кард. Ба назараш ҳеҷ чӣ наменамуд. Чӣ кор карданашро намедонист. Сари калобаашро гум карда буд. Дар ин дам ба тамоми ҳастӣ лаънат мехонд. Аз ҳама зиёдтар вай дар ҳаққи ҳукумат, ки «нӯхтаи» занон ва хусусан Заҳро барин духтаракони «телба»-ро сар дода, ба онон озодӣ бахшидааст, «дуои бад» мекард.

Вай тасаввур карда наметавонист, ки ин «намехоҳам»-и духтаракаш Заҳроро ба падараш ва хусусан ба тарафи домод чи навъ баён хоҳад кард. «Яктову якто духтарро дуруст калон карда натавонистед, ин мӯятонро дар кучо сафед кардед?» Вай чизҳои додашударо як ба як ба ёдаш овардани шуд, вале ғайр аз ҳамон ним тӯб тики рах-рах, ки як либосвории онро аз шавҳараш пинҳонӣ фурӯхта, ба эҳтиёҷи худаш сарф карда буд, дигар ҳеҷ чиз ба ёдаш наомад. Ва ногаҳон:

— Заҳро! Ҳо... Заҳрою-у-у! — гӯён тамоми овозашро сар дода, духтарашро ҷеғ зад.

— Ҳа, боз чӣ гап? — овози духтараш аз он сари ҳавлӣ шунида шуд.

Заҳро оҳиста-оҳиста қадам монда ба дари хона наздик шуд. Аз қиёфаи ӯ таассуф, дилгирӣ, ким-чӣ хел парешонҳолие, ки ба ин гуна духтарони наврас ҳеҷ намезебад, намоён буд. Чашмони калон-калони сиёҳаш ба чашмони модараш афтоданд. Мижгони дарозаш беором мепариданд. Дақиқае, монанди он ки таноби гап канда шуда бошад, вай хомӯш монд. Дар ҳақиқат ҳам вай дар азоб, дар байни обу оташ монда буд. Дар ҳамин дам яктарафа шудани толеи сиёҳашро ҳис намуд. Намуди маъюсона ва ноумедонаи модараш, гӯё ҳамин кулбаи вайрона, ҳамин ягона чинори калоне ки синни ӯ бо синни бобоҳояш баробар буд, ҳамин кӯҳҳои осмонрасе, ки аз паси девор менамуданд ва тамоми ҳастӣ муқобили ӯ, гӯё ҳамаи инҳо орзӯманди сиёҳбахтии ояндаи ӯ буданд. Гӯё ҳастӣ — девони олӣ, модараш садри он ва тамоми коинот ҳамнишинони вай буданд ва ҳамаи инҳо як шуда ҳукми: ё ба оташи калон, ё ба қаъри бетаг ҳаво додани ӯро мебароварданд. Гӯё ҳамин наҳрчаи кӯҳӣ, ки аз поёни қишлоқ равон буд, бо шаввоси худ ба ғалабаи ин девон, ба тантанаи инҳо шайпури зафарро менавохт.

Заҳро тасаввур карда наметавонист, ки чӣ тавр бо Алӣ писари кӯри Ҷалил дар як хона зиндагӣ хоҳад кард ва дар як болин сар хоҳад монд. Дарҳол ҷои сурати зишти Алиро чеҳраи хандони Бобӣ ишғол намуд. Ҳоло вай дар куҷо бошад? Фикр кард. Майнаашро хаёлҳои гуногуни пур аз даҳшат: «балки вай бо ягон тири ногаҳонии босмачиён, дар ягон ҷарие ба хуну хокаш оғушта шуда, ҷон канда истодагист» —фаро гирифтанд. Ва аз ин фикрҳо вуҷудаш ба ларза, дилаш ба тапидан даромад. Чашмонаш пур аз ашк шуданд ва бо лабҳои ларзонаш, бо ним овоз худ ба худ: «не, наход ки ҳамин тавр бошад?» гуфт.

Кампир, ки аз вай чашм намеканд, бо остини куртааш чашмонашро пок кард ва бари доманашро боло карду биниашро афшонд. Баъд бо садои ҳузновар ва навозишкоронае ба ӯ:

— Духтаракам, — гӯён муроҷиат намуд.

Ин садои ногаҳонии кампир риштаи хаёлҳои Заҳроро пора намуд ва ӯ як қад парида:

— Ҳа! — гуфт ва як оҳи пурдарде кашид ва гӯё бо ҳамин беҷо будани хаёлоташ тасдиқ гардид.

— Духтаракам, нури чашмам! — гуфт кампир. — Ман туро бо орзу ва ҳавас калон кардам. «Алло балам» — гӯён дар сари гаҳвораат шабҳои дарози зимистонро рӯз кардаам, — гуфт ва баъд аз ин боз ба пок кардани ашки чашмонаш шурӯъ кард. Ашк рухсори пур аз оҷингашро шуста, ба монанди донаҳои марворид ба рӯи синааш шорида мерафтанд. — Балам, — гӯён кампир боз гапашро давом доданӣ буд, Заҳро сухани ӯро бурида бо нармӣ:

— Оча, — гуфт ва бо ҳамин овози нармаш ба кампир хеле умедҳо бахшид. — Ман туро дӯст дорам. Ту модарам ҳастӣ. Аз ту хоҳиш мекунам, ки на худатро дар азоб монон ва на маро. Бовар кун, ки Алии шилпукро дилам намехоҳад. Бо вай зиндагӣ карда наметавонам, хонавайрон мешавам.

Ин гапҳои оромона, рӯирости Заҳро ба хониши Ҳамроҳхола боз роҳ кушоданд.

— Ҳаминро аз хотират набарор, ки мо падару модари ту ҳастем. Ҳеҷ гоҳе бадбахтии туро намехоҳем. Мо ҳаққи падарӣ ва модарӣ дорем. Фарзанд набояд аз гапи падару модар барояд.

— Дуруст мегӯӣ, — гуфт бо овози гиряолуд Заҳро, — Охир наметавонам, чӣ кор кунам? Вақте ки чашмони шилпуки Алиро мебинам, дилам беҳузур мешавад, қай карданам меояд. Ғайр аз он...

Ҳамроҳхола дигар худдорӣ карда натавонист. Дандонҳояш ғиҷиррос заданд. Дигар на аз он ашкони фаровон дарак буд ва на аз он ҳазинӣ ва нармгӯӣ. Бо сахтӣ:

— Ғайр аз он чӣ? — Чашмони пурғазабашро аз рӯи Заҳро наканда: — Бобӣ-мӣ — гуфт ва ҳамчун паррандаи гуруснае, ки ба сайди худ ҳамла мекунад, рост аз ҷояш хест. Хост, ки аз мӯи Заҳро бигирад ва титу ғозашро барорад.

— Хӯш! — гуфт бо қатъият Заҳро ба ҷавобаш. Гӯё ҳамин «хӯш!» акси ҳамла буд. Дигар аз нармдилии духтар низ дараке набуд.

— Ҳаминро нағз дон, ки ман ба гадойбача духтар дода наметавонам.

— Худат кистӣ? — Заҳро ба вай таъна зад.
— Ман гуфтам, гап тамом. Ман ба гадойбача духтар дода наметавонам!
— «Ба гадойбача» ту намерасӣ ку?!
— Азбаски ман намехоҳам, ту ба вай намерасӣ.
— Ман мехоҳам, ман мерасам.
— Бас кун! — кампир тамоми овозашро сар дод.
— Чӣ мағал мекунӣ? Гуфтам-ку, дигар касеро намехоҳам. Гап тамом.
— Бобиро мехоҳӣ? Ҳамон гадойбачаро мехоҳӣ?
— Чӣ буд?
— Оқ мекунам!
— Ба ман гӯй, сиёҳ кун! — гуфт Заҳро ва аз ӯ дур шуд.
Кампир бо тамоми овозаш ҳаёҳуй карда гириста монд.

## II

Баъд аз ҳашт рӯзи моҷарои байни Заҳро ва модараш, яке аз отрядҳо, ки дар он Бобӣ ҳам буд, ба қишлоқи С. даромада омад. Рӯзи тобистон, ҳаво ниҳоят гарм буд, аспҳои отряд кафк карда, ҳарсида дам мегирифтанд.

Ҳангоме ки оқсақоли қишлоқ отрядро ба ҳавлии калони серсояи салқини хӯҷаини пештараи Бобӣ бурда ҷой кард, Бобӣ аз командираш иҷозат гирифта, асп ва милтиқро ба яке аз йигитҳо супурда рост ба сӯи хонааш равона шуд. Дар камараш фақат шамшер буду халос.

Заҳро аз омад-омади отряд хабар дошт. Бо хаёли ин ки шояд вай ҳам омада бошад, «элак баҳона, дидор ғанимат» гуфтагӣ барин ҷелаки падарашро ба сар гирифту «ба ҳавлии ҳамсоя меравам» гӯён ба кӯча баромад. Дар пеши дари ҳамсоя ба ақибаш, ба тарафи ялангии қишлоқ назар андохт. Аз дур ҷавоне меомад, вай қадбаланд, хушрӯй буд, ӯро нашинохт. Бо хавоси парешон «гурезам-мӣ» гӯён ба дари ҳамсоя даромаданӣ шуд ва ба остона қадам гузошта буд, ки он ҷавон:
— Заҳро! — гӯён ӯро фарёд зад.

Заҳро ба чашмони худ бовар намекард. Дар ҷои истодааш тахт монд. Дар кӯча ба ҷуз ҳар дуи инҳо дигар ҳеҷ кас набуд.

Мардон ва ҳамаи бачагони кӯчаи қишлоқ ба ҳавлии бои гуреза, ба пеши отряд рафта буданд. Дар мияш мӯзаи калони аскарӣ, гурс-гурс қадам гузошта, Бобӣ ба ӯ наздик меомад. Маҳмези мӯзаҳояш ҷарангос зада, ба садои қадаммониаш ҷӯр мешуданд. Ғилофи шамшерро қапидагӣ буд. Бо табассум ба назди Заҳро омада, ба монанди он, ки ба шунидани фармони фармондиҳандааш омода бошад, ду пояшро ба ҳамдигар зада истод.

Чашмҳо ба ҳам вохӯрданд. Забонҳоро ёрои гап задан набуд. Фақат дилҳо гап мезаданд. Заҳро дасташро дароз карда, ба гардани ӯ печониданӣ шуд, лабони гарми Бобӣ рухсораи сурхи Заҳроро боз сурхтар намуд. Пас аз ин, якумин калимае, ки аз даҳани Заҳро баромад:

— Хуб шуд, ки омадӣ, — буд.

Заҳро аҳвол, зӯрии падару модар, зуд бошеди тарафи домод, моҷарои байни ӯ ва модараш рӯйдодаро дар лаби захбури калон, дар таги девори хонаи Бобӣ нишаста як ба як ба вай нақл кард.

Дар вақти ҷудо шудан, охирин гапе ки Бобӣ ба Заҳро гуфт, ин буд:

— Хайр, вақти бомдод, пас аз ғӯтидани моҳ, дар ҳамин ҷо бош!

Бобӣ, ҳамон Бобие, ки шабу рӯз фикру хаёлаш ба Заҳро буд ва ба қавли худаш дар фироқи висоли ӯ «дилаш реш-реш, ҷигараш лахта-лахта буд», фарзанди як деҳқони камбағали ҳамин қишлоқ буда, дар ҳамсоягии Заҳро истиқомат мекард.

Бобӣ яке аз онҳое буд, ки лаззати ҳаётро танҳо бо меҳнати бозу, бо арақи ҷабин мечашанд. Бобӣ аз падар ёздаҳсола, бонии ду нафар додараконн хурдсол ва як нафар кампири солхӯрда шуда монда буд. Ҳаёт, душвориҳои пай дар пай ва навозиши гоҳ-гоҳии он Бобии ҷавонро, Бобии бетаҷрибаро мисли падарони бисёрдида пурдон карда буд. Ду сол подабонӣ дар қишлоқ,

мардикории дусола дар Кӯлоб ва се сол панҷяккорӣ дар дари бое ба ӯ аз китоби зиндагӣ хуб сабақ дода буданд.

Бобӣ Заҳроро дӯст медошт. Аввалҳо инро, чунон ки мебоист фикр накарда буд, зеро ки он гоҳ дасти рост ва чапашро дуруст ҷудо карда наметавонист. Аммо дар ҳамон вақтҳо низ, дар ҳангоми бозӣ ва шӯхии бачагона ӯро рафиқи азизи худ медонист. То вафоти падараш, рӯзҳои тобистонро дар даруни полизҳо, дар канори наҳрча, дар майсазорҳо бо ҳамроҳии вай бо ҳар гуна давутоз мегузаронд. Зимистонро ҳар дуи инҳо фақат аз барои барфаш, фақат барои барфбозӣ дӯст медоштанд. Он вақтҳо нимбараҳнагӣ ба ҳар дуи инҳо он қадар ҳам таъсир намекард.

Як ҳодисаеро, ки як сол пеш аз ба Афғонистон гурехтани хӯҷаинаш рӯй дода буд, Бобӣ ҳеҷ фаромӯш карда наметавонист. Гӯё ин ҳодиса дар ҳаёти сиёҳбахтонаи ӯ хандаи саодат ва ҷилваи фараҳмандӣ буд. Он гоҳ ҳар дуяшон ҳам хеле ҷавон буданд.

Рӯзе Бобӣ бо чӣ хаёле ба канори наҳр мефуромад. Умеде надошт, ки имрӯз дар он ҷой ба Заҳро вомехӯрад. Аз дур касе ӯро:

— Бобӣ! — гӯён фарёд зад. Дид, ки Заҳро кӯзаро ба китфаш бардошта, ба сӯи наҳр омада истодааст.

Ҳар ду ба монанди одамони калонсол оҳиста-оҳиста қадам монда, ба сӯи наҳр равон шуданд. Дар аснои роҳ Заҳро ба ӯ:

— Маро ба Алии шилпуқ доданӣ шуда истодаанд. Ман вайро намехоҳам! — гуфт.

— Чаро намехоҳӣ?! — гуфт ба ҷавобаш Бобӣ ва бо ҳамин саволаш «ба болои сӯхта намакоб» ва ба оташи фурӯзон равған рехт.

Лабҳои маҳини Заҳро монанди лабҳои одаме ки вайро табу ларз гирифта истода бошад, ларзиданд. Чашмонаш пур аз ашк шуданд. Рухсораи сурхаш боз сурхтар шуд. Бо дасташ чашм ва рӯяшро пинҳон карду фих-фих гирякунон:

— Ғайр аз ту дигар ҳеҷ касро намехоҳам, — гуфт.

— Вай, Алии шилпуқро мон, не гӯй, сабр кун, — гуфт ба ӯ Бобӣ ва бо ҳамин гапҳояш ба ӯ тасаллӣ дод.

Ин суханҳои Бобӣ ба Заҳро дар ҳақиқат ҳам монанди амри қатъӣ таъсир карда буданд. Заҳро ҳамчун қарори маҷбурӣ ба иҷрои он мекӯшид. Вале ҳеҷ кас аз Заҳро ризомандиашро напурсид. Падару модараш бо хушнудӣ ба хостгорон ризомандии худро баён карданд. Доду гирифт, бозори одамфурӯшӣ ва одамхарӣ авҷ гирифт. Колоҳо зуд-зуд омадан гирифтанд.

Шабе домод ҳам бо карру фарри зиёде, бо тӯҳфаву пешкашҳои бисёр ба қинғолабозӣ омад. Вале ба ҷои табассуми ширин ва нозу ишва, дучори дашномҳои беандоза шуд.

Пеш аз ҳодисаи канори наҳр Заҳрою Бобӣ дар паноҳиҳо ба ҳамдигар зуд-зуд вомехӯрданд. Сӯҳбаташон соатҳо кашол меёфт. Ба лаззати ин ҳеҷ сер намешуданд. Вале ин ҳам тӯл накашид. Хӯҷаини Бобӣ ба Афғонистон кӯчида рафт. Тамоми мулки вайро кӯри Ҷалил, ки амакбачааш буд, ба тасарруфи худ даровард. Пас аз ин «ман дар дари ин кӯрҳо хизмат намекунам» гӯён Бобӣ аз хизмати онҳо баромад ва маҷбур шуд, ки дар ҷустуҷӯи кор ба тарафҳои Кӯлоб равона шавад.

Бобӣ то баҳори соли 1925 дар Кӯлоб даравгарӣ ва дигар корҳои рӯзбайъ карда мегашт. Рӯзе вай дар ҳавлии Шаҳидов ном ходими советӣ, ҳамроҳи ду нафар мардикори дигар лой хобонида, похса мезад. Дар ҳамин вақтҳо барои мубориза бо босмачигарӣ дар Кӯлоб як отряди ихтиёрӣ ташкил карда мешуд. Тандурустӣ ва боғайратии Бобиро дида Шаҳидов аз чӣ гуна оила, аз кадом қишлоқ будани ӯро пурсид. Ва ҳақиқати ҳолро дониста:

— Ту зуд ба қишлоқат рав, аз ҷамоат дар хусуси камбағалиат як справка биёр, ман туро ба як кори нағз даровarда мемонам, — гуфт.

Ҳамин тавр Бобӣ ҳам бо ҳаракати Шаҳидов ва справкаи совети ҷамоат, дар қатори ҷавонони дигар ба ҳамон отряд даромада буд.

## III

Ҳангоми чошт буд. Дар отрядхона ғайр аз командир ва чанд нафар навбатчиҳо ва саисҳо дигар ҳеҷ кас набуд. Командир дар

шипанге, ки дар канори ҳавз воқеъ буд, чой нӯшида менишаст. Ба пушти аспаш як занро савор карда даромада омадани Бобиро дида, вай ниҳоят хашмгин шуд ва худ ба худ:

— Боз ин чӣ қилиқ? — гуфт.

Бобӣ аспашро баст. Захроро дар он канори ҳавз, зери дарахти бед шинонд ва ба сӯи командир равон шуд ва хост, ки воқеаро як ба як ба вай нақл кунад.

— Асло тинҷ намегардед-дия, мақсадатон номи отрядро олонидан-мӣ? — гуфт командир бо шиддат ба вай. Ин ҳам сабаб дошт: командир медонист, ки Бобӣ на зан дорад ва на ҳамшира. Модари солхӯрда ва барҷомондаи касале дорад, ки дина аз барои ҳамон кампир шуда вай аз ӯ ба як шаб иҷозат гирифта, дар қишлоқ монда буд. Вай боварӣ дошт, ки ин занро Бобӣ дуздида омадааст.

Бобӣ оромона:

— На, рафиқ командир, — гуфт.

— Ин кист?! — бо тамоми овозаш фарёд зад командир.

— Занам.

— Чӣ тавр занат? Духтари касеро дуздида омадӣ-мӣ? Аз отряд пеш мекунам, коратро ба суд медиҳам!.. — Командир гӯё ки гап намезад, балки аз пулемёт тир мепарронд.

Бобӣ ҳайрон монд. Ин гуна анҷоми кор ба хаёлаш ҳеҷ наомада буд. Чӣ гуфтанашро намедонист. Дар ниҳоят:

— Рафиқ командир, мо... якдигарро... нағз ме...

— Аввал босмачиҳоро тамом кардан даркор, зан бошад ҳамеша ёфт мешавад. Оё медонӣ, ки ту бо ин кирдори худ ба нест кардани босмачиён ёрӣ намедиҳӣ, баръакс, ба зиёд шудани онҳо сабаб мешавӣ.

— Вайро фурӯхта буданд, халосаш кардам...

Ҳеҷ гуна гап ба гӯши командир намедаромад. Дар ин дам ба вай гап задан ҳеҷ фоида намебахшид. Бобӣ ҳам чашмонашро аз гули дастурхон наканда, бо чӣ андешаҳое, дигар гап назада, дар ҷояш ором монд. Командир боварӣ дошт, ки вай гапҳои ӯро бодиққат гӯш мекунад. Монанди нотиқи ботаҷриба нутқашро давом дод:

— Ҳар як коре ки ба назари халқ бад аст, агар аз тарафи мо, хусусан аз тарафи ҷавонони отряди мо, карда шавад, тарафдорони босмачиён ба муқобили мо истифода мекунанд. Оё ту инро медонӣ? Ҳозир шароити Тоҷикистони мо, сиёсати мо ин гуна кирдорро намебардорад. Ман ба ту гуфтам-ку, аз ҳамин рӯз эътиборан ту аз отряд озод ҳастӣ ва корат ба суд дода мешавад, — гуфт командир ва монанди нотиқе ки ҳалқаш қоқ шуда ба стакан даст дароз мекунад, ба дастурхон чашм дӯхт ва пиёлаи дар пешаш истодагиро надида, ба гирду атрофаш нигоҳ карда, бегап пиёлаковӣ намуд.

Заҳро дигар ба ин дӯғ ва пӯписаи командир тоб оварда натавонист. Аз ҷояш хест ва оҳиста-оҳиста қадам гузошта ба пушти сари командир наздик омад. Тамоми аъзои баданаш дар ларза буд.

Вай аз торумор шудани тамоми орзуҳои деринаи худ пай бурд. Тайёр буд, ки тамоми овозашро сар дода, бо ҳаёҳуи баланде гиря кунад. Ва бо овози маҳин, аммо ларзонаш:

— Рафиқ командир! — гуфт. Ва командир ҳам беихтиёр рӯяшро ба ӯ гардонд ва бо назари хитобомез ба духтарак чашм дӯхт. — Гапи шумо нодуруст аст!

Дар айни ҳол на ин ки ҳусну ҷамоли Заҳро, рухсори дар изтироб боз гулгунтаршуда, чашмони шӯх ва абрувони камонаш, балки ҷасорати ғайримунтазираи ӯ командирро дар ҳайрат мононда ва ҳатто андак хашмгин ҳам карда буд. Барои командир ин гапи Заҳро ҳамчун табар ба кунда расид.

— Ту чиро медонӣ? — гуфт командир бо дағалӣ ва беэътиноӣ ва рӯяшро ба сӯи дигар тофт. Ин ҳаракати вай Заҳроро аз ҷодаи осудагӣ тамоман баровард.

— Чӣ? Ман чиро медонам? — гуфт ӯ, аз оҳанги ин саволҳояш бӯи ҷангҷӯӣ меомад. — Ман медонам, ки озодам, ман медонам, ки дар замони Ҳукумати Шӯроӣ ҳеҷ кас маро бо зӯрӣ ба шавҳар дода наметавонад. Ман ба касе, ки худам хоҳам, мерасам! — Овозаш оҳиста-оҳиста баландтар мешуд. Гӯё вай гап намезад, балки сангҳои дар дасташ бударо якто-якто чоқ карда ба нишон меғурронд. Гӯё он нишон командир буд ва ҳар як санг

рост ба синаи ӯ мезад ва мешикаст. Бобӣ ҳам ҷим буд. Шояд аз хашмгинӣ бошад, командир ба ин гапҳои Заҳро писханд зада меистод. Ба командир гап надода, Заҳро боз ба суханаш давом намуд:

— Шумо мегӯед, ки «аз отряд пеш мекунам, коратро ба суд медиҳам», — ин гапҳоро ба оҳанги суханронии худи командир тақлид намуда, ифода кард. Ва дасташро дам ба дам алвонҷ дода, бо қатъият ва худбоварӣ илова кард: — Суди советӣ моро намепаррондагист. Агар шумо инро аз отряд пеш кунед, ман ҷомаи мардумро шуста инро, — Бобиро бо дасташ нишон дода, — мепоям.

Командир дар ҳамин дам худро мағлубшуда ҳис намуд ва барои дағалии кардааш ҳам андак худ аз худаш ранҷид. Ва ба хаёлаш дарҳол зарбулмасали машҳури халқ «аввал пурсиш баъд кушиш» даррасид. Вай ба Бобӣ муроҷиат намуда:

— Хӯш, худаш чӣ гап? — гуфт. Бобӣ ҳоло даҳан накушода буд, ки Заҳро боз:

— Рафиқ командир! -гӯён диққати ӯро ба худ ҷалб намуд. — Магар шумо медонед, ки аз барои ҳамин Бобӣ маро модарам оқ кардааст! — гуфт ва дар ҷояш нишасту рӯяшро бо ду дасташ пинҳон намуда, бесадо ба гиристан шурӯъ кард.

Бобӣ тафсили воқеаро беболобандӣ як ба як нақл кард.

— Бисёр нағз, — гуфт дар охир командир бо тамкинии падарона, — шумо ба ЗАГС равед, худатонро қайд кунонед ва зиндагӣ кардан гиред. Касе ба шумо гап занад, ман ҷавобгарам.

Командирро муҳаббати софдилона ва ҳаёти масъуди ояндаи ин ду ҷавон — ду ошиқи печон фаро гирифт. Аз хушнудӣ дигар намедонист, ки ба инҳо чӣ гӯяд.

Ин ду ҷавон ҳам аз хурсандӣ дар пӯсти худ намеғунҷиданд. Ба ин марди ҷанговар, ки имрӯз роҳи ҳаёти ояндаашонро кушоданӣ аст, аз падару модарашон ҳам бештар ғамхории худро баён менамояд, намедонистанд, ки чӣ тавр изҳори миннатдорӣ кунанд.

Ҳангоме ки ҳар ду аз ҳавлӣ баромада, ба сӯи идораи ЗАГС равона мешуданд, командир Бобиро ҷеғ зад:

— Ана, ин тӯёнаи ман, — гуфту аз кисааш панҷ дона червоне бароварда, ба вай дароз кард.

Бобӣ шармгинона пулро гирифта, суп-сурх шуд:

— Раҳмат! — гуфту зуд ҳамроҳи Заҳро аз дарвоза баромада рафт.

* * *

Пас аз қайд, дар худи ҳамон рӯз Бобӣ Заҳроро дар маҳаллаи Чармгарӣ ба пеши зани Қурбон ном милитсионери ҳамқишлоқаш бурда ҷойгир намуд.

Баъд аз се рӯзи дигар падари Заҳро — Шарифи даҳмарда, духтарашро кофтуков намуда ба Кӯлоб омад. Аҳволро дида, хоҳу ноҳоҳ ба тақдираш тан дода:

— Хайр, бачагонам, дари бахтатон кушод бошад, — гуфт ва ду рӯз меҳмон шуда ба қишлоқи худ баргашт.

Дар аввалҳои тирамоҳ, ба нолиш ва гиряи модараш раҳм карда, Бобӣ Заҳроро ба қишлоқ, пеши модараш бурда монд. Гоҳ-гоҳе Бобӣ шабона ба қишлоқ меомаду саҳарӣ барвақт баромада мерафт.

Ҳамроҳхола аз асп фароянд ҳам, аммо аз ӯзангу намефаромад. Дар қишлоқ ба ҳама одамон:

— Духтарам набуд ва нест. Ман вайро оқ кардаам, — мегуфт.

Ҳатто пас аз ба қишлоқ кӯчида омадани духтараш як бор ҳам рафта вайро надид. Агар дар кӯча ба вай вохӯрад, рӯяшро мегардонд. Агар дар хонаи ягон ҳамсоя бо ӯ рӯ ба рӯ шавад, гап назада, баромада мерафт.

Ба тарафи домод ҳеҷ яке аз колаҳои додаашро пас нагардонд. Кӯри Ҷалил «ду пойро дар як мӯза қава карда, чизҳои маро деҳ» гӯён Шарифи даҳмардаро дар хиҷолат мемонд. Рӯзе кӯри Ҷалил ба ҳавлӣ даромада, ба Шарифи даҳмарда дӯғу пӯписа мезад. Ҳамроҳхола ба назди ӯ баромаду:

— Колаҳоятро рафта аз ҳукумат гир. Духтарамро одами ҳукумат гирифтааст. Ман ҳеҷ чизро намедонам. Не гӯӣ, рав,

додатро ба кӣ гӯӣ, гуфтан гир. Дарду алами худам ба худам бас аст! — гуфт.

Баъд аз ин дигар моҷарои кола ҳам тамом шуд.

## IV

Зимистон буд. Аз теғаи кӯҳҳо сар карда, то сатҳи наҳрча, тамоми ҷойҳои қишлоқи С-ро сап-сафед барф пахш карда буд. Осмонро, монанди пардаи хира, абрҳои яклухт пӯшида буданд. Аз қабати ин абрҳо моҳ бемадорона ба ин барфистон рӯшноӣ меафканд.

Дам ба дам боди сард мевазид ва барфтӯдаҳои нишебӣ ва қуллаи кӯҳро монанди хасу хасрӯба парронида, бозӣ доронда ба поён, сӯи ҷарӣ, канори рӯд мебурд. Миёнҷои наҳрча яхнобаста буд ва дар ин шаби кӯрмаҳтоб, аз дур мисли арғамчини сиёҳи бенӯге ки бетартибона, каҷу килебона бо дасти табиат дар ин пастии қишлоқ партофта шуда бошад, ба назар менамуд. Тарафи шарқии девори хонаҳои пасту баланди дар канори кӯҳ воқеъгардидаи қишлоқ, ки онҳоро барф пахш накардааст, ба чашм ҳамчун харсангҳои майда ва калони болои ҳамдигар гузошташуда ё худ ҳамчун булӯрҳои сиёҳи бетеғае ки аз паси ҳамдигар ҷаста баромада, яке аз дигар баландтар қад кашидааст, намудор мешуданд. Якто-нимто чинор, тут барин дарахтони аз ҳад зиёд калони ин деҳа, гӯё ки посбонони азимҷуссаи доманаи ин кӯҳ буданд.

Ғайр аз ғиззоси бод, оромӣ ва сукутро дигар ҳеҷ садое вайрон намекард. Ҳатто сагони қишлоқ ҳам савганд ёд кардагӣ барин ҳеҷ намеҷакиданд. Шаб аз нисф гузашта буд.

Бобӣ аз хобаш бедор шуд. Ин дафъа ҳам вай аз командираш то ҳангоми саҳар ҷавоб гирифта, баъд аз хуфтан ба хонааш омада даромада буд. Ба таги кӯрпа даст андохту палмосид. Ба будани милтиқаш боварӣ ҳосил намуда, оҳистекак аз ҷояш хестанӣ шуда, ба ҷомааш даст дароз кард. Хоби Заҳро бурдагӣ буд. Фақат садои оҳиста-оҳиста нафаскашии ӯ шунида мешуд. Бо андешаи

он ки вай бедор нашавад, роҳат кунад, оҳиста ҷомаашро ба кифт партофту ба рӯи ҳавлӣ баромад.

Ақибаш ба хона гардонидагӣ пеш мерафт. Ногаҳон ба сараш омада задани чизеро ҳис намуд, аммо чи будани онро дарҳол нафаҳмид. Як сарашро бардошт ва бо ҳамин гӯё рӯй додани чи гуна воқеаро фаҳмиданӣ шуд ва дарҳол рӯ ба замин афтод. Вақте ки чанд даст ва чанд тан ба вай ҳуҷум карда, ду дасташро сахт ба даст гирифтанд, якбора бо тамоми овозаш:

— Заҳро! — гуфт, ки бо ин садои ӯ гӯё тамоми ҳастӣ ба ларза даромад. Гӯё дар ин дам вайро ғайр аз Заҳро дигар мададгоре набуд. Дар ҳақиқат ҳам ҳамин тавр буд, чунки на танҳо қишлоқ, ҳатто ин кӯҳи баланд ҳам ба наъраи ӯ бо акси садо ҷавоб нагардонд.

Яке аз онҳое ки дасти Бобиро мебастанд, аз ин фарёди ӯ ҳаросида, монанди аспи аз ягон чизе хӯсида, якбора худро ду қадам ба ақиб партофт.

Заҳро тарсида зуд аз болин сарашро бардошт. Фаҳмид, ки дар паҳлуяш Бобӣ нест. Аз берун кашу фарҳаши сусте шунида мешуд. Дари хона нимкоф буд. Бо саросемагӣ ба панҷтира даст андохт. Нағз медонист, ки туфанг пур аз тир аст. Панҷтираро зуд ба даст гирифта, ба дари хона наздик шуд.

Аз тарқиши дар ҳодисаи дар берун рӯй додаистодаро мушоҳида намуд. Дар ҳамин вақт тамоми умедҳояш маҳв шуданд. Аз ҷононаш — Бобӣ умедашро канд. Мадораш хушк шуд. Тамоми аъзои баданаш ба ларза даромаданд. Ғарқи гирдоби андӯҳ шуд. Чӣ кор карданашро надонист. Бо тамоми овозаш дод гӯяд-мӣ? Ё бо ҳамин милтиқ рафта ба онҳо ҳамла кунад-мӣ? Ё худ рафта худро ба болои Бобии питиррос задаистода партояду ба душманони ӯ бигӯяд, ки маро ҳам ҳамроҳи ӯ бикушед! Гӯё ки дар ин дам даступозанӣ ва ҳаракати Бобӣ — талвосаи ҷонкании Заҳро буд.

Якбора бешуурона ба тарафи онҳое ки дар болои Бобӣ талош мекарданд, бо саросемагӣ як тир холӣ кард. Онҳое ки Бобиро мебастанд, аз ин садои панҷтираи ногаҳонӣ тарсида якбора Бобиро монда рост шуданд. Акнун дидан мумкин буд,

ки онҳо панҷ нафар буданд. Заҳро аз таваккал боз як тири дигар холӣ кард. Он шахсе ки ба синаи Бобӣ пояшро монда рост истода буд, нохост «ӯҳ» гуфту ба замин чаппа шуда афтод. Он касе ки аз фарёди Бобӣ худро ду қадам ақиб партофта буд, бо тамоми овозаш «гурезед, аскарони ҳукумат омаданд!» — гӯён ба ҳеҷ ҷое нигоҳ накарда гурехт. Се нафари дигарашон ҳам вайро дида гурезон шуданд. Дар рӯи ҳавлӣ ду ҷасади мурда ё зинда буданашон номаълум монданд.

Заҳро бо ҳавли ҷон аз паси онҳо боз се тири дигар холӣ кард. Мағозаи милтиқ холӣ шуд. Дарҳол аз таги болишт тирдонро гирифт ва ба туфанг панҷ тирро бо азоб ҷой карду аз паси гурезандагон давид. Дар аснои роҳаш боз ду тири дигар парронд ва ба паси охуре, ки дар миёнҷои ҳавлӣ буд, рафта ба шинак нишаст ва аз паси гурезандагон тир холӣ кардан гирифт. Гурезандагон гоҳ-гоҳе рӯяшонро ба сӯи ҳавлӣ гардонда аз берданка ва панҷтира ҷавоб медоданд.

Қишлоқ тамоман бедор шуда буд. Сагон ба ҳар тараф давутоз мекарданд ва бо тамоми овозашон меҷакиданд. Доду фарёди кӯдакони тарсида ва илова ба садои онҳо оҳу фиғони модаронашон шунида мешуд. Гӯё қишлоқ дар ҳамин вақт ба мотамкадае мубаддал шуда буд. Аҳолӣ ба ҳамин фикр омада буд, ки ягон дастаи босмачиён барои пахш кардани деҳа омадааст ва дар ин ҷой ба ягон отряди раҳгузари аскарони ҳукумат вохӯрда, ҷанг карда истодааст. Мардон аз паси деворҳо, аз тоқдони хонаҳо, аз тарқиши дарҳо ба кӯча ва ба атроф нигоҳ мекарданд, аммо ҷангкунандагонро намедиданд.

Модари солхӯрдаи бемори Бобиро низ ин шӯру ғавғо бедор кард. Вай ғеҷида-ғеҷида бо азоб ба рӯи ҳавлӣ баромад ва дар он ҷой ду нафар танаи хобидаро дида, ба чӣ гуна андешаҳое афтода, бо тамоми овозаш додгӯён худро ба болои яке аз танаҳо партофт. Ин танаи босмачии аз тарафи Заҳро кушташуда буд. Тарсида, якбора аз он тана худро канор гирифт ва бо тарсу ҳарос ба танаи дигар наздик шуд. Бобиро шинохта бо тамоми овозаш ба додгӯӣ, «вой балам»-гӯӣ сар кард. Ин фарёдҳои бемаҳали кампир ва хавфи «ба ин кампир тир нарасад», Заҳроро бисёр

ба танг овარданд, вай рӯяшро ба кампир нагардонда, бо овози дағале фарёд зад:

— Оча, ба хона дароед!

Ҳар чӣ ҳам бошад, аз овозаш зан будани Заҳро маълум шуд. Яке аз гурезандагон дар ҷояш тахт монд ва ба шариконаш нигоҳ карда:

— Нагурезед, сабр кунед, — гуфт, — хабар доред, ин тирпарронанда занак будааст. Мо панҷ мард як нафарамонро монда, чӣ тавр ба пеши қӯрбошӣ меравем?

Нагурезед гӯянда пеш даромад. Дигаронро низ ҳоҷат ба ташвиқот набуд. Аз сари нав ба ҳавлӣ ҳуҷум карданӣ шуданд. Заҳро аҳволро фаҳмид ва дар дилаш ба модари Бобӣ, ки боиси фош гардидани зан будани ӯ шуда буд, лаънатҳо хонд. Тамоми вуҷудашро изтироб фаро гирифт. Худ ба худаш «акнун мурдем!» гуфт, аммо аз ҷояш наҷунбид. Нӯги милтиқро рост карда, ҳуҷумкунандагонро нишон гирифтанӣ шуд. Аммо ларзиши дасташ ба рост шудани милтиқ имконият намедод. Бисёр асабӣ шуд, «ин дафъа ҳам ба ҳаво равад, майлаш» гӯён як тир холӣ кард.

Ҳамон марде ки пешрав шуда ба ҳавлӣ меомад, синаашро қапида дар ҷояш шишта монд. Садои ӯро Заҳро нашунид. Боқимондагонашон дигар ба ақиби худ нигоҳ накарда, рост ба сӯи наҳр гурехтанд.

Ин ҳол боиси ба худ омадани Заҳро гардид. Фақат акнун вай пойлуч ва тани курта будани худро ҳис намуд. «Пеши Бобӣ рафта, аз аҳволаш хабар гирам-мӣ?» — гӯён ба андеша афтод. Худ ба худ «не» гуфту аз паси гурезандагон пай дар пай чанд тири дигар холӣ карда, аз ҷояш рост хест ва бо овози баланд:

— Ҳамаатон мурдед-мӣ, бароед! — гӯён наъра зад ва милтиқро сахт қапида аз паси гурезандагон давид.

Дар ҳамин вакт аз хонаҳо якто-нимто одамон оҳиста-оҳиста баромада, ҳаросону ларзон ба пешу пушти худ нигоҳ карда, ба ҳар тараф ба давидан ва тохтан шурӯъ карданд.

Заҳро давида то ба лаби наҳр омад ва ба ақиби харсанге, ки ба болои наҳр ҳамоил барин менамуд, дароз кашида нӯги

туфангашро рост кард. Он се нафар аз оби наҳрча гузашта ба сӯи дараи танг мегурехтанд ва гоҳ-гоҳе ба ақибашон нигоҳ карда милтиқ мепарронданд. Заҳро ҳам ба як тири онҳо ду тир холӣ мекард.

## V

Субҳ медамид. Акнун аз дуру наздик ҳамдигарро шинохтан мумкин буд. Дар ҳамин вақт аз рӯ ба рӯи роҳи он се нафар гурезандагон, аз тарафи дара садои якчанд тир шунида шуд. Се нафар дар тарафи чапи худ рост ба тали баланд печида баромадан гирифтанд. Ин ҳолро дида Заҳро ҳайрон шуд ва ниҳоят аз дур асп монда омада истодани як гурӯҳ аскарони сурхро дида, хушҳол гардид ва зуд аз ҷояш хеста худ ба худ:

— Ҳа, акнун кор шуд! — гуфту давида ба тарафи хонааш равона шуд.

Ҳавлии Бобӣ пур аз аҳолии деҳа буд. Зану мард, хурду калон ҳалқа зада атрофи он ду танаи дар рӯи ҳавлӣ хобидаро печонида гирифта буданд. Ғалоғула ниҳоят баланд буд.

Занон нола, кӯдаконашон гиря мекарданд. Аз мардон ҳар кас ба ҳар андешае буд, дар бобати воқеае, ки рӯй додааст ва дар хусуси тариқи муолиҷа кардани Бобӣ гап мезаданд. Касе гапи дигареро намешунид, ҳар кас гапи ба даҳонаш омадаро мегуфт, овозашро баландтар мекард ва аз дигаре пас намонданӣ мешуд. Модари Бобӣ мӯю рӯйканон назди писараш дузону нишаста, бо тамоми овозаш дод мегуфт, нола мекард. Ба хона даровварда хобонидани Бобӣ ба гӯшаи хаёли ҳеҷ кас намеомад. Яке аз пирамардони қишлоқ, ки дар даст асое дошт ва шояд ба сабаби камқувватиаш бошад, ба даруни девори одамин даромада натавониста монда буд, дар як паҳлу истода як-ду маротиба:

— Мардум, ба шумо чӣ шуд? Девона шудед-мӣ? — гуфт. Гапҳои ин мӯйсафед низ ба монанди суханҳои бесарунӯги дигарон дар ин талотуми садоҳо ғарқ шуда рафт.

Дар ниҳоят вай бетоқат шуда:

— Хонашеру майдонғарибон! — гуфту ба таги девори хона рафта шишта гирифт. Як марди миёнсол ин гапи пирамардро шунида, ҳақоратдаъво шуда, ба назди ӯ омада, бо вай ба маншаву муноқиша сар кард. Ба часпочаспӣ кардани ҳар дуи онҳо саҳл монда буд.

Дар ҳамин вақт Заҳро расида омад.

— Ку, роҳ бидиҳед, роҳ бидиҳед! — гӯён девори аз одам сохташударо ду дарронида ба назди Бобӣ омад ва якбора ҳаёҳуй намуда худро ба болои вай партофт.

Заҳроро дидан замон модараш — Ҳамроҳхола, ки шаш моҳ боз аз ӯ рӯй гардонида, оқаш карда буд:

— Вой балам, ту ҳастӣ-мӣ? — гӯён худро ба болои духтараш андохт.

Заҳро модарашро оҳиста тела доду аз ин рӯй ва аз он рӯи Бобӣ беором ба бӯса гирифтан шурӯъ кард. Аз чашмони бемадори Заҳро ашкҳо шорида, мӯйҳои сиёҳи дарози Бобиро тар мекарданд. «Гурезед!» гӯён Заҳро наъра кашид ва одамон худро андак ақиб кашиданд. Синаи Бобиро ба синааш монда, вайро аз замин бардошт ва ба сӯи хона равон шуд. Ин дафъа «девор» монанди дарвозаи автоматӣ бемалол калон кушода шуд.

Ин бӯсобӯсии Заҳро, ин ҷасорати ӯро дида, падари Алии шилпуқ — кӯри Ҷалил барин якчанд нафар пирамардон дар гӯшае нишаста, байни худ пичир-пичир карда, ғайбати инҳоро мекарданд:

— Магар ин занаки аз дин гашта девона шудааст?

— Ин Заҳро зан не — балост!

— Касе ки аз дин мегардад, ҷазояш ҳамин аст!

— Ҳар чӣ ҳам бошад, ба ин духтар офарин гуфтан даркор аст, ки аз ӯҳдаи ҳамин қадар кор баромад, — гуфт яке аз мӯйсафедон.

Ин сухани пирамард ба оташи афрӯхтаистодаи иғво ва тӯҳмат об рехта, онро хомӯш намуд.

Баъд аз ним соат яке аз эскадронҳои полки савора ду нафар аз гурехтагонро дастгир намуда ҳамроҳи худ ба қишлоқ, ба ҷои

ҷамъомади одамон, ба дари хонаи Бобӣ расида омад. Командири эскадрон ба воситаи тарҷимонаш аз издиҳом пурсид, ки:

— Ба муқобили босмачиҳо ҷанг кардагӣ кӣ буд?

Ин савол ду бори дигар такрор шуд. Ҳеҷ кас ҷавоб надод.

Командир ҳайрон шуда истода буд, ки аз паси одамон Заҳро баромад ва бо вазъияти ситезакорона ба вай нигоҳ карда:

— Бо онҳо одам ҷанг карда буд, — гуфт.

Тарҷимон ин гапҳои Заҳроро ба командир тарҷима накарда:

— Охир кӣ ҷанг карда буд?! — гӯён андак овозашро баланд карда, ба Заҳро мурочиат намуд.

Ба ҷои ҷавоб Заҳро ангушти ба кадом санге зада хуншор шудаашро нишон дода:

— Докторатон ҳаст-мӣ? — гуфт.

Фелдшери эскадрон аввал ангушти хуншори Заҳроро баст. Баъд Бобиро дид, ба синаи ӯ карнайчаашро монда гӯш андохт, як дам набзи дасти ӯро қапида истод ва пас аз он яраҳои Бобиро шуста ва баста шуд, ба Заҳро нигоҳ карда:

— Апа, твой муж якшӣ буладӣ! — гуфт.

Заҳро хандакунон каллаашро ҷунбонида:

— Харашӯ! — гуфт.

***1933-1935***

## ҲИКОЯИ ДУХТАРАКИ ҶИНГИЛАМӮЙ

Ҳангоме ки аз ин эскадрон мерафтам, ба бачагон таъин карда будам, ки: — илоҷе кунед, имсол ин духтаракро ба интернат диҳед.

Ин дар соли бисту як ё бисту ду буд. Пас аз ин чӣ шуд, чӣ монд, ин духтарак ба куҷо рафт, куҷост, тамоман хабар надоштам. Гоҳ-гоҳе, вақте ки бо ягон таъсири берунӣ, китоби рӯзҳои гузашта дар майнаам варақгардон мешуд, дарҳол дар пеши назарам ситораи гарми ин духтараки нимбараҳна ва ҷингиламӯй ҷилвагар мегардид. Қаҳрамонии ӯ, соддагии кӯдаконаи ӯ завқамро меовард ва ба рафиқонам бо мамнуният саргузашти ин ҷингиламӯйро як ба як нақл менамудам. Агарчи баъзеи онҳо ин ҳикояро борҳо шунида бошанд ҳам, намедонам аз чӣ сабаб «ҳа, ҳикояи духтараки ҷингиламӯй-мӣ?» мегуфтанду бо хушнудӣ боз гӯш меандохтанд.

Имрӯз тасодуфан ба маҷлиси тозакунии ташкилоти партиявии ин колхоз омада будам. Маҷлис кайҳо сар шуда будааст. Дар минбар як зани хушсурати сияҳмӯй, сафедранг, фирӯзачашм вазнинона гап мезад. Костюми бунафшаранги тира ва ботинкаи пошнабаландаш ба худаш бисёр мезебид. Дар сараш на рӯймол дошт, на каллапӯш. Мӯе ки ғуну чин карда, ба қабзаи шона дода шуда буд, аз дарозиаш хабар медод.

Дидори ӯ ба чашмонам ниҳоят гарм намуд. Ӯро дар куҷо дидам, ба ёд оварда натавонистам. Азбаски ба маҷлис дер омада будам, надониста мондам, ки ин зан чӣ ном дорад, чӣ кор мекунад. Аз як нафар колхозчие ки дар паҳлуям нишаста буд, кӣ будани он занро пурсидам. Вай ҳам бо чӣ андешае чашмак заду сафедии дандонҳояшро нишон дода, бо даҳани пур аз носаш:

— Шоферамон, — гуфт.

Гӯё гап аз даҳонаш меафтид. Гапашро фаҳмидам ва бовар накарда такроран пурсидам. Вай ҳам носашро туф карду ханда-кунон:

— Ҳа, маъқул шуд-мӣ, ин занак шоферамон, — гуфт. Ба ин кас чӣ гуфтанамро надонистам. Аз ҷоям хестаму пештар рафта нишастам.

Фақат бо мақсади он ки кӣ будани ҳамин занро бидонам, ба ӯ якчанд саволҳои озмоишкорона додам:

— Чанд сол боз шоферӣ мекунед?

— Ду сол боз. Яъне аз бозе ки дар Тошканд мактабро тамом кардам ва маро ба ин колхоз фиристоданд.

— Чанд бор машинаатон вайрон шуд ва чанд бор ба ремонти асосӣ дода шуд?

— Ягон бор ҳам вайрон нашудааст, вақте ки вайрон намешавад, ба ремонт ҳам намедиҳанд.

Ман аз ӯ чашмонамро намекандам. Бо ин саволҳо кӣ будани ӯро муайян карда натавонистам. Раиси комиссия «боз савол доред-мӣ»? гӯён рамзи «зуд бошед»-ро ифода намуд. Саросема шудам ва чӣ гуфтанамро надониста, қасдан саволи зеринро додам:

— Падаратонро кай кулак карданд ва ҳозир ӯ дар куҷост?

Ин саволи дурушти ногаҳонӣ садоҳои аҳли маҷлисро паст намуда, боиси пичир-пичирҳо гардид. Ҳар дуямон ҳам ҳадафи чашмон гардидем. Аз сафҳои ақиб аксарияти мардум аз ҷояшон хестанд. Бисёрии одамон гӯё ки ин занро акнун медиданд. Яке аз аъзоёни комиссия аз ҷояш нимхез шуда, ба ҳар дуямон синча кард ва баъд ба гӯши раис чӣ гапе гуфт. Чеҳраи шоди ин аъзои комиссияро абри маҳзунӣ пахш намуд. Ҳама мунтазири ҷавоби ҷавобдиҳанда буданд. Вале аҷобати кор дар ин ҷо буд, ки ҳолати ӯ ҳеҷ тағйир намеёфт ва бо нармӣ:

— Падарам ва модарамро намедонам, дар соли бисту як ё бисту ду буд, дар қишлоқамон, дар Сангреза онҳоро босмачиён кушта буданд, — гуфт.

Ҳоло вай гапашро тамом накарда буд, ки ба аъзои баданам ларза даромад. Худам ҳам надониста мондам, бо садои баланд:

— Чӣ?! — гуфтам.

Он гоҳ дар хаёлам ман ба назари мардум одами девона намудам. Вай боз суханашро давом дод. Намондам, ки ӯ гапашро тамом кунад.

— Ту Озода, духтари Ширини даҳмарда нестӣ?! — гуфтам.

Дигар ӯ ҷавоб надод. Ба ин ҳоли ман аз байни қаторҳо фих-фих ханда шунида шуд. Аз ин рафторам худам ҳам изо кашидам. Раиси комиссия ҳам ба ман чӣ гуфтанашро намедонист. Вале он зан манаҳашро болои кафаш монда, оринҷашро ба болои минбар гузошта, ба ман синча карда монд. Дигар аз он малоҳат дараке набуд. Ман аз беҷавобии ӯ ва хандаи мардум дурусттар ба худ омадам. Худ ба худ «хато кардаам-дия» гуфтаму бо сари хам ба ҷоям рафта нишастам. Вале ӯ ҳамоно аз ман чашм намеканд. Гӯё дар ҳамин дам тамоми пешонаи ӯро чин пахш кард. Гӯё ин зани ҷавон ба пиразане мубаддал гардид ва маҷоли даҳанкушоӣ надошт. Ҳеҷ кас гап намезад.

Баъд аз чанд сония боз бо ҳамон нармӣ:

— Рафиқ Илёсов?! — гуфт он зан. Чашмонам чароғ барин равшан шуданд. Парранда барин парида, ду дасташро дароз карда ба пешам омад. Аз хурсандӣ намедонистам, ки чӣ кор кунам, чӣ гӯям. Фақат сарашро беором мемолидам ва:

— Духтарам, азизам, Озодаам, — мегуфтам.

Ин кирдори мо ҳамаро дар ҳайрат гузошт. Аҳли маҷлис маро намешинохтанд, зеро ки ман ба ин район фақат ду рӯз аз ин пеш омада будам. Аз ин саволу ҷавоб ва кирдори ману он зан ҳар кас ба ҳар андешае афтода буд. Вале риши сафеди ман ба гумонҳои беҷо роҳ намедод. Баъд аз ин равиши саволҳо ва ҳатто музокираҳо низ монанди вохӯрии ман ва он зан ғалатӣ гардид.

Раиси комиссия ду-се бор таклиф намуд, то ки ман баромада дар бораи ин зан гап занам. Вале, ман аввал розӣ нашудам. Чӣ гӯям? Баромада таърифи ӯро кунам? Кӯдак буд, қаҳрамон буд, гӯям? Чӣ ҳоҷат? Вале равиши музокираҳо, хусусан суханҳои як нафар колхозчизане, ки назар ба мардон бисёртар қоидаи забонро риоя карда гап мезад ва мегуфт, ки:

— Агар ҳар як колхозчизан ва духтар монанди Озода кор кунад, хонад, хононад, ин колхози пешқадами мо дар Тоҷикистон ҷои якумро мегирифт ва кайҳо мо плани ба давлат пахтасупориро иҷро мекардем, — маро боз далертар намуд. Симои Озодаи имрӯзаро андак ҳам бошад ба ман шиносонд.

* * *

Дар минбар боз ҳастиам ба ҳаяҷон омад. Сари калобаи гапро гум кардам. Дар ниҳоят:

— Ин ҷингиламӯи ман буд, — гуфтам. Як гурӯҳ колхозчиён завқ карданд ва ҳақ ҳам доштанд, ки завқ кунанд. Онон чӣ донанд? Ҳамон аъзои комиссия, ки аз рафтори мо бисёр ба шубҳа афтода буд, низ хандид. — Ман ҳам фаромӯш кардаам, дар соли бисту як ё бисту ду буд... Падару модари инро босмачиён кушта рафтанд. Падараш роҳбаладии аскарони сурх буд. Ҳамин духтарак гӯё ҳаштсола монда буд. Ҳеҷ кас надошт. Мо инро ба гарнизон овардем. Ман ӯро бисёр дӯст медоштам. Дар ҳамон вақт ман ба ӯ дар вақтҳои бекориам алифбо ёд дода, хатшинос карда будам. Бисёр қобил буд.

Рӯзе аз рӯзҳои тобистони ҳамон сол ӯ гум шуд. Қариб тамоми аскарони гарнизон кофтуков намуданд. Наёфтем. Баъзе аскарон монанди он ки хеши наздикашон мурда бошад, гиря мекарданд.

Нисфи шаб буд. Ман дар хона хоб карда будам. Дар берун ғалоғулии калон, садоҳои хушнудии аскарон шунида шуд. Баъд аз чанд дақиқа ҷингиламӯям ба пешам даромада:

— «Амак, хезед, ба қишлоқи Боло босмачиҳо омаданд», — гуфт. Аз мо тахминан дар масофаи 4-5 километр қишлоқе буд, ки ҳоло номашро фаромӯш кардаам. Ҳамон шаб бо мақсади гарнизонро пахш кардан чандсадто босмачиён омада будаанд. Номи қӯрбошиашро ҳам фаромӯш кардаам. Духтар, ки мо вайро гум карда будем, бо чӣ хаёле ҳамон рӯз ба он қишлоқ, ба ҳавлии тағоиаш рафта будааст. Дар нисфи шаб, ҳангоме ки босмачиён меоянд, ба тағояш хабар надода, пинҳонӣ ба қишлоқи

мо баргашта меоянд ва моро хабардор мекунад. Ба ҷои ин ки босмачиён моро пахш кунанд, дар худи ҳамон шаб мо онҳоро пахш кардем ва дар натиҷа як дастаи босмачиён нест карда шуд.

Баъд аз ин мо ӯро ба кори босмачиёбӣ борҳо истифода намудем. «Ба ҳавлии холаам ё ки амакам меравам» — гӯён бо роҳҳои мо нишондода, ба ҷойҳои мо фиристода мерафт ва дараки босмачиёнро ёфта меомад. Бо ин духтарак ҳар гуна воқеаҳои ғалатӣ рӯй дода буд, ки ман ҳамаи онҳоро ба шумо нақл карда намешинам. Фақат ҳамин қадарашро мегӯям, ки дар яке аз ин гуна сафарҳояш ин дар қабати барф монда ҳар ду пояшро хунук зада буд. Вақте ки мо инро ба гарнизон овардем, майда буд, дар танаш куртаи сурхи бисёр чиркин дошт. Телпаксар буд. Мӯйҳои кӯтоҳи чанголуд ва ҷингилае дошт. Ман дар ҳамон вақт инро «Ҷингиламӯй, ҷингиламӯям» гуфта эрка мекардам. Аскарон «духтари гарнизон» меномиданд. Сидоров — начлники гарнизонамон, инро «гурбачаи ошолудам» — гӯён навозиш мекард.

Ман инро монанди фарзанди азизам дӯст медоштам. Дувоздаҳ сол боз гум карда будам ва имрӯз ёфтам.

* * *

Баъд аз ман парторги колхоз баромада, дар бораи ӯ сухан ронд. Ҳар як сухани ӯ дар бораи ҷингиламӯям ба мани пирсол як қабат гӯшт меафзуд.

***1934***

# ОДАМ ДАР ХАЛТА

Ӯро чанд кас ба машинаи «ёрдами таъҷилӣ» бор карданд. Ҳанӯз ҳам вай дар халта буд. Дар машина аз халта фақат каллаашро бароварда монданд. Рӯи занбар хобида буд. Чашмонаш пӯшида буданд. Ҳуш дошт, ё не, ҳеҷ кас муқаррар карда наметавонист. Машина рост ба касалхонаи шаҳр равон шуд.

Бадбахтона имрӯз дар машина доктори навбатчӣ набуд. Ҳеҷ яке аз санитарҳо ба зинда мондани ӯ бовар намекард. Ҳар кас ба хаёлаш «албатта мемирад» мегуфт.

Ҳангоме ки дар ҷарроҳхона ӯро аз халта кашида гирифтанд ва ба рӯи столи ҷарроҳӣ гузоштанд, одам ё лаҳми гӯшт будани ӯро фарқ кардан душвор гардид. Куртаву эзораш ақаллан доғи сафеде надошт. Гӯё пӯшоки ӯро ба хуми қирмизии рангрез ғӯтонида гирифта буданд. Дар баъзе ҷойҳои куртааш хуни сиёҳтоб шах шуда монда, ба назар ҳамчун гӯштпорае менамуд.

Дар ҷарроҳхона оромӣ ҳукмфармо буд. Доктори калон — марди солхӯрда бо диққати том бо пахтаи тар хунҳои ӯро мешуст. Яке аз ҳамширагони шафқат, зани қадбаланд, хушсимо ба ӯ ёрӣ медод. Дар ниҳоят он зан тоб оварда натавонист:

— Ҳайвонҳо! — гуфту беихтиёр бо остини пешбандакаш ашконашро пок кард ва бо ҳамин хомӯширо вайрон намуд. Доктори калон гап назаду аз паси айнакаш ба вай як нигоҳ карда гирифт.

Доктор корашро тамом кард ва ба ҳамон ҳамшира:

— Осуда бошед, баъд аз ду ҳафта тамоман саҳат шуда меравад, — гуфт ва ба дигарон фармуд, ки ӯро ба хонаи алоҳида бурда хобонанд.

Рӯзҳо паи ҳамдигар мегузаштанд. Ҳамон ҳамшира аз ӯ ҳеҷ дур намешуд. Бемор рӯз ба рӯз беҳтар мешуд. То мӯҳлати доктор таъинкарда вай хеле дуруст шуда монд. Ҳатто бо ёрии як кас оҳиста-оҳиста роҳ мегаштагӣ шуд. Ҳамшира чӣ навъ рӯй додани воқеаро аз ӯ ҳеҷ намепурсид ва хаёл мекард, ки бо ҳамин азобҳои кашидаашро ба ёдаш меорад ва ӯро аз сари нав азоб медиҳад.

Имрӯз вай дар болои каравот паҳлу зада нишаста буд. Ба ҷои чилим папиросеро, ки ҳамшира аз доктори калон илтимос намуда оварда буд, мекашид. Рӯзҳои гузашта ва азобҳои кашидаашро як ба як ба ёдаш меовард. Вале чи тавр ва аз куҷо ба ин ҷой омада мондани худро тасаввур карда наметавонист. «Ҳар чи ҳам бошад, аз як мурдан мондаам» гӯён худ ба худ табассум намуд ва дуди папиросашро фағона занонд. Ҳангоме ки ҳамшира ба хона даромад ва аз ӯ ҳолпурсӣ намуд, вай бо садои паст:

— Маро ба ин ҷо кӣ овард? — гуфт.

— Мо овардем! — гуфт ба ҷавобаш ҳамшира ва гапро ба сӯи дигар бурд, аз аҳволи касалхона гап сар кард. Ниҳоят тоқат карда натавониста, дар охири гапаш: — Шуморо кӣ зад? — гуфт.

— Одамон! — гуфт ба ҷавобаш вай ба чашмони сиёҳ ва мижгонҳои дарози ҳамшира синча кард ва хеле вақт ором монд. — Ман дар меҳмонхонаи шахсе будам, — гӯён оҳиста-оҳиста ба ҳикоят сар кард. — Палавро дам карданд. Ҳамагӣ ба дастшӯӣ шурӯъ кардем. Ёд дорам, ба лаби обрез наздик шудам ва соҳиби хона аз офтоба ба дастам об мерехт. Як чизе ба тахтапуштам сахт расид. Сарнагун шуда ба рӯи тахтаи обрез афтодам. Ҳамон зарб чанд бори дигар такрор шуд. Дигар аз дунё хабар надорам. Вақте ки ба худ омадам, худро дар ҳамин хона дидам.

— Вайҳо ба шумо қасддор буданд? — ҳамшира бо саросемагии бачагона ба ӯ савол дод.

Вай табассум намуду аз симои гулгуни ҳамшира чашм наканда:

— Ҳа, — гуфт.

Дигар ҳамшира ӯро ба ҳолаш намонд. Вай ҳам маҷбур буд, ки воқеаро як ба як нақл намояд:

...Се моҳ боз ман котиби ячейкаи партиявии колхоз будам. То он дам дар МТС тракторронӣ мекардам.

Ин колхоз хеле калон бошад ҳам, ниҳоят ақиб монда буд. Ягон бор ягон планашро иҷро накарда буд. Политотдел барои қувватнок кардани кор, маро ва якчанд рафиқони дигарро аз колхозҳои бақувват гирифта, ба ин колхоз фиристод. Чанд рӯзи аввалро мо бо ошношавӣ бо пастию баландиҳои колхоз гузаронидем. Баъд корро сар кардем. Дар тамоми соҳаҳо кор ба ҷӯш даромад. Вале дар ҳар қадам ба зиддият дучор шудем. Ҳатто шабе ба 20 қанор пахтаи чинаки якуми мо оташ заданд...

Симои колхоз ба мо равшан шуд. Дар колхоз 7—8 нафар касоне буданд, ки ҷои онҳо колхоз набуд. Чаро онҳо дар қишлоқ мондаанд, чаро кулак шуда нарафтаанд, номаълум. Онҳо ҳатто ба колхоз ҳам даромада гирифтаанд...

— Чаро онҳоро аз колхоз ҳай накардед? — гуфт ҳамшира сухани ӯро бурида.

— Сабр кунед, — гуфт ба ҷавобаш ӯ ва як дона папироси боқимондаро кашид. Пас «ҳама кор ба навбаташ мешуд» гӯён боз ҳикояташро давом намуд: — Мо онҳоро аз колхоз баровардем. Тамоми корҳои колхозро аз нав дуруст кардем. Натиҷа ҳамин шуд, ки то ҳамон рӯзе, ки вайҳо маро ба ин ҳол оварданд, колхозамон плани солонаи пахтасупориро 95 протсент иҷро карда буд. Баъд аз ду рӯзи дигар мебоист план пурра иҷро шавад... Намедонам, ҳозир аҳвол чӣ тавр бошад? Маро ҳеҷ кас пурсида наёмад?

— Ҳар рӯз гурӯҳ-гурӯҳ деҳқонон меоянд, аммо доктори калон барои даромадан ба пеши шумо иҷозат намедиҳад. Ҳар рӯз «андак, фақат чанд рӯзи дигар сабр кунед, дуруст шуда меравад» мегӯяд. Ин кулчаҳо, харбузаҳо ва ангурҳоро ҳамонҳо меёранд, — гуфт ҳамшира.

Вай ҳам дигар гап назад. Ҳар ду хомӯш шуданд. Аз пешонаи ӯ арақи хунук ба шоридан сар кард. Ҳамшира оҳиста-оҳиста онро пок карду:

— Шуморо монда кардам, хоб кунед, — гуфт.

— Не, баръакс, маро дилшод кардед, — гуфт ӯ ва боз ба сухан даромад:

...Онон аз ин пеш ҳам як бор ба ман ҳуҷум карда буданд. Вале он дафъа ҳам ба муродашон нарасида буданд...

Дар сари роҳи ман, аз идораи колхоз то хонаам, дар лаби ҷӯй ғайр аз дарахтони дигар, як бех дарахти сада ҳам ҳаст. Ин дарахт бисёр калон ва босалобат аст. Дар тобистон аз қабатҳои он заррае нури офтоб намегузарад. Дар шабҳои маҳтоб зери он гӯр барин торик аст.

Шабе, баъд аз маҷлиси партиявӣ, дар идора нишаста хеле кор кардам. Шаб аз нисф гузашта буд. Қишлоқ дар хоб буд. Гоҳ аз дур, гоҳ аз наздик сагон аккас мекарданд. Дигар ҳеҷ садое хомӯшии шабро вайрон намекард. Дар идора маро хоб пахш кард. Хамёзакашон ҷомаамро ба кифтам гирифтаму ба кӯча баромадам ва рост ба тарафи хонаам роҳ сар кардам.

Торикшаб буд. Ман аз торикӣ наметарсидам. Ба ҳамон садаи калон қариб дусад қадам монда буд, ки саг барин як чизи чорпо аз таги сада баромада ба тангкӯчае, ки дар рӯ ба рӯи он буд, даромада пинҳон шуд. Дилам ҳаросид. Бо вуҷуди он «саг будагист-дия» гуфтаму ба худ тасалло додам. Ба ҳар ҳол аз кисаам «наган»-ро бароварда тайёр шудам ва ба роҳам рафтан гирифтам. Чанде ки ба сада наздиктар мешудам, ҳамон қадар зиёдтар дилам метапид. Ба сада наздики понздаҳ-бист қадам монда буд, ки дар зери он шабаҳи ду касе ба назарам намуд. Ва аз тангкӯча ҳам ғибир-ғибири садоҳо шунида шуд. Бо садои баланд:

— Кист он? — гуфтам ва аз «наган» як тир холӣ кардам. Ба ҷои ҷавоб садои баланди дашном баромад. Ва аз ҳар ду тараф чор кас баромада пеши роҳамро гирифтанд.

Дигар фурсатро аз даст додан мумкин набуд. Ба ақибнишинӣ сар кардам. Ман дам ба дам тирхоликунон давида то ба идораи колхоз расидам. Онҳо маро пеш карданд. Вайҳо низ гоҳ-гоҳе тир холӣ мекарданд...

— Ин гапҳоро дигар нагӯед, дилам ба бозӣ кардан сар кард, — гуфт ҳамшира. — Шумо дар меҳмонхона даст мешустам гуфтеду?

— Не, ман ба шумо гуфтам-ку, ин воқеа аз ин тахминан ду ҳафта пеш рӯй дода буд.

— Ҳа, ин тавр гӯед. Хаёлам ба куҷоҳо рафт. Чаро ба меҳмонхонаи душманон рафтед?

— Душманро шинохтан бисёр душвор будааст. Ҳар қадар тоза кунед ва чинед ҳам, ин лаънатӣ курмаки биринҷ барин якто-нимто мемондааст... Набошад, ҳамон одаме ки ман ба меҳмонхонааш рафтам, ба назарам, хеле одами дуруст буд. Дар колхозамон чанд сол боз завхозӣ мекард. Дар ҳар кор ба ман ёрӣ медод. Ҳатто сирри баъзе кулакҳоро худи ӯ фош карда буд. Ман чӣ донам? Канӣ, шумо гап занед, маро аз куҷо ёфта овარданд?

— Субҳи барвақт як деҳқон омада хабар дод. Доктор набуд. Мо зуд равона шудем. Шуморо дар як боғ, дар даруни халтае ёфтем. Мо равем, ки деҳқонон даҳани халтаро кушодаанд. Мо ҳам бо ҳамон халта шуморо ба ин ҷо овардем. Аз ҳамон вақт шуморо дар ин ҷо ҳам «одами халтагӣ» меноманд, — гуфт ҳамшира.

Ҳар ду хандиданд, завқ карданд.

***1935***

# РАШК

Занро Саодат ном буд, шавҳарро Солеҳ. Ҳар ду дар як ҷо, дар мактаби миёна муаллимӣ мекарданд. Зан дарси табиатшиносӣ медод, шавҳар — география. Зан — фараҳманд, хушҳол, хушчақчақ, — гули ҳамешабаҳор буд, баҳори умрашро хушу хурсанд мегузаронд. Ба комёбиҳояш завқ мекард, нокомиҳояшро писанд намекард.

Мард акси ӯ буд. Ғами ниҳонӣ мехӯрд. Мудом рӯҳаш пажмурда буд. Азоби виҷдонӣ мекашид. Рози дилашро ба касе намегуфт. Ҳамаи ин бесабаб набуд. Вай ғами шарикаш Саодатро мехӯрд. Гӯё занаш ба дигаре дил дода буд. Гуё Саодат дар ҳар қадами худ ба ӯ хиёнат мекард.

Зан ҳам инро ҳис мекард. Ба ин ҳоли шавҳараш аз таҳи дил механдид. Лекин аз ин хусус даҳан намекушод. Бе гап сабаби инро ҷустуҷӯ менамуд. Барои ин ки рози ниҳонии шавҳарашро ошкор намояд, қасдан вай бештар ва бештар озодона рафтор менамуд. Дар ҳар маврид ғаши шавҳарашро меовард.

Дирӯз гиреҳ кариб кушода шуда буд. Дар вақти танаффус зану шӯй ҳамроҳи чанд нафар муаллимони дигар дар муаллимхонаи мактаб чойнӯшӣ мекарданд. Муаллими физика, ҷавони хушрӯе, дар хусуси кадом масъалае бо Саодат баҳс менамуд, дид, ки стакани Саодат холӣ аст, дарҳол бо иҷозаташ аз буфет як стакани дигар чой оварда, ба пеши ӯ гузошт. Шакари коғазпечашро ба рӯи стол нагузошта, ризомандии ӯро пурсид, то ки ба чояш резад.

Солеҳ ин кирдори муаллими физика ва рафтори занашро бо қирраи чашмаш таъқиб менамуд. Лекин даҳан боз накард. Ранги рӯяш андаке парид. Тамоми аъзои баданаш ба ларза даромад. Ҳанӯз зангӯларо назада, аз муаллимхона баромада рафт. Ин

ҳам гузашт. Шавҳар ин дафъа ҳам дандон ба дандон монда, гап назад. Лекин воқеае ки дишаб рӯй дод, як алами шавҳарро сад намуд ва муносибати ҳар дуяшонро хеле тунду тез кард.

Дар театр «Маликаи Турандот» монда мешуд. Зану шӯй ба мукофоти меҳнати чандҳафтагии худ даст аз зери дасти ҳамдигар гузаронида, роҳравон қадам шумурда, ба тамошо омаданд. Бадбахтона ҳамон муаллими физика ҳам ба театр омада буд. Дар вақти танаффус онҳо ба ҳамон муаллими хушрӯй ва боз як нафар муаллими айнакдор вохӯрданд.

Дар буфет, дар сари шишаҳои лимонад ва қатори стаканҳои чой бозори гап авҷ гирифт. Сухан дар бораи дарс ва корҳои мактаб мерафт. Муаллими айнакдор аз методи баъзе ҳамкасбҳои ғоибаш, аз «рафторҳои номуносиб»-и мудири илмӣ бадгӯӣ мекард. Дар ин асно вай бемалол «пашшаро шутур карда» нишон медод.

Ин ғайбату иғвогарӣ дар ҳаққи муаллимони ғоиб ба дили Саодат зад. Як-ду бор ба шавҳараш имову ишора кард, ки аз ҷояш хезад. Вале вай ҳар боре каллаашро ҷунбонида, ишораи «хуб»-ро мефаҳмонаду аммо аз ҷояш намеҷунбид. Ниҳоят, Саодат ба ҳамон муаллими физика рӯ оварда, хоҳиш намуд, ки ҳамроҳаш дар фойе давр занад. Ӯ ҳам дарҳол розӣ шуд. Саодат аз шавҳараш иҷозат гирифт. Солеҳ низ дилу бедилон «хайр» гуфту рӯяшро турш намуда дар ҷояш нишастан гирифт. Аз паси ҷуфт-ҷуфт занон ва мардоне ки бо саргармии сӯҳбат қадампартоӣ карда дам мегирифтанд, инҳо ҳам ба гардиш ва чақ-чақ сар карданд.

Ҳангоме ки баъд аз сигнали дуюм Саодат аз паси одамон ба зал даромад, Солеҳро дар ҷояш надид. Ин гуна кирдори ӯ Саодатро хеле ошуфта карда бошад ҳам, лекин «каллаи кафида бояд дар зери каллапӯш бимонад» гуфтагӣ барин вай сиррашро бой надод, ба назар вазъияташ тағир наёфт. Пас аз тамом шудани тамошо аз ҳамон муаллими физика хоҳиш намуд, ки ӯро ба хонааш гусел кунад.

Солеҳ ӯро аз остонаи дар бо суханҳои:

— Набиё, ба пеши хушдорат рав! — истиқбол намуд.

Ин пӯписаи ӯро Саодат бо қаҳ-қаҳи баланд пешвоз гирифт. Ин хандаи болохонадор Солеҳро боз оташинтар кард. Гӯё Солеҳ дар ҳаёти худ акнун забон бароварда бошад, ба гап даромад. Суханҳои қабеҳтарини кӯчагӣ бе ҳеҷ гуна андешае ба унвони Саодат гуфта мешуданд. Вай бо ҳамаи ин ҳам қаноат накарда, дам ба дам Саодатро заданӣ шуда, ба сараш метохт.

Саодат гап намезад. Беором механдид ва бо ҳамин ӯро мағлуб мекард. Инро худи Солеҳ ҳам ҳис менамуд. Дар ниҳоят:

— Хайр, як рӯз зистан, як рӯз мурдан будааст. Агар як чумча хуни туро нахӯрам, ман аз камари падарам нашудаам, — гуфта, Солеҳ давида рафта аз токчаи хона корди ошро гирифт ва ба сари Саодат омад.

Саодат ин ҳолро дида, якбора хомӯш шуд. Хандаи ӯ ба монанди риштаи марҷон канда шуд. Акнун фақат токчаҳои хонаи шифтбаланди нақшин акси садои онро медоданд. Рухсораи гулгуни ӯ боз гулгунтар шуд. Бошиддат:

— Бишин, аҳмақ! — гуфт Саодат. Овозаш меларзид, чашмони сиёҳаш монанди оташ медурахшиданд. Худи ҳамин вазъияти ӯ шасти Солеҳро гардонд. Чанд сонияе нагузашта, Солеҳро маҷоле намонд, ки ба ӯ наздик биёяд. Саодат боз: — аҳмақ ту! — гуфт.

Солеҳ карахт шуда монд. Ниҳоят мисли шахси аз шароб сархушгашта калавила-калавида ба сари стол омад ва нишаста, сарашро ба кафи дастонаш ниҳода ба хаёли дуру дарозе ғӯтавар шуд. Саодат оҳиста-оҳиста ба болои сари ӯ омад ва ба гап сар кард:

— Маро ҳеҷ кас бо зӯрӣ ба ту надода буд-ку! Магар фаромӯш кардӣ, ки ман ба гапи падару модарам гӯш накарда, фақат туро гуфта будам?..

Солеҳ хомӯш буд. Ҳар як калимаи Саодат гӯё тире буд, ки ҳеҷ хок нахӯрда рост ба ҳадаф расида меистод.

— Магар маро намешиносӣ? Ман канизи ту нестам! Ман шарики туям... «Бирав, бирав!» мегӯӣ! Оё ман рафта наметавонам? Албатта метавонам... Аммо ҳаминро ҳам аз хотир наба-

рор, ки ман каллапӯш нестам, ки имрӯз дар сари ин мард бошаму пагоҳ дар сари марди дигар!

Солеҳ монанди бачаи озордидаи гиряолуд базӯр дамашро гирифта:

— Пас ҳамин тавр ки бошад, чаро бо вай, физик, қиқир-қиқир мекунӣ? — гуфт.

— Ба худо ки ту кӯдак будаӣ, — гуфт Саодат боз асабитар шуда ва суханашро давом дод: — Ман духтарчаи майда нестам. Ман муаллимаи мактаби миёнаам. Маълумоти олӣ дорам.

— Ҳар чӣ ҳам бошад, ту зани ман ҳастӣ!

— Хӯш?!

— Ту чӣ ҳақ дорӣ, ки... — Ҳанӯз Солеҳ гапашро тамом накарда, Саодат:

— Ту ҳанӯз «алиф»-ро аз «бе» ҷудо карда наметавонистаӣ! Ту ҳаминро нағз дон ва аз хотират набарор, ки хандидан, завқидан — ин хиёнат кардан нест. Хӯш, чаро ман нахандам, чаро ман назавқам? Не, Солеҳ, ман дигар ғаму андӯҳро ҳамроҳи фаранҷӣ ва шариат, ҳамроҳи чордевор ва канизӣ, ҳамроҳи пайравони инҳо ба гӯр равона кардаам. Дигар ҳаминро фаромӯш накун, ки ман духтари озоди сарзамини озодам!

Солеҳ дигар ба гапҳои Саодат гӯш накарду аз хона баромада рафт.

Вақте ки мисли ҳамешагӣ Саодат пагоҳирӯз барвақт аз ҷояш хест, дар паҳлуяш Солеҳро надид ва аз рӯи стол чунин хатчаеро пайдо намуд:

«Саодат!

Ман рафтам. Дигар бо ту зиндагӣ карда наметавонам. Хайр. Солеҳ».

Баъд аз ду ҳафтаи ин воқеа, масъалаи Солеҳ дар бюрои ячейкаи комсомолон гузошта шуд. Ба ин худи Солеҳ сабаб шуда буд. Вай пас аз ҷудо шудан аз Саодат, чанд рӯз пай дар пай ба дарс наомада, майхӯрӣ карда гашт. Ташкилотҳои мактаб сабаби инро ҷустуҷӯ намуданд ва масъалаи ӯро дар бюро монданд.

Ба саволҳои паси ҳамдигари аъзоҳои бюро Солеҳ:

— Ин қадар ба болои сӯхта намакоб напошед, — гуфт. — Ман аз ташкилотам ҳеҷ сиррамро пинҳон намедорам. Рости гапро гӯям, ман рашк карда будам. Аммо хато кардаам. Ман ҳеҷ гуна хиёнати Саодатро надида, ӯро дуруст насанҷида, рашк бурдаам ва тезӣ ҳам кардаам. Ҳаёти дуҳафтагии бесаодатам, кӣ будани ӯро ба ман шиносонд. Тайёрам, ки аз ӯ узрхоҳӣ кунам.

Маҷлис дигар кашол нашуд.

Пас аз маҷлис Солеҳ ва Саодат монанди пештара хушу хурсанд қаҳ-қаҳзанон хандида рост ба хонаашон равона шуданд. Гӯё миёни ҳар дуи инҳо ҳеҷ воқеае рӯй надода буд.

***1935***

# МАРҲАБО, БАҲОР!

Баҳор, боз омадӣ?

Биё!

Марҳабо!

Биё, ман акнун душмани ту наям. Биё, ман ошиқи туям, ту нозанини ман ҳастӣ!

Баҳор, маро бубахш!

Магар ёдат намеояд? Замоне буд, ки ману ту ҷангӣ шудем. Туро на тоб доштаму на тоқат.

Солҳои сол шуоъҳои хуршеди мунаввварат монанди ханҷари тез синаамро чок карданд. Сабзаҳои навхезат ба рӯҳи пажмурдаи ман озуқа надоданд. Паррандаҳои хушхонат суруди мотами маро сурудаанд.

Инсоф кун! Магар ман гунаҳкор будам? — Ҳеҷ! Ту ҳам не! Ҳазорон бор не. Гунаҳкор дигарон буданд, дигарон!

Ёд дорӣ? Ман кӯдак будам. Фақат ҳафт сол доштам. Ана дар ҳамон айёми фараҳмандӣ нагузоштӣ, ки ман озодона, пурра нафас кашида, монанди дигарон болу пар занам. Завқ кунам. Бо овози баланд, бо тамоми овоз қоҳ-қоҳ занам. Аз нашъаи кӯдакӣ баҳраманд шавам.

Навозишам накардӣ, ба сарам кӯфтӣ.

Ҳеҷ ёдат меояд? Рӯзе ҳамроҳи падарам ба саҳро баромада будам. Парвои оламро надоштам. Рӯи майсаҳои махмалинат ғел мезадам, медавидам, метохтам. Бунафшаҳои муаттаратро бӯй мекардам, аз бӯяшон сер намешудам.

Ман чӣ донам? Худат бигӯй, мани кӯдак аз чӣ хабар доштам? Ҳаёт? Ҳамин ҳастӣ аз они ман, падару модар ғуломи мананд, мегуфтам ва худро яктои аз гулҳои гулистонат мешумурдам.

Падарам ҷуфт меронд. Дам ба дам «ҳӯш-ҳӯш» мегуфт ва садои говрониаш шунида мешуд.

Вале даре нагузашт. Офтоби ҷаҳонтобат ҳанӯз рост наомада буд, ки олам дар пеши ҳамин чашмони ман тира гардид. Овози падарҷонамро дигар нашунидам. Говҳо дар миёнҷои замин ҳайрон ва маъюс истода буданд... Вай, падарам, дар паси онҳо дароз кашида хобида буд.

Давидам, фарёд задам:

— Падарҷон!

Фақат як бор чашмонашро кушод:

— Писаракам, ман мемирам!.. — гуфт. Дигар садояш набаромад...

Фақат ҳаминро медонистам, ки падарам ду рӯз боз нон нахӯрда буд. Модарам ҳам гушна буд. Нон!

Дод гуфтам, фарёд задам, касе маро нашунид. Мардум падарамро ба гӯристони дури қишлоқамон бурданд. Гуё аҷал ва тамоми ҳастӣ ба ҳоли ман тамасхур карданд.

Дере нагузашт, ман дар дари хӯҷаини падарам ғуломбача шудам. Ба як мушт — як бурда нон хӯрдам!

Ана, баҳор, барои чӣ ман туро дӯст надоштам. Ҳар сол, ки ту ҷилвакунон меомадӣ, додгӯён то ба гӯри падарам рафтанам ба ёдам мерасид. Туро кушандаи падарам мепиндоштам.

Не, ман хато кардам.

Маро бубахш, баҳор!

Ту гунаҳкор набудӣ. Донистам, гунаҳкор ҳамон мӯйсафеди одамсирати ҳайвонтабиат будааст, донистам.

Биё баҳор!

Марҳабо!

Биё, то ки ман акнун ба ту таронаи одами озод, таронаи саодатро суруда, заминҳои зарбахши колхозамонро биронам.

Биё, ки офтоби тиллогунат роҳи тракторамро равшан кунад!

Баҳор!

Рафиқам баҳор! Биё ба гӯшакат як гап мегӯям. Лекин ба ҳеҷ кас нагӯй, ман шарм медорам, чунки ман-манӣ ба одам намезебад.

Баҳор, медонӣ-мӣ?

Ман дигар кӯдаки гирёнчак, ғуломи зархариди бой нестам.

Ман яктои миллионҳо муборизони далер, яктои армияи бузурги бинокоронам, ки имрӯз мо зимистони қаҳратунро ба баҳори абадӣ мубаддал карда истодаем.

Баҳор,

Марҳамат, баҳористон!

***1936***

## МУҲАББАТ[1]

Муҳаббат бесавод буд. Ҳатто фамилияашро ҳам навишта наметавонист.

Шавҳари Муҳаббат коркуни масъули советӣ буд. Панҷ сол боз аз қишлоқ омада, дар шаҳр кор мекард. Аввалҳо бисёр содда ва гӯл буд ва аз олам хабар надошт. Дар муддати ин панҷ сол вай хеле доно шуда буд. Акнун аз ҳама чиз хабар дошт. Акнун на танҳо фамилияашро навишта метавонист, балки бисёр кордон шуда ва бемалол як муассисаи калонро идора мекард.

Аз бесавод будани занаш вай бисёр шарм медошт. Ҳар боре ӯ:

— Муҳаббатҷон, ақаллан ту навиштани фамилияамонро ёд гир — мегуфт, — фамилияи мо бисёр осон, фақат аз се ҳиҷо иборат аст — Ёр-зо-да. Охир ту ҳаминро ҳам навишта наметавонӣ!

Муҳаббат парво намекард ва ҳамеша бо табассум ҷавоб медод:

— Шумо ҳам қизиқ-а, акнун ман мулло шуда ҳам ба куҷо меравам? Ё ба ягон идора калон мешавам-мӣ? Сол ба сол пир шуда истодаам. Ба майнаам ҳеҷ чиз намедароянд. Монед, ҷигаратона хун накунед, маро ҳам беҳуда дар азоб намононед. Ҳар чи қадар заҳмат кашед ҳам, ман боз алифро калтак гуфтан мегирам. Намешавад. «Деҳ куҷою дарахтон куҷо» гуфтагӣ барин ман куҷою савод куҷо? Монед, акнун пионерони ҷавон хату саводашонро бароранд. Ман бошам ҳамин тавр умрамро мегузаронам.

Ёрзода бисёр серкор буд. Барои тарбияи занаш вақти зиёд сарф карда наметавонист. Ҳамеша таассуф намуда, каллаашро

1. Сюжет аз М. Зощенко.

меҷунбонду «баъд пушаймон мехӯрӣ, аммо суд намекунад» мегуфт ва дигар гап намезад. Муҳаббат ба ин гапҳои шавҳараш дар дилаш механдид.

Бо вуҷуди он, рӯзе Ёрзода як китобча овард:

— Мана, — гуфт ӯ, — Муҳаббатҷон, ин алифбои худомӯзист, ки бо методи охирин тартиб дода шудааст, ман ба ту худам ёд медиҳам.

Муҳаббат рустӣ писханд зад, алифборо ба дасташ гирифт. Варақ зад. Суратҳояшро бедиққатона аз назар гузаронд. Пас аз рафтани шавҳараш онро ба токчаи баланди хона ҳаво дод ва худ ба худ:

— Ягон рӯз ба фарзандонамон ё ки ба фарзандони онон даркор мешудагист, — гуфт.

Рӯзе ӯ ба сари кор нишаст. Шалвори даридаи шавҳарашро ямоқ карданӣ буд.

Муҳаббат чокро ба даст гирифт. Ба сӯзан ришта гузаронд. Дасташро ба даруни эзорпочаи шалвор андохт. Дар кисаи шалвор чизе шақар-шуқур кард.

— Оҳ, худо дод, албатта ин пул аст, — гӯён хурсанд шуд.

Дид ки мактуб аст. Мактубчаи топ-тоза ва пакеташ ҳам бисёр силиқ аст ва ба рӯи он ҳарфҳои майдаи хушрӯй навишта шудааст ва аз коғаз ҳам андак бӯи атр меояд. «Чаро аз ин бӯи атр меояд? Албатта ин мактуби ягон духтар ё зани фасони инзамона бошад даркор» — гуфт ӯ худ ба худ. Дилаш ба тапиш даромад. Ранги рӯяш парид.

«Наход, ки, — хаёл кард ӯ, — шавҳарам маро фиреб диҳад? Наход, ки ӯ ба духтарон ё занони хушрӯи саводнок ва пешқадам хат нависад ва аз онон хат гирад?»

Муҳаббат ба пакет синча карда, мактубро бароварда гирифт ва коғазро яла кард.

Муҳаббат дар умри худ якум маротиба пушаймон хӯрд, ки хату савод надорад. Ӯ фикр кард, ки: «агарчӣ ин мактуб ба номи шахси дигар навишта шуда бошад ҳам, аммо ман бояд бидонам, ки нависандааш чиҳо навиштааст? Балки ба сабаби ҳамин хат дар оянда ҳаёти ман тамоман дигаргун мешавад ва маро лозим

меояд, ки хонаву ҷоямро партофта ба қишлоқ равам ва ҳамроҳи падарам дар колхоз кор кунам».

Муҳаббат гиря кард ва ба хотираш расид, ки дар вақтҳои охир тамоман дигаргун шудани шавҳараш ҳам бегап набудааст. Набошад, чаро ӯ чанд ҳафта боз риши худро тез-тез тарошида мегардад ва умуман худашро бисёр ҳам зебу зинат медиҳад?

Муҳаббат дар ҷояш нишаста монд. Аз мактуб чашмонашро намеканд. Монанди бачаи хурдсол ҳунгас зада мегирист. Мактубро хонда натавонист. Онро ба ягон дугонааш хонониданӣ шуд, аммо изо кашид. Бачаи ҳамсояро ҷеғ зада хононам-мӣ гуфта хаёл кард.

«Вале, бача-дия, мумкин аст, ки ба ҳар кас гӯяд» гуфт худ ба худ. Ҳар чӣ бошад, «сар равад ҳам, сир наравад» — гӯён аз ин фикр ҳам гашт ва зӯраш боз ба гиря расид.

Баъд мактубро ба сандуқчае, ки дар он ду кулча собуни ироқӣ, шона ва дигар чизҳои майда-чуйдаашро ҷой карда монда буд, андохт ва онро руст карда ва калидашро ба яке аз токчаҳои баланди хона ҷогаҳ намуд. Вақте ки шавҳараш аз кор омад, дар ин хусус ба ӯ ҳеҷ гап нагуфт, баръакс, бо садои ором, ба шавҳараш рамз намуд, ки камтар хондан ва саводнок шуданро мехоҳад ва зани бесавод ва ақибмонда будан ба дилаш бисёр задааст. Ёрзода аз ин гапҳои занаш шод шуд.

— Бисёр хуб, — гуфт ӯ, —ба ту худам ёд медиҳам.

— Хайр, ёд диҳед, — гуфт Муҳаббат.

Вай дар назди шавҳараш нашаста, ба хондан сар кард.

Муҳаббат ду моҳи расо зӯр зада, хонданро омӯхт. Вай калимаҳоро бо сабру тоқат ҳиҷо ба ҳиҷо менавишт, ҳарфҳоро қатор ба қатор ба рӯи коғаз мекашид ва ҷумлаҳоро мехонд. Ҳар рӯз дар вақти набудани шавҳараш ҳамон мактубро аз сандуқчааш мегирифт ва кӯшиш мекард, ки маънои ниҳонии онро бифаҳмад.

Аммо ин кор осон набуд. Фақат дар моҳи сеюм Муҳаббат хату саводашро баровард.

Пагоҳирӯзӣ, ҳангоме ки шавҳараш ба кор равона шуд, Муҳаббат бо хаёли он ки ногаҳои касе даромада наояд, дари

хонаро занҷир карду мактубро гирифта аз таҳи дил диққат карда ба хондан шурӯъ намуд.

Ӯ мактуби майда навишташударо бо азоб хонда тавонист. Мактуб ба унвони Ёрзода навишта шуда буд.

Муҳаббат хонд: «Рафиқи мӯҳтарам Ёрзода.

Алифбоеро, ки ба шумо ваъда карда будам, фиристодам. Ман фикр мекунам, ки зани шумо дар муддати ду-се моҳ саводашро бароварда метавонад. Рафиқҷон, ваъда диҳед, ки ӯро саводнок хоҳед кард. Ба ӯ талқин кунед, фаҳмонед, ки зани бесавод будан чӣ гуна бад ва шармовар аст.

Мо имсол дар Тоҷикистон бесаводиро барҳам медиҳем. Чаро одамони ба худамон наздикро фаромӯш мекунем?

Албатта ӯро саводнок кунед!

Бо саломи коммунистӣ: Азиза Шодиева».

Муҳаббат мактубро ду бор хонда баромад. Андӯҳгинона лабҳояшро газида, дар дилаш озори номаълуми ниҳоние ҳис намуда, нохост гиря карда фиристод.

***1036***

## «ДАСТАМРО ФАРОМӮШ КАРДААМ»

Шокирҷон ҷавони хушрӯй ва хушқадду баст буд, касе ки ӯро медид, «боз як бори дигар бинам» мегуфт.

Вай чанд сол боз аъзои колхози ба номи Куйбышев буд. Деҳқониро нағз медонист. Дар корҳои деҳқонӣ аз ҳар гуна саркорҳои калон монданӣ надошт. Ҳар кореро, ки сардори звенояш месупурд, дар вақташ ва нағз ба ҷо меовард. Бинобар ин ҳам ӯро ҳама дӯст медоштанд.

Лекин Шокирҷон як камбудии калон дошт: вай то ҳанӯз бехату савод буд. Дар ин хусус ҳар хел гапу насиҳати хурду калон ба гӯши ӯ намедаромад. Ҳатто дар тирамоҳи соли гузашта рӯзе дар ин бора бо акои калонаш, ки ӯ яке аз бригадирҳои колхоз буд, гапашон гурехт. Акаю ука сурху сафед шуданд. Дар ҳамон вақт вай ба пеши акааш буду шуди масъаларо гуфт, арғамчинро аз миён бурид.

— Вақте ки ёш будам, маро нахонондед, аз паси хару гов давондед, акнун «хон, хон!» мегӯед! Ман акнун хонда чӣ мешавам! Намехонам, вассалом!

Баъд аз ин тундутезшавӣ вай ситеза карда, дигар ба ҳавлиашон ҳам нарафт. Дар сарои колхоз, дар хонаи ҷӯрааш Бобоҷони аробакаш, ки ӯ ҳам Шокирҷон барин муҷаррад буд, хобу хез карда гаштан гирифт.

Шокирҷон боварӣ надошт, ки бесаводиашро нест карда метавониста бошад. Ҳатто ба кӯшиши ҷӯраҳояш, ки дар курсҳои шабона мехонданд, истеҳзоомез нигоҳ мекард. Вақте ки улфатҳояш: «Мо имрӯз ҳарфи «п»-ро ёд гирифтем. Ана «падар омад» барин гапҳоро навишта метавонем» мегуфтанд, вай писханд мезад ва ғурунгос карда: «Бо ҳамин мулло шудед-мӣ?» Ё худ

«Мулло шуда ҳам ба куҷо меравед?» мегуфту дигар гап назада, паи кори худ рафтан мегирифт.

Ҳисоботи солонаи колхоз ҳам тамом шуд. Ҳар кас мувофиқи меҳнати кардааш ҳаққашро гирифт. Колхозчиҳо бо хушию хурсандӣ пулҳоро ба миён баста, ба ҳар тараф рафтанд. Яке барои чорпохарӣ ба бозори мол, дигаре аз барои духтараш ё занаш атлас ё рӯймоли ғиҷим харидан ба магазинҳо равона шуд.

Ба Шокирҷон ҳам саҳл кам даҳ ҳазор сӯм пули накд расид. Ӯ намедонист, ки ин пулҳоро ба куҷо сарф кунад. Хонаву дар ва зану бача надошт, ки ҳар гуна ҷиҳози хона ва либосҳо харад. Модараш бошад, дар хонаи акаҳояш серупур зиндагӣ мекард ва ба ёрии ӯ эҳтиёҷе надошт.

Парторги колхоз Шокирҷонро, феъли ӯ ва якравии ӯро нағз медонист. Вай Шокирҷонро ба назди худ ҷеғ заду ҳолпурсӣ намуд, хеле чақ-чақ карда нишаст ва дар охири сӯҳбат аз ӯ пурсид, ки ин пулҳоро чӣ кор хоҳад кард?

Худи Шокирҷон ҳам ҳайрон буд. Намедонист, ки ин қадар пули зиёдро ба куҷо сарф кунад.

— Надонам, ба ягон ҷой сарф мешудагист-дия, — гуфт.

Парторг ба ин соддагӣ ва ҳақгӯии Шокирҷон завқ кард. Ҳар ду боз хеле сӯҳбат карда нишастанд. Дар охири гап парторг маслиҳат дод, ки пулҳоро беҳуда сарф накунаду ба кассаи амонатгузорӣ бимонад ва дар бораи кассаи амонатгузорӣ ба вай хеле маълумот дод. Ин гапҳои ӯ ба Шокирҷон маъқул шуд.

Дар фардои он рӯз Шокирҷон рост ба бозор рафт. «Аз нӯги хамир, фатир» — гӯён вай барои худаш ҷомаи беқасаб ва мӯза, барои модараш куртаворӣ ва дигар чизҳои майда-чуйда харид ва нӯҳ ҳазор сӯм пули накдро ба кассаи амонатӣ бурда монд.

Рӯзе ҳамшираааш, ки чанд сол пеш аз ин ба шавҳар баромада буд, писар зоид. Шокирҷон ягон тӯҳфаи нағз харида, рафта ҳамшираашро диданӣ шуд. Ва барои пулгирӣ ба кассаи амонатӣ рафт.

Дар пеши даричаи касса ду кас истода буд. Онҳо корашонро баробар карданду навбат ба Шокирҷон расид. Вай:

— Ба ман сесад сӯм тед, — гуфт.

Контролёр ном ва номи падари ӯро пурсид. Аз қуттича карточкаи ба номи ӯ навишташударо пайдо намуд. Ба як парча ордерчаи чопӣ ном ва номи падари ӯро навишта ва онро ба вай дароз карда:

— Ба ин имзо кунед, — гуфт.

Шокирҷон дарҳол мақсади ӯро нафаҳмид. Вай фикр кард, ки «Боз ин зан пул мемонад гуфт хаёл кардагист». Чун ҳамон рӯзе ки Шокирҷон пул мемонд, бо таълими як марди бегонаи босавод, ки дар ҳамин ҷо ҳозир буд, вай ба азоб ба як кунҷаки ҳамин карточка номашро навишта буд. Дар ҳамон рӯз «ғалатӣ, ҳам пул монаму ҳам даст монам-а» — гӯён вай ҳайрон шуда буд. Ҳозир боз ба ин як парча коғаз даст монед гуфтани контролёр ӯро дар тааҷҷуб мононд. Вай:

— Не, ба ман сесад сӯм диҳед, — гуфт.

— Хуб, ба ин даст монед, — гуфт он зан, боз бо табассум.

Шокирҷон ин хушмуомилагии контролёрро ҳамчун шӯхӣ ва нозу ишваи занона фаҳмид. Барои ин ки дар пеши мардум одами содда набуда, шахси ҷиддӣ будани худро нишон диҳад, андаке чеҳраашро турш намуда:

— Не, даст намемонам, — гуфт.

Контролёр ҳам ҳайрон шуда, боз бо нармӣ.

— Набошад, мо пул дода наметавонем, — гуфт.

Ин ҷавоб Шокирҷонро тамоман таҷанг кард. Аммо чӣ гуфтанашро надониста:

— Монед, ҳазл накунед, — гуфт.

Контролёр дарҳол фаҳмид, ки ин одам тариқи ба касса пулмониро ва аз он пулгириро дуруст намедонистааст. Инро ба ӯ нағз фаҳмонд.

Шокирҷон аз кирдор ва гуфтори худ шарм карда, андаке таб баровард, бе гап аз дасти зан ордерчаро гирифт ва ба он чашм дӯхта истод. Ҳеҷ ба ёдаш оварда наметавонист, ки яку ним моҳ пеш аз ин бо таълими як марди бегона ба рӯи он коғази ғафс чӣ хел даст монда буд. Аз шармсорӣ ба обу арақ ғӯтида, оҳистекак:

— Дастамро фаромӯш кардаам, — гуфт.

Контролёр боз табассум карда, карточкаро ба назди Шокирҷон монд ва ба имзояш ишора кард. Ҳангоме ки Шокирҷон ба ҳарфҳои каҷҷу килеби ба рӯи коғаз кашидаи худ синча намуда, нуқтаҳои борики онро меомӯхт, он зан оҳистекак:

— Магар шарм намедоред? — гуфт.

Шокирҷон пулро гирифту ба контролёр бо як оҳанги узрхоҳонае:

— Акнун ба мактаб меравам, — гуфт ва зуд аз дар баромада рафт.

Ба қавли худи Шокирҷон ин гапи он зани хушмуомила «ба ҳафт пушташ бас буд». Вай дар сари роҳ «то хату саводамро тамоман набарорам, дигар ба пеши ин зани дилбар намеоям» — гӯён қасам хӯрд.

Дар ҳақиқат ҳам Шокирҷон ба қавли худ вафо кард. Аз худи ҳамон рӯз сар карда, ба мактаби маҳви бесаводӣ, ки дар колхозашон кушода шуда буд, рафта ба хондан даромад.

Баъд аз ду ним моҳи дигар ба кассаи амонатӣ омад. Пеш аз он, ки ба он зан матлабашро гӯяд:

— Ана, акнун мо ҳам хату саводнок шудем, — гуфт.

Ин гапи Шокирҷон воқеаи ду ним моҳ пеш аз ин рӯйдодаро ба хотири контролёр овард. Вай завқ кард. Худи Шокирҷон ҳам қоҳ-қоҳ зада хандида фиристод.

***1937***

## МАКТУБ

Тобистони гузашта дар хонаводаи Машариф амак як мусибати бисёр калон рӯй дода буд, яъне духтари ба қад расидаю ба ҷой лоиқи онҳо дар як рӯзи равшан гум шуда буд. Ман ғаму ғуссаи хонаводаро тасвир намекунам, фақат ҳаминро мегӯям, ки кампири бечора — модари духтар — аз пагоҳ то поси шаб овоз андохта, гиряву нола мекард.

Сабаби ғайб задани духтарро ҳеҷ кас намедонист. Аъзоёни оила баъзе сабабҳои беасосро баён мекарданд. Бо вуҷуди он дар шаҳр дар ин хусус баъзе овозҳо паҳн шуда буд. «Ҳар касу ҳар чӣ» гуфтагӣ барин, ҳар кас ҳар чӣ мехост, мегуфт. Дар ин бора ҳам мо даҳон намекушоем. Фақат ҳаминро мегӯем, ки дар рӯзҳои аввали рӯй додани ин воқеа Машариф амак аз ғусса ба ҳадди девона шудан расида буд. Намедонам, аз бехобӣ ё аз шиддати асабият бошад, ки чашмонашро хун пахш карда буд, суп-сурх буд. Худи ӯ духтарашро кофтуков намуда, то ба Душанбе, Қӯрғонтеппа, ҳатто ба тарафҳои Кӯлоб рафта омад. Писарашро ба тарафҳои Фарғона, додарзодаашро ба Тошкент равона кард. Лекин аз ҳеҷ ҷой дараки духтарро ёфта натавонистанд.

Панҷ-шаш моҳ гузашт. Гӯё хонавода дигар ба тақдир тан доду каме ором гардид. Гапу калочаи мардум ҳам каму беш паст шуд.

Дирӯз дар ин оила боз мағалу ғавғо сар щуд. Гӯё аввал ин мағал бо нидоҳои хурсандӣ сар шуду дар охир боз бо гиряву нолаи кампир ба анҷом расид. Ман дар ҳайрат будам, ки худи кампир бо марди калон даҳонашонро инҷ карда, ба хона даромада омаданд. Якбора баробар омадани ин ду мӯйсафед аз як ҷиҳат ғалатӣ бошад, аз ҷиҳати дигар аз ҳодисаи фавқулъоддае, ки аз хафагӣ бештар ба хурсандӣ наздик буд, хабар медод.

— Бачем, ина хонед, — гуфта кампир аз даруни остинаш мактуберо бо пакеташ баровaрда ба ман дароз кард ва боз табассум намуда: — Ҳар чӣ ҳам бошад, ба ҳоли ман раҳм карда хат кардааст, — гуфт.

Ман дарҳол кӣ будани нависандаи хатро донистам ва ба хондан сар кардам. Мактуб ҳақиқатан ҳам ғалатӣ буд, ҳатто гуфтан мумкин аст, ки таълимомез буд ва ба бисёр падарони аз олам бехабари мо барои чизҳои бисёрро фаҳмиданашон мадад мерасонид. Бинобар он ман ҳам нусхаи онро айнан бардоштаму ба диққати хонандагон тақдим намудам. Ана дар мактуб чиҳо навишта шудагӣ буд:

«Бибиҷон, салом!

Албатта аз гуноҳам мегузарӣ. Ман боиси чӣ қадарҳо азобу кулфат кашидани ту шудам. Лекин маҷбур будам, дигар илоҷ надоштам.

Бибиҷон, худат фикр кун, агар ман ҳоло дар ҳавлӣ мебудам, ё кушта мешудам, ё ба зӯрӣ ба шӯй дода мешудам. Ин аниқ буд. Охир, ман мактаби миёнаро тамом кардам, барои боз хондан ба Душанбе ё ба Тошкент рафтанӣ будам. Ба ин на ту розӣ шудӣ, на падарам. «Хайр» гуфтаму ба кори идора даромадам. Мисли одамони дуппадуруст кор карда мегаштам, ҳатто ба шумо мӯсафедон ёрӣ расонда меистодам. Ба хаёлам аз ин ҳар дуятон розӣ будед. Намедонам, чӣ бало заду дадом ба касалии «кор накун, дар хона шин, ба дегу табақи бибиат нигоҳубин кун» гирифтор шуданд. Пештар ин фикр на дар майнаи ту буд ва на дар майнаи дадом. Ман нағз медонам, ки ин аз таъсири имоми маҳаллаамон буд. Бо касофати вай дар маҳаллаамон духтарони бисёреро падару модаронашон ба фаранҷигирӣ маҷбур карда буданд».

Кампир нохост оҳе кашида «Бачем рост мегӯяд» гуфта монд. Мӯйсафед гап назада, ба вай чашмонашро ало карда монд.

«...Аз барои савоб, худатон гӯед, аз хонашин кардани ман ва ба сарам фаранҷӣ гирондан муддао чӣ буд? Агар дар вақти хурдиам маро ба мактаб намемондед, ба сарам фаранҷии лаънатиро мегирондед, балки ба қисматам розӣ мешудам, чунки он вақт кӯр будам. Охир ман дар мактаб хондам, аз олам бохабар шудам, чашмонам кушода шуданд. Шумо акнун пас аз он ки ман фаранҷӣ гирифтан он тараф истад, ба решаи он оташ мезадагӣ шуда будам, якбора ба ман фаранҷӣ гиронданӣ шудед.

Ман он рӯзеро, ки дадом маро ба хона қава карда дошта заданд ва ба гулӯям корд монда куштанӣ шуданд, фаромӯш намекунам. Ман метавонистам инро ба идораҳои дахлдор хабар диҳам, камаш панҷ солро ба гардани дадом бор кунонам. Лекин боз андеша кардам: ростӣ, ба ҳоли модарам раҳмам омаду ҷим шиштан гирифтам. Бибӣ, ҳар чӣ бошад аз шумо ҳам хафаам, ки падари якравамро андаке бошад ҳам, ба роҳатон надаровардед. Лекин барои ин ки ҳамон рӯз маро аз кушта шудан халос кардед, ман то абад аз шумо миннатдорам.

Хайр, ин ҳам гузашт. Агар ман аз як сирри шумо бохабар намешудам, балки намегурехтам ҳам. Пеш аз рӯзи ғайб заданам, аз як шахс (номашро қасдан намегӯям, одами дилпур мешудагӣ) шунидам, ки шумо маро ба мудири магазини маҳаллаамон медодаед. Ба ин ҳамон домуллоимоми лаънатӣ миёнаравак будааст. Гӯё шумо ҳам ба ин розӣ шудаед. Ин кирдори шумо тоқати маро тоқ кард.

Агар ман мисли баъзе дугонаҳоям «духтари зери фаранҷӣ, «мусичаи уболакак» мебудам, шумо бо ман ҳар чизе ки мехостед, карда метавонистед. Лекин ман аз дугонаҳоям фарқ мекардам. Ғайр аз он, чӣ тавр розӣ шудетон, ки маро ба як одами зандидае, ки ман агар ба афташ нигоҳ кунам, дилам беҳузур шудан

мегирад, бароварда диҳед? Ояндаи маро ҳеҷ фикр накардетон? Ба дилатон сахт расад ҳам, росташро мегӯям: пои ҳар дуятон ҳам ба лаби гӯр расидааст, охир, дар оянда зиндагӣ мекардагӣ ман бошам, чӣ тавр бо як одаме, ки асло дилам намекашад, зиндагӣ ба сар мебурдаам?»

— Рост мегӯяд, — гуфт кампир. Мӯйсафед хомӯш буд, дамаш намебаромад. Ман ба рӯи ӯ нигоҳ карда, аз чеҳрааш аломатҳои пушаймониро ҷустуҷӯ намудам. Вале чизе пай набурдам.

«...Охир, воқеаи духтари амакам — Соробучаи берӯзиам, магар ба шумо дарс нашуда буд? Бечора ба шавҳараш маъқул набуд, ҳар рӯз шӯяш ӯро як бор дошта мезад, ниҳоят аз ғаму ғусса мурда рафт. Ё ки дур наравем, акаи худамро гирем. Азбаски ба занаш маъқул нашуд, келинатон баромада нарафт-мӣ? Ин хел мисолҳо бисёранд. Лекин ба ҳамаи ин шумо бо суханҳои «никоҳашон хунук афтодааст», «ситораашон тӯғрӣ наомадааст» ҷавоб медиҳетону ҷонатонро халос мекунетон. Лекин дар болои сабабҳои он ҳеҷ андеша намекунетон.

Ғайр аз он лоақал аз барои дилам шуда, ягон бор дар ин хусус ба ман мазмун накардетон, ризомандӣ як тараф истад, хоҳишамро ҳам напурсидетон! Беинсофӣ, зулм бар ҳаққи фарзанди худ ҳам ба эбаш-дия!

Хуб, ҳар чӣ буд, гузашт, ман хушбахтам, ки аз зулму тааддӣ халос шудам ва ба муроду мақсадам расида, дар оғӯши мактаби олӣ машғули хондан ҳастам.

Акнун саргузашти маро шунаветон: худи ҳамон рӯзе, ки ба ҳавлии холаам меравам гуфта аз ҳавлӣ баромада рафтам, аз идора пул гирифта будам. Аз моҳонаҳои пештараам каму беш сарфа карда мондагӣ пулҳоям ҳам буд. Рост рафтаму ба автобус савор шуда ба стансия баромадам. Билетро рост ба Москва

гирифтам. Ба ин ҷо омада чанд рӯз овора шуда ба баъзе идораҳо даву тоз намудам. Ниҳоят ба институти тиббӣ имтиҳон дода даромадам. Имсол курси якумашро тамом мекунам. Баъд аз чор соли дигар мактабамро тамом карда духтур мешавам. Баъд аз он мебинам, ки ба шаҳрамон рафтан даркор ё ба ягон вилояти дигари ин мамлакати бузургамон рафтан беҳтар аст. Ба ҳар ҳол оянда нишон медиҳад. Дар вақти каникул барои истироҳат ба Қрим меравам, аз ҳозир путёвка заказ карда мондам.

Дар поёни хат адресамро менависам. Агар хоҳед, хат нависед. Лекин ба дадом гӯед, мабодо якравӣ карда, барои гирифта бурдан ё ки барои бо ман ҳисобашонро баробар кардан ба ин ҷойҳо набиёянд, фоида надорад.

Хайр, духтари дӯстдорандаи шумо:

Муҳаррама.

Москва. 17 феврали соли 1940».

Кампир ашки хурсандӣ равон намуда, хоҳиш кард, ки аз номи ӯ ба духтараш як мактуб навишта диҳам. Вай таъкид намуд, ки онҳо тамоман аз нияти пештараашон гаштаанд, минбаъд ба майлу хоҳиши духтарашон нигоҳ карда кор мекунанд. Ман мактуби дуру дарозе навишта додам. Муйсафед ҳанӯз ҳам дам буд, фақат гоҳ-гоҳе «аҳмақ» гуфта мемонд. Лекин дар ин гапаш зррае ҳам оҳанги хашмгинӣ набуд. Бо вуҷуди он ман барои фикри ӯро донистан мактуби навиштаамро хонда шуда аз вай:

— Чӣ тавр? — гуфта пурсидам.

— Нағз, — гуфт мӯйсафед ба ҷавоби гапи ман ва табассум намуд.

Маълум буд, ки хуб танбеҳашро хӯрдааст.

***1940***

# ГУЛБОНУ

Чанд рӯз боз димоғи шавҳари Гулбону сӯхтагӣ барин менамуд. Вай дар рӯзҳои охир мисли ҳамавақта аз дар бо чеҳраи хандон ва суханҳои ширин ва навозишкорона даромада намеомад. Агар ягон чиз даркор бошад — мепурсид, набошад, ба дарёи хаёлот ғарқ шуда, дар ҷояш гап назада шиштан мегирифт ва дам ба дам ба чашмони занаш нигоҳ мекард. Аз ин чашмдӯзиҳои ӯ Гулбону боз бештар ҳайрон мешуд. Худаш чӣ гап? Аз ман чӣ кӯтоҳӣ гузашта бошад? — барин фикрҳо ба майнааш меомаданд. Лекин вақте ки ба афт ва ба чашмони шавҳараш дурусттар синча мекард, тааҷҷубаш боз зиёдтар мешуд. Охир, ин нигоҳҳо нигоҳҳои узрхоҳонаи шахси гунаҳкор барин-ку! Пас шавҳараш чӣ гуноҳ карда бошад? Наход ки вай ягон хиёнат карда, акнун дар пеши рафиқаи дӯстдоштаи худ азоби виҷдонӣ мекашад? Не, ин нодуруст. Охир вай дирӯзакак чӣ гапҳо гуфта буд? Наход ишқ ҳамин тавр чизе бошад, ки одамизод дарров — дар байни як-ду рӯз — як шахси дигарро нағз бинаду аз одами нағз медидагиаш дилаш хунук шавад?!

Аммо фикру хаёли шавҳари ӯ тамоман дар ҷои дигар буд. Вай дар ин наздикиҳо хаёли хонадор шуданро надошт. Лекин падару модараш, хусусан модари солхӯрдааш бо мӯйҳои сафедаш рӯйҳояшро ба замин молида, гирёну нолон ӯро ба хонадор шудан розӣ карда буд, то ки пеш аз чашм пӯшиданаш аз дунё тӯю сури ӯро бинад ва орзӯю ҳавасаш шиканад. Вай ниҳоят ба гапи онҳо даромада се моҳ пеш аз ин Гулбонуро гирифта буд. Занаш дуруст, муддаои табъаш буд. Аз ҳусну ҷамол камӣ надошт, илова бар ин, гарчи ягон мактаби миёнаро тамом накарда, духтари хона шуда фақат корҳои хона — рӯбучин, пухтупаз, дӯзу бурро ёд гирифта бошад ҳам, чала-чулпа хату савод ҳам дошт. Лекин шавҳари

Гулбону як орзӯи дерина дошт, он ҳам бошад хонданашро давом кунонидан буд. Соли гузашта баъд аз тамом кардани мактаби миёна вай ба Академияи ҳарбии тиббӣ ариза дода буд. Аммо оқибаташ маълум нашуда монда буд. Имсол дар аввали баҳор ба воситаи военкомати районашон боз як ариза фиристода буд, ки дирӯз ҷавобаш омад. Ӯро ба академия қабул карда буданд.

Акнун ӯ дар миёни «обу оташ» буд. Ҳанӯз чӣ кор карданашро намедонист. Ба як қарори қатъӣ омада наметавонист. Агар ба мактаб наравад, орзӯи чандинсолааш барбод мерафт ва ғайр аз он дар пеши ӯ як чизи дигар истода буд, ин ҳам бошад шараф, шарафи граждании ватан буд. Хӯш, вай аз чӣ, аз кӣ камӣ дорад? Охир вай шалу кӯр ва маъюбу маслуқ не-ку! Чаро вай мисли рафиқонаш, ҳамсолонаш дар ҳар вазифае, ки набошад пеш аз мактабро тамом кардан ё баъд аз он дар Армияи Сурх хизмат накунад? Дар ин кор чӣ ҷои дудилагӣ ҳаст?! Лекин зан, зани ҷавонаш, ки фақат се моҳ пеш аз ин ба умед хонадор шудааст, низ одам аст. Охир, вай додгӯён намемонад-мӣ? Пас чӣ бояд кард? Муддао ва матлабро ба вай чӣ хел фаҳмонад?

Имрӯз ҳам вай аз кор бо ҳамон вазъияти дирӯза, бо хотири парешон баргашт. Хӯрокро зану шӯ як даҳон гап назада хӯрданд. Лекин дами дарунии шавҳараш Гулбонуро аз ҷонаш сер кард. Вай як харбузаи калон, корд ва лаълиро ба болои дастурхон, ба пеши шавҳараш оварда монда, бо як оҳанги ҳузноварона:

— Барои чӣ шумо дам, тобатон не-мӣ? — гуфт.

— Не, ман дуруст, — гуфт шавҳараш бо табассум.

Харбуза ҳам тамом шуд. Чеҳраи ба назар андак кушоди рафиқаш Гулбонуро анча хурсанд кард. Вай акнун ба пеши рафиқи худ якчанд саволро қатор карда мондинӣ буд, ки худи шавҳараш:

— Гул, хабар дорӣ? — гӯён ба гап даромад. Ва аз занаш ҷавоби «не»-ро гирифта, — ман баъд аз чанд рӯз ба аскарӣ меравам! — гуфт.

Гулбону ба ҷавоби ин гапи ӯ, бо як вазъияти бепарвоёна:

— Ҳа, ман ина медонам! — гуфт.

Ин гапи Гулбону шавҳарашро тамоман дар ҳайрат мононд. Вай пурсид, ки:

— Ту аз куҷо медонӣ?

— Охир шумо дар соли 20-ум зоида шудагӣ не-мӣ?

— Ҳа.

— Имсол ҷавонони дар солҳои 20 ва 21 зоидашудагӣ ба аскарӣ мераванд-ку.

Ин гап дуруст буд, лекин бо вуҷуди он шавҳараш бо ҳисси кунҷковӣ:

— Ту аз куҷо медонӣ? — гуфта пурсид.

— Дирӯз фармони рафиқ Тимошенко[1] дар газетаҳо чоп шуда буд-ку!

Маълум шуд, ки Гулбону ҳамаи газетаҳои марказӣ ва маҳаллии тоҷикиро, ки ҳар рӯз шавҳараш аз идора меовард ва баъд аз хондан дар як токчаи алоҳида таҳ карда мемонд, рӯзҳо дар вақти бекориаш бодиққат хонда мебаромадааст. Вай на танҳо аз хабарҳои дохилии мамлакат, балки аз равиши ҷанги Англияву Германия ҳам каму беш хабар доштааст. Ин шавҳари ӯро бисёр дилшод кард. Вай бо як оҳанге ки гӯё ба занаш эркагӣ мекарда бошад:

— Хайр, Гул, канӣ гап зан, ба аскарӣ равам-мӣ? — гуфт.

Гулбону бо вазъияти ҷиддӣ:

— Ҳа, намеравед-мӣ? — гуфт. Аз ин саволи ӯ ҳам бӯи таҳдид меомад, ҳам бӯи тарс.

Ин аҳволи Гулбону шавҳарашро саросема карда монд. Вай барои ин ки занаш бедарак наранҷад:

— Не, Гулҷон, даррав ҷаҳл накун, меравам, ин вазифаи ҳар як гражданини бовиҷдон аст, — гуфта ӯро осуда намуд.

Гулбону ханда кард, шавҳараш ҳам. Ҳар ду ба якдигар бо чашми муҳаббат нигоҳ карда, каме хомӯш монданд. Ниҳоят Гулбону хомӯширо вайрон намуда:

— Хайр, гап занед, барои чӣ ду-се рӯз боз ин қадар димоғатон сӯхтагӣ? Гап намезанед? — гуфт.

---

1. Тимошенко С.К. — Маршали Иттифоқи Советӣ, ҳамонвақта Комиссари Халқии Мудофиа.

Шавҳараш орзӯ ва хаёлҳояш ва тамоми воқиаи зангирӣ ва имрӯз маҳз барои ӯ, яъне занаш, дар азоб будани худро як ба як нақл намуд. Аз оҳанги гап ва ҷиддияти он маълум буд, ки шавҳараш бо ӯ ҳамчун бо рафиқи самимии бо худаш баробар гап зада истодааст. Вай интизори як даҳан гапи Гулбону аст. Агар ҳозир вай «агар шумо равед, ман чи кор мекунам» барин гапҳоро қатор карда монда, мағалу ғавғо бардорад, мумкин аст, ки ба хондан ва ба хизмати шавҳараш ва баояндаи ӯ,ояндаи худаш халал расонад. Ғайр аз он, магар вай одам нест, магар вай дасту панҷа надорад, чаро худаш якчанд вақт рӯзашро гузаронида натавонад?!

Вай ба гапҳои шавҳараш бо диққат гӯш андохт. Ҳамин ки шавҳараш суханашро ба охир расонд, вай саросема нашуда:

— Ҳамаи ин гапҳоятон ҳақ аст. Ман бовар мекунам. Чанд рӯз боз беҳуда худатонро дар азоб монондед. Ба мактаб равед, хонед. Аз хусуси ман ва падару модаратон бошад, ҳаргиз ғам нахӯред. Ман ин ду мӯйсафедро ба рӯи дастам бардошта, нигоҳубин мекунам ва иззаташонро баҷо меоварам. Калонпартоӣ нашавад-ку, рӯзҳо кор мекунам, шабҳо мехонам, камаш баъд аз ду соли дигар ба Академияи ҳарбии тиббӣ набошад ҳам, ба Институти тиббии шаҳри худамон медароям. Баъд, ҳардуямон ҳам духтур шуда, дар як қисми Армияи Сурх ба хизмат камар мебандем.

Ин гапҳои Гулбону шавҳарашро тамом дилшод кард ва дилдории калон бахшид. Вай фардои ҳамон рӯз ба военкомат рафту корҳояшро дуруст кард ва баъд аз ду рӯзи дигар бо хушу хурсандӣ ба Ленинград равона шуд.

***1940***

# БЕВА

## I

Аз вафоти шавҳари Одинамоҳхола хеле солҳо гузашта буд. Баъд аз сари ӯ хола дигар ихтиёри шавҳарбароиро накард. Вай қариб рӯи понздаҳ нафар фарзандро дида буд, лекин ҳамаи онҳо дар айёми ҷавониашон мурда буданд. Кенҷааш Моҳбону буд. Хола ин духтаракашро гурба барин лесида калон кард.

Ғаму андӯҳи фарзандон, ки агар онҳо ҳоло дар қайди ҳаёт мебуданд, ҳар яке соҳиби хонаву дар ва зану бача мешуданд, мӯйҳои холаро сафед карданд.

Умре ки баъд аз вафоти шавҳараш дар дари мардум мегузаронид, таоми бадастае ки аз деги ҳамсоягон ба ивази меҳнат ва машаққатҳои беандозааш мехӯрд, захми забони занони ҳамсол, ки ӯ канизи бебаҳои онҳо шуда буд, сафедор барин қадди рости холаро камон барин қат карданд, лола барин рухсораи сурхашро заҳир ва пур аз чин намуданд.

Одинамоҳхола дар рӯзҳои аввали ҷудоӣ аз қарибонаш ба ҳаёти ғарибона розӣ нашуд. Шабҳои торро бо гиряву нола рӯз кард. Лекин ба ҳолӣ ӯ на оҳу нола мададгор шуд ва на оби дида. Ниҳоят вай худ ба худ: «тақдир ҳамин будааст-дия» гуфт ва ба «қисмати рӯзи азалаш» тан дод. Баъд на пешро пеш зад, на пасро пас. Ба будаш ҳам «шукр» кард, ба нобудаш ҳам. Дар зиндагии ӯ ҷои ҳаёти хушро маъюсӣ ва навмедӣ ишғол намуд.

Дар ҳаёти хазоншудаи Одинамоҳхола умед ва дилпурии ягонааш Моҳбону буд. Лекин ин ҳам холаи бенаворо дар биёбони ғарибӣ танҳо партофта, домани шавҳарро гирифту рафт. Дигар барои хола ҳавлиаш — дашти фарох, хонааш — лонаи танҳоӣ гардид ва худи ӯ бошад, дар ин макон паррандаи болу паррехта шуда монд.

Хола чӣ кунад? Ба хонаи духтараш биравад ва дастнигари домодаш бишавад? Не, инро вай ба худ нанг медонист. Шиори ягонаи ӯ «то зиндаам, нонамро ёфта мехӯрам!» буд. Пас аз он ки Моҳбону хонаи модарашро тарк намуд, хола ҳам бисёртар умрашро ба дари мардум мегузарондагӣ шуд. Аввалҳо, вақте ки ҳанӯз Моҳбонуро ба шавҳар надода буд, рӯзҳо рафта кор кунад ҳам, шабҳо албатта ба хонааш бармегашт, духтараки азизашро навозиш мекард ва ӯро ба синааш пахш намуда, афсонаи сарсахтиашро ба вай нақл менамуд.

Махсусан дар солҳои охир вай қариб ҳеҷ ба хонааш намеомад. Ба қавли худи ӯ «ба хотири арвоҳи гузаштагон» фақат дар бегоҳҳои ҷумъа ва душанбе меомад ва алову чароғ мекард. Дар рӯзҳои ҷумъа ба ҳеҷ ҷой намерафт. Гирду пеши ҳавлиашро мерӯфт, хонаашро тоза мекард ва куртаю пойҷомаи дар дари мардум қаркбастаашро бо собун набошад, бо оби ҷӯй шуста, ҳалол мекард, бо дигар корҳои хона машғул мегардид ва камтар чархашро ҳам мересид.

## II

Яке аз рӯзҳои ҷумъаи соли 1931 буд. Ҳангоми қиём. Дарахтон пар намезананд. Тугмачагуле ки хола бо дастони ларзонаш лаби ҷӯи ҳавлиашро канда корида буд, аз гармии ҳаво пажмурда шуда буд. Як бех офтобпарасти худрӯй, ки дар поёни суфаи ҳавлӣ буд, қоматашро рост намуда, осмонро бӯсиданӣ мешуд. Сафедори баланди дар лаби ҷӯй будагӣ сояи худро гум карда буд. Оби ҷӯй зулол барин соф буд ва бо оҳанг шилдирраскунон ҷорӣ мешуд.

Одинамоҳхола корҳояшро тамом кард. Ба рӯи бӯрё кӯрпачаашро андохта, ба сари чархаш нишаста буд, ки дуп-дупи қадаммонии бошиддат ба гӯшаш расид ва ин садо хавоси ӯро парешон намуд. Вай аз дарича каллаашро баровардa, ба рӯи ҳавлӣ нигоҳ кард. Як ҷавони ба назар бисту се — бисту панҷсолаи сиёҳтоб, қадбаланде ки дар тан либоси комсомолӣ дошт, ранги рӯяш паридагӣ буд, давида ба сӯи хона меомад. На рус

буданаш маълум буд ва на тоҷик буданаш. Одинамоҳхола дар сонияи аввал ҳайрон шуд, ҳатто андаке тарсид ҳам. Ва зуд аз ҷояш бархест.

Он ҷавон зада ба хона даромад. Вай базӯр нафас мекашид. Чашмони беҷояш саросемавор ҳама ҷоро такопӯ мекарданд. Холаро дида:

— Мама, босмач! — гуфт ва чӣ кор карданашро надониста, якбора ба пешгоҳи хона давид ва ба сатили пур аз обе ки дар пеши дар истода буд, пешпо хӯрда, рӯ ба замин афтод.

Дигар барои Одинамоҳхола шарҳи воқеа даркор набуд. Вай мақсадро фаҳмид. Беихтиёр аз даҳонаш калимаи «бечора!» баромад. Аз он ҷавон ҳам ӯ саросематар шуд. Ба гирду атрофи хонааш чашм андохт, лекин ягон ҷои боб наёфт, ки ин ҷавонро пинҳон кунад. Ногаҳон чашмаш ба танӯри заминӣ, ки дар пеши бӯрё буд, афтод ва ҷавонро ба даруни он имо карда:

— Биё, бачем, даро! — гуфт.

Дар ин гуна мавридҳо ҳоҷат ба тарҷимон нест. Худи қалб, ҳаяҷон ва изтироб муддаоро нағз ифода мекунанд. Ҷавон ҳам зуд ба даруни танӯр даромад. Хола як бари бӯрёро болои он кашиду «ба лабаш кулӯх молида», ба сари кораш нишаст ва чархашро ресидан гирифт. Гӯё аз ҳеҷ чиз хабаре надошт.

Фикр ва хаёлоти тақдири ин ҷавон дарҳол тамоми ҳастии холаро фаро гирифт. «Бечора, балки ин модар доштагист, ки вай ҳам ман барин муштипар ва барҷомонда будагист. Шояд чашми пиразани берӯзӣ дар роҳи фарзанди азизаш чор бошад. Эй худо, ин босмачиҳо чӣ балоянд, мардумро талаву тороҷ карданашон бас набуд, ки боз одамизодро гӯсфанд барин сар мезананд, гӯсола барин бузкашӣ мекунанд. Охир ин русбача ҳам одам аст, фарзанди одамизод аст. Бо умед ба дунё омадааст. Ин бечора чӣ гуноҳ дорад?..»

Ҳанӯз риштаи хаёлоти Одинамоҳхола канда нашуда аз пушти хона садои тапар-тупури аспдавонӣ шунида шуд ва ба ҳавлӣ чанд нафар саворагон даромада омаданд, яке аз онҳо зуд аз асп фуромада:

— Ҳой кампир, вай урус канӣ? — гӯён давида ба хона даромад.

Хола каллаашро бардошту бо як нофаҳмие ба он кас чашм дӯхт. Аз ин нигоҳи ӯ аз тарсу бим бештар аломати тааҷҷуб ва ғазаб намоён буд. Тамоми ҳастии хола бо як ҳисси ҷавобгарӣ барои ҳаёти як нафар аз зодагони одам дрр-дрр меларзид, дилаш бо шиддат метапид. Дар айни ҳол вай тайёр буд, ки тамоми овозашро сар диҳаду ба ин ваҳшиёни одамшакл шервор ҳамла кунад ва дар ин ҷанги нобаробар тамоми ин нобакоронро нобуд созад, ё аз дасти ин даррандагон пештар аз он ҷавони пинҳонкардааш, ки муҳофизати ҳаёти ӯро вазифаи худ медонист, ҳалок гардад.

Бо як овози сохтаи нарм:

— Бачем, кадом урус? — гуфт.

— Урусе ки ҳозир ба хона даромад!

Ин гуна ҷавоби муайян ва муқаррари он шахс дами аввалаи холаро андаке паст кард, ӯро музтариб намуд. Вале бо вуҷуди он худ ба худ: «майлаш, ҳар чи бодо бод» — гӯён пешонаашро чин намуда ва китфҳояшро ҷунбонида:

— Бачем, надидаам, — гуфт.

— Дурӯғ!

— Садқаат шавам, бачем, надидаам.

— Кампири далла, чаро дурӯғ мегӯӣ? Ман худам дидам, ки вай ба ҳамин ҳавлӣ даромад, — гуфт он мард овозашро баланд намуда ва бо лагадаш ба кифти хола якта зад.

Он мард ва чанд нафар саворони дигаре, ки низ аз аспҳояшон фуромада ба хона даромада буданд, латтакӯҳнаҳои холаро тит карда, хонаро тагу рӯй намуда, кофтан гирифтанд. Онҳо холаро яке бо мушташ, дигаре бо лагадаш мезад ва ҳамагӣ беором дашномаш медоданд.

Ҳанӯз кофтуков тамом нашуда буд, ки аз беруни қишлоқ садои панҷтирае баромад. Ин садо гӯши кобандагони хонаро сих намуд. Яке аз онҳо ба дигариаш:

— Баро, чӣ гап шуд? — гуфт.

Дақиқае нагузашта дар берун ва дар дохили қишлоқ тирпарронӣ авҷ гирифт. Ҳамон шахсе ки аз ҳама пеш ба хона даромада буд, шамшерашро аз ғилоф кашида, ба хола:

— Падарлаънат, кампир! Агар ҳозир урусро ёфта надиҳӣ, мекушамат! — гуфт бо як овози шиддатнок ва пур аз таҳдид. Шариконаш дар ҳолати дудилагӣ гоҳ ба берун нигоҳ мекарданд, гоҳ ба хола.

Хола хатарнокии лаҳзаро ҳис мекард. Вай медонист, ки агар ҳозир аз даҳонаш ягон калимаи дашномомезе ё пӯписаангезе барояд, ин қассобон сарашро аз танаш ҷудо карда рафтан мегиранд. Аз ҳамин сабаб ҳам ӯ бо хунсардии тамом:

— Майлаш, бикуш, бачем, — гуфт.

Баҳсу ҷавоби инҳо ҳанӯз тамом нашуда буд. Ҳамон шахсе ки барои хабаргирӣ баромада буд, аз рӯи ҳавлӣ бо овози баланд:

— Зуд бароед, аскарони сурх пахш карданд! — гӯён фарёд зад.

Ҳамагӣ саросема давида берун баромада ба аспҳояшон часпиданд. Ҳамон шахсе ки шамшерашро луч карда дар теппаи сари хола истода буд:

— Уух, падарлаънат, ҷодугар! — гуфта бо шамшераш холаро якто зад. Хола беҳуш шуда афтоду монд. Як дасташ аз танаш ҷудо шуда буд.

## III

Одинамоҳхоларо дар беморхонаи район ҷо карданд. Вақте ки вай андаке ба худ омад, ҳамроҳи доктори калони беморхона марди ношиносе ба теппаи сараш омад ва табассумкунон аз вай:

— Ҳа, хола, чӣ тавр ҳастӣ? — гӯён ҳолпурсӣ намуд.

— Шукр, андаке дуруст, — гуфт хола ва ҳайрон шуда ба рӯи ин кас синча карда истод. Вай медонист, ки ғайр аз Моҳбону дигар фарзанд ё хеше надорад, ки барои хабаргирӣ аз ҳоли ӯ биёяд. Гарчи «айб» бошад ҳам:

— Ту кистӣ? — гӯён ба он кас савол дод.

— Ман командири отряд, — гуфт ба ҷавобаш он шахс.

— Шуморо ҳамин кас ба ин ҷо оварда буд, — гуфт доктор.

Хола дар тааҷҷуб монд. Худ ба худ фикр мекард, ки бо ин марде ки худро командири отряд меномад, чӣ гуна робитаи хешу таборӣ дошта бошад. Командир гӯё ки аз фикру хаёли хола пай бурда бошад ва бо мақсади он ки ӯро аз ин андешаҳои бемаъно раҳо кунад:

— Оча, акнун парво накунед, ба тухми босмачиҳо оташ задем, — гуфт.

Ин хушхабар чашмони холаро чароғ барин равшан намуд. Вай аз шодӣ ва хурсандӣ чӣ гуфтанашро надониста, табассумкунон:

— Худоро шукр, — гуфт.

Командир боз:

— Се рӯз пеш аз ин Иброҳимбек ба даст афтод, — гуфт.

Ба ҷавоби ӯ хола, монанди кӯдаке, ки аз кашф кардани ягон чизи ғалатӣ ниҳоят хурсанд мешавад ва саросема мегардад, ногаҳон:

— Ба вай чӣ шуд? — гӯён ба командир чашм дӯхт.

Командир аввал кӣ будани «вай»-ро надонист. Доктор мақсади холаро фаҳмида:

— Вай дуруст шуда рафт, — гуфт.

— Ҳа, бухгалтери пункти пахтатайёркунӣ-мӣ? — гуфт командир ва гапашро давом дода: — Хола, агар ҳамон рӯз шумо ӯро пинҳон намекардед, босмачиҳо бечораро мекуштанд. Офарин ба шумо! — гуфт.

Доктор ҳам дар навбати худ:

— Даруни танӯр нафас кашида натавониста, беҳуш шуда, будааст. Як-ду рӯз дар ин ҷо хоб карда сиҳат шуда рафт, — гӯён маълумот дод.

— Бечора, — гуфт хола ва ба рухсораш табассуми шодмонӣ дамид ва аз чашмонаш чанд қатра ашки фараҳ ва хушнудӣ равон шуд.

***1934—1937***

# КАМПИР

Кампир Одинамоҳ, ки ду рӯз пеш аз ин бо зарби теғи босмачиҳо аз як дасти худ маҳрум шуда дар касалхонаи район мехобид, имшаб ҳангоме ки чашмашро боз намуд, дар куҷо будани худро надонист. Шаб аз нисф гузашта буд. Ҳамшираи шафқат, ки дар теппаи сари ӯ дам ба дам компрессашро иваз карда меистод ва беором бо бодбезак вайро бод мекард, ба ӯ нигоҳ карда ширин табассум намуд.

Дар хона ғайр аз дуи онҳо дигар ҳеҷ кас набуд. Хонаи сафеде, ки ба он ранги равғанин дода шудааст, каравоти зебо, бистари мулоим, рӯйҷои сафед, болишти пари қу ва илова ба ҳамаи ин паризоди сафедпӯше ки вайро, Одинамоҳ кампири қариб ба ҳафтод расидаи бекасу бечораро, ҳамчун модари барҷомондаи азизаш парасторӣ мекард, хаёли кампирро дар кӯчаҳои гуногун сайр мекунонд.

«Ҳа, ман мурдаам, рӯҳи ман дар биҳишт аст, ин хона хонаи абадии ман аст, ки парвардигор ба ивази азоб ва уқубатҳои дар дунёи бебақо кашидагиам додааст. Ин паризод, албатта, яке аз ҳурони биҳишт аст, ки худо худаш инро ба хизмати ман мондааст» — бо ҳамин хаёлҳо каллаашро ба сӯи хизматгораш «ҳури ҷаннат» гардонида, ба вай синча карданӣ шуд, чашмаш ба стакани пур аз обе ки дар болои стол истода буд, афтод ва худ ба худ — «албатта, ин оби кавсар аст» — гӯён аз он нӯшиданӣ шуд. Дасти росташро, ки дар тарафи стол буд, ба стакан дароз карданӣ шуд, вале ба ин муваффақ нашуд. Аз набудани ин дасташ худаш бехабар буд ва дар айни замон ҳам бо кайфу сафои «биҳишт» набудани як дасташро ҳис накард. Ин ҳаракати вайро ҳамшира мушоҳида намуда:

— Об мехӯред-мӣ? — гуфт ва стаканро ба лаби ӯ наздик овард. Вале ӯ ба ин савол ҷавоб нагардонд ва барои нӯшидани

об даҳанашро ҳам накушод ва чашмонашро ба шифти хона дӯхта, ғарқи дарёи хаёл гардид. Худ ба худ чанд бор «албатта, ин биҳишт аст» — гуфт ва дар мағзи сари худ сабабҳои ин қадар шалҳа ва пажмурда гардидани худро ҷустуҷӯ намуд. Ниҳоят ба ҳамин қарор омад, ки «ин кори мункар-накирони беинсоф аст». Аммо аз истеъмоли калимаи «беинсоф» ҳаросида ду-се бор «астағфируллоҳ»-ро такрор намуд. Ва бо завқи он ки вай аз гудоз гузаштааст ва имрӯз худаш — худои якка ва ягона — вайро лоиқи биҳишти худ дидааст, якбора бо садои баланд қоҳ-қоҳ зада хандид. Ин хандаи ғайримунтазира ҳамшираро ба ҳайрат мононд, вай сарашро ба рӯи кампир хам намуда, дар маънои «чӣ шуд?» табассуми ширине кард.

Кампир чашмони бенурашро ба чеҳраи гулгуни ӯ дӯхт. Вале аз ҳеҷ чиз пай набурд ва аз кирдори худ бехабар буд. Ҳамшира аз пешонаи ӯ компрессро гирифт. Латтаи сафеди тар хеле тафсидагӣ буд. Ба пешонаи кампир дасташро монда, дараҷаи ҳарорати ӯро санҷид, ки хеле баланд шудааст. Компрессро нав кард. Сардии компресс кампирро андак ба худ овард ва ӯ рӯяшро ба сӯи ҳамшира гардонд ва бо ӯ гап заданӣ шуд, вале ин дафъа ҳам боз як ҳодисае вайро ба ҳайрат мононд.

— Дуруст-мӣ шумо? — гуфт ҳамшираи шафқат бо овози маҳин ва бо табассум. Ин дафъа ҳам вай ҷавоб надод ва чашмонашро аз чароғи электрик, ки хонаро рӯз барин равшан карда буд, намеканд. Аз тирезаи бози хона ситораҳои дурахшони шаби торики тобистон медурахшиданд. Аммо ин чароғ на ба он чароғаки сиёҳи бобогӣ ва на ба лампаҳое ки вай дар хонаи ҳамсоягонаш медид, монанд набуд. «Чароғи биҳишт ҳамин тавр мешудааст-дия, ин ҳам аз қудраташ-дия» гӯён аз дил гузаронд. Лекин дар ҳамин он боз як муаммои дигар вайро бесаранҷом кард.

— Дар биҳишт ҳам шаб мешавад-мӣ? — ба ҳамшира мурочиат намуд.

— Чӣ, биҳишт? — гуфта ҳамшира худдорӣ карда натавониста, ин дафъа қоҳ-қоҳ хандид. Ин духтараки 17-18-солаи бомалоҳат, ки имрӯз ба дилдорӣ ва парастории мудофиакунан-

дагони мамлакат аз тарафи ташкилоташ — комсомол ба ин ҷо гузошта шудааст, аз ин кирдори худ шармгин шуд ва «ба дилаш сахт расидагист» гуфту ба баёни ҳеҷу пуч будани афсонаҳои биҳишту дӯзах шурӯъ намуд.

Кампир Одинамоҳ чашмонашро аз вай намеканд. Ба назар гӯё ниҳоят ҳам ба диққат гӯш меандохт. Лекин аз он гапҳои ҳамшира вай чизе намефаҳмид, зеро ки тамоми хаёлоти ӯ фақат дар як нуқтаи муҳим банд буд.

Аз ин панҷоҳу чанд сол пеш, ҳангоме ки вай духтари нозанине буд, камаш ҳар ҳафта як бор номзадаш ба қинғолбозӣ пеши ӯ меомад. Ҳоло мулло никоҳи шаръиашро нахонда буд. Шабе, дар яке аз омадҳои номзадаш, чи шуду чи монду «шайтон ғолиб омад». Баъд аз ин чанд шабу чанд рӯзҳоро то ҳангоми никоҳ вай ба равон намудани ҷӯйбори ашк гузаронида буд. Фақат ақди никоҳ ва лаззати бениҳояти чандрӯзаи домоду арӯсии нав ба ин ғаму ғуссаи Одинамоҳ ҳад монда буд. Ҳоло тамоми фикру хаёли кампир дар болои ҳамин гуноҳаш банд буд. Одинамоҳ фикр мекард, ки худо ин гуноҳи давраи ҷавониашро чӣ тавр бахшида бошад. Агарчи айёми ҷавонӣ бошад ҳам, вале вай гуноҳи азим карда буд, охир! Дар айни гармогармии суханронии ҳамшира, вай:

— Ман бандаи осӣ, — гуфт.

Ҳамшира мақсади кампирро нафаҳмида ҳайрон шуд. Чӣ гуфтанашро надонист. Ба ҷавобаш компресси пешонаи кампирро иваз кард ва дарҳол аз хонаи дигар доктори навбатчиро даъват намуд. Вай ба мушакҳои пур аз рагу паи кампир ба воситаи сӯзан дору фиристод ва ин Одинамоҳро хеле осуда намуд ва ӯ то субҳ, яъне то омадани доктори калони касалхона, осуда хоб рафт.

Вақте ки пагоҳӣ доктори калон барои хабаргирӣ аз аҳволи Одинамоҳ ба ин хона даромад, ҳамшира:

— Ин холаи мо тамоми шабро бо сайру саёҳати биҳишт гузарониданд, — гуфт. Доктор ҳам дар навбати худ хандида:

— Дарди кампир ғӯза-дия, — гуфт.

Ин гапҳо кампир Одинамоҳро аз хобаш бедор карданд.

***1934***

## РАИСА

Раиса ин деҳқонро ҳеҷ писанд намекард. Ба вай дӯғ мезад. Деҳқони қадбаланде, ки ба гапҳои ӯ гӯш меандохт, ҷим буд. Гӯё ба фикри ин деҳқон, қоида ва қонун ҳаминро, яъне дар пеши раиси ҷамоа ором буданро талаб мекарданд. Раиса кампири оддӣ буд. Дар танаш се қабат куртаи калон дошт, ки остинҳои онҳоро қат карда барзада монда буд. Як қабза мӯйҳои сафедаш аз таги рӯймолчаи сурх, ки ба сараш баста буд ва онро ба муносибати кадом иде дастаи пионерони қишлоқ ба вай тӯҳфа карда буданд, баромада истода буд. Рухсори пур аз оҷинг, мӯйҳои пахтаранг ва рӯймолчаи қирмизии кампир ба ҳамдигар тамоман мувофиқат надоштанд. Вай, кампир, дар паси столе ки болои он ҳам бо латтаи сурх пӯшида шудааст, дар рӯи курсӣ ба болои стол хам шуда нишаста буд. Чашмонашро аз ҳамон деҳқон намеканд. Деҳқонони дигар мунтазири гап задан бо ӯ дар ҳар гӯшаи идора нишаста буданд. Баъзеи онҳо аз ин кирдор, дӯғ ва пӯписаи кампир чашми худро намекананд. Як ҳиссаи дигарашон ба гӯши ҳамдигар пичир-кучур карда, ба ин ҳоли ҳар дуи онҳо писханд мезаданд.

Деҳқон дигар ба гапҳои раиса тоб оварда натавонист ва бо садои баланд:

— Дигар нест. Вақте ки нест, ба ту чӣ медиҳам? — гуфт. Овозаш гиряолуд буд.

Раиса ҳам аз ӯ паст наомад.

— Ҳой Бобо, — гуфт, — магар ман туро намешиносам? Ту бо кӣ гап зада истодаӣ? Нағз дон, ки дар даруни дилат чӣ мақсад ва ниятҳо дорӣ, ҳамаашро ман медонам. Ту дигар гап назан ва дӯғ ҳам назан ва боқимондаашро оварда додан гир. Гап тамом.

— Бо ҳамин анҷом ёфтани муколимаро ифода намуда, рӯяшро сӯи деҳқонони дигар гардонд.

Он деҳқон, ки Бобо ном дошт, худ ба худ чӣ гапҳоеро гуфт ва ба пеши дар наздик шуд. Аз суханҳояш фақат калимаи «нест»-ро фаҳмидан мумкин буд, ки инро вай чанд дафъа такрор намуд.

Раиса арзи деҳқони дигарро напурсида, шикоятомезона гуфт:

— Охир, худи ман ҳар рӯз рафта кирмаки вайро хабар мегирифтам. Ду қуттӣ кирмаки ӯ камаш панҷ пуд пилла кард. Имрӯз вай як пуду панҷ қадоқи онро овардаасту мегӯяд, ки «валлоҳ биллоҳ, дигар нест».

Бобо ҳоло аз дар набаромада буд.

— Ҳой Бобо, — гуфт раиса. Бобо рӯяшро гардонд. — Ту кӯрнамак ҳастӣ. Ёд дорӣ — дар соли гуруснагӣ ҳукумат ба ту нон дод, барои кишт тухм дод, худат ва бачагонатро аз балои гуруснагӣ халос кард. Имрӯз ту ҳукуматро фиреб доданӣ мешавӣ. Дурӯғ мегӯӣ. Магар шарм намедорӣ?

Бобо дигар ба гапҳои ӯ гӯш наандохт ва аз дар баромада рафт.

Аз қиёфааш маълум буд, ки раиса ниҳоят асабӣ аст. Барои он деҳқон вай виҷдонан азоб мекашад. Рухсори пур аз чини ӯ таб баровардагӣ барин сурх шуда буданд. Мижгонаш беором зада меистоданд. Агар дар ҳамин вақт дар болои столи раёсат наменишаст ва дар хонааш мебуд, эҳтимол рӯймолчаро ба даст гирифта, тамоми овозашро сар дода, гиря карда, дилашро холӣ менамуд.

Деҳқононе ки ба арзи доди худ омада буданд, ин кайфияти раисаро дида, дар андеша монда, ба ӯ гап намезаданд. Баъзеи онҳо барои дилдории раиса Боборо маломат мекарданд.

— Ман ба вай ба нағзӣ гӯям, гапамро гӯш намекунад, — раиса боз ба гап сар кард, — агар вай кулак мебуд, ман бо вай дигар хел гап мезадам. Мегуфтам, ки «фалон қадар пилла оварда супор, дигар гап нест, тамом, вассалом». Охир ман ин сиёҳбахтро медонам, ки дирӯз панҷяккор буд. Ба хӯрдан нон надошт. Имрӯз, агарчи ба колхоз надаромада бошад ҳам, хеле ба

худ осуда шудааст, ҳамаи ин дар сояи ёрмандии ҳукумат аст. Кӣ инро намедонад?!

Яке аз деҳқонон:

— Рост, ҳамаамон ҳам медонем, — гуфт.

Пас аз ин раиса Қурбон ном аъзои правленияи колхозро фармуд, то ки ба пеши Бобо биравад ва ба ӯ бифаҳмонад, ки ин кораш хуб нест ва бояд ӯ тамоми пиллаашро ба давлат бисупорад. Баъд боз хеле гап зад. Дар охир бо садои ситезакорона:

— Ёд доред-мӣ? — гӯён ба деҳқонон муроҷиат намуд, — вақте ки се сол пеш аз ин босмачиён як дасти маро бурида рафтанд, ман хеле вақт дар касалхона хобидам. На дар беморхона, на дар хонаам, маро ҳеҷ кас ҳолпурсӣ накард. Боз худи ҳамин ҳукумат маро дастгир шуд. Мани кампирро барои хондан ба мактаби роҳбарони кирмакдории район фиристод. Ҳангоме ки мани кампир хонда, чала-чулпа мулло шуда омадам ва чанд вақт дар ҳамин қишлоқамон кор кардам, худи шумо — деҳқонон маро ба раисии ҷамоатамон хостед. Агар шумо намехостед, кӣ ҳақ дошт? Акнун худи шумо гапи маро гӯш намекунед. Ба қонун ва қоидаҳои ҳукумат риоя намекунед...

Баъзе деҳқонон ин гапҳои ба ҳамдигар часпону ночаспони раисаро шунида, бо каллаҷунбонӣ ҳақ будани онҳоро тасдиқ менамуданд. Як гурӯҳашон сарҳояшон хам, бо нӯги биниашон ба замин хат мекашиданд ва гӯё бо ҳамин «гунаҳкор»-и ҳамин корҳо будани худро эътироф менамуданд. Ҳиссаи дигарашон, махсусан ҷавонон, лабҳояшон инҷ ба ҳамдигар чашмак мезаданд ва он қадар ҳам ба гапҳои раиса диққат намекарданд.

Ҳоло раиса «нутқ»-ашро тамом накарда буд, ки аз дари идора як зан дар сараш ҷелак (тӯйяктак), дар дасташ як лингаи калони пур аз пилла, ҳамроҳи Қурбон, дар дасти ин ҳам як лингаи пур, даромада ва бо ситеза:

— Одинамоҳ, ма, бигир, — гуфт ба сӯи раиса.

— Духтаракам, оташин нашав, ҳаққи ҳукуматро ҳазм кардан кори сахт аст ва фаромӯш накун, ки ин ҳукумат аз они худамон аст, — гуфт ба ҷавобаш Одинамоҳ.

***1934***

# ХУН БА ХУН!

*Ба хотираи Саша*
*Тишкевичи 14 сола.*

Саша дар кӯчаи калони шаҳри чанд рӯз пеш аз ин ба харобазор гардонда шудагӣ, бар болои хоктеппае, ки дар ҷои универмаги калон ба вуқӯъ омада буд, манаҳашро дар байни ду зонуяш монда менишаст. Ин шаҳри дирӯза — валангористони имрӯза айнан ба лонаи бумҳо монанд шудагӣ буд. Иморатҳои ба замин яксонгардида ва дар алангаи оташ бартамом сӯхта, хокистару ангишт шудагӣ намунае аз кирдорҳои беҳаёёнаи ғоратгарони фашистӣ буданд. Чуқуриҳои дар ҳар ҷо-ҳар ҷо аз снаряду бомбаҳо ба вуҷуд омадагӣ, мурдаҳои занон, мардон ва кӯдакон — бошандагони ин шаҳр, ки дар ҳар гӯшаву канор ба хуну хокашон оғушта шуда хобидаанд, аз «адолатпарварии» меҳмонони нохонда шаҳодат медоданд.

Шаҳр ҳақиқатан ҳам мурда буд. Дар кӯчаҳои шаклу намуди кӯчагии худро гумкардаи он ҷонзоде наменамуд. Пашша ҳам пар намезад. Саге ҳам аккас намекард. Хомӯшӣ, хомӯшии даҳшатангезе ҳукмфармо буд. Гоҳ-гоҳе аз дур ва наздик дар ин харобазор гашту гузори патрулҳо дида мешуд, ки онҳо мисли кафандуздон дар гӯристон роҳ мегаштанд.

Ба назари Саша чизе наменамуд. Вай на рафту омади патрулҳоро медид, на гуфтугӯи онҳоро мешунид. Вай аз кӯлмаке, ки аз борони дирӯза ва аз хуни ҳо ана вай марди хушмӯйлаби дар пеши он кӯлмак хобидагӣ ҳосил шудааст, чашм намеканд. Дар кӯлмак баргҳои зарди дарахтон, хасу хасрӯба ва ангиштпораҳои чӯбу тахтаи хонаҳои сӯхтагӣ ба ҳам омехта буданд ва бо вазиши боди тирамоҳ онҳо оҳиста-оҳиста ҳаракат мекарданд.

Димоғи ҳаво ҳам сӯхтагӣ буд. Офтоби оламтоб ҳам гӯё, ки манзараи дилсӯз ва ҷигаркабобкунандаро набинам гуфта, дар қабати абрҳо пинҳон шуда буд. Саша ба кӯлмак чашм дӯхта буд. Аммо вай мавҷи бемадоронаи кӯлмакро намедид, дурусташ ин ки аз он пай намебурд. Вай дар ин оби кӯлмак, дар ин нуқта фақат он манзараи даҳшатнокеро медид, ки се рӯз пеш аз ин дар хонаи худашон дида, қариб девона шуда буд.

Бале, вай Саша се рӯз пеш аз ин бо хоҳиши падараш барои доси дастдарози тағояшро бурда додан ба қишлоқи ҳамсоя, ба ҳавлии бобояш рафта буд. Пагоҳӣ, вақте ки ӯ аз хона мебаромад, хоҳарчаи ҳафтсолааш Раичка «Ман ҳам меравам» гӯён ба ӯ сахт часпида гирифта буд. Лекин вай: «Ман туро дар рӯзи якшанбе қӯзиқандичинӣ ба ҷангал мебарам» гӯён хоҳарчаашро алда карда буд. Раичка, дар як он аз хурсандӣ ба ҳавлии тағояш рафтанро фаромӯш карда, бо дастчаҳояш чапак зада-чапак зада, давида се бор хонаро давр зада баромада, баъд омада ӯро — акаашро бӯсида, сонӣ рафта, модарашро оғӯш карда буд.

...Вай, Саша, онро намедонист, ки он бӯса бӯсаи охирини акаву хоҳар будааст! Раичкаи лӯхтак барин хушрӯ ва нозук бо бародари калонаш видоъ карда будааст! Вай, Раичкаи ҳамешабаҳор бо дастчаҳои сап-сафедаш аз куртаи модараш сахт қапида хобидааст. Аз чашмони фирӯзааш фақат яктааш мондааст ва он ҳам калон кушодагӣ аст... Дигарашро кофта гирифтаанд... Эҳтимол вай кӯдак ба дард тоб оварда натавониста, додгӯён ба ҷасади модараш часпида бошад, куртаи ӯро газида хобидааст...

...Модар, модари баақл ва меҳнатдӯст, бо як дасти пурзӯраш синаашро пахш карда, рӯ ба осмон хобидааст. Аз қабати ангуштонаш хуни қирмизӣ ҷаста баромада, шорида, дар байни панҷаҳояш шах шуда мондааст. Рӯи ӯ, рухсораи ӯро мӯйҳои паҳн ва парешони андаке нуқратоб гардидааш пинҳон кардаанд. Не, дигар модар, модари меҳрубонаш бо чашмони хирадмандонаи худ рост ба чашмони вай, Саша нигоҳ карда:

«—Саша, Сашаҷон, писарам, акнун ту калон шудаӣ, шӯхӣ накун, баақл шав, нағз хон, моро хафа накун...» намегӯяд ва навозиш карда сари ӯро сила намекунад.

Аз чорбоғи шаҳрӣ, ки аз павилон ва ресторанҳои зебо ва ободаш осоре намондааст ва шохаву баргҳои дарахтони азим ва баландаш сӯхта, сип-сиёҳ ангишт шудаанд, зоғе «ғо-ғо» гӯён парида рафт. Гӯё ки ин зоғ ҳам аз намуди ғамангези ин боғи дилкушои дирӯза ҳазар кард. «Ғо-ғо»-и зоғ ба гӯши Саша садои ким-чизе барин расид.

Вай ба гирду атроф, ба замину осмон нигоҳ кард. Вай зоғро дид. Лекин сарфаҳм нарафт. Вай ба назари ӯ мисли нуқтачае намуд, ки дар партави офтоб ҷим-ҷимак зада, ба чашми одам метобад. Вай ба чорбоғ чашм дӯхт, аммо онро дарҳол нашинохт. Ин ҷо куҷо бошад? Бале, ин дарахтони пару болрехта-чӣ охир? Ин чорбоғ, чорбоғи шаҳр аст! Аранг-аранг ба хотираш расид ки ӯ рӯзе, дар аввали ҳамин тобистон ҳамроҳи падараш ба шаҳр омада, дар ҳамин боғ муддаои табъ ба морожений сер шуда буд.

Падар, ҳамон падари вазнин ва ҳалимаш, ки ҳатто ба пашшаро ҳам озор додан дилаш намешуд, чӣ гуноҳ карда бошад? Не, вай ба худ ин саволро намедод. Вай медонист, ки ҳамон падари ботамкинаш, модараш, модаркалонаш ва ҳамон Раичкаи азиз ҳам намехост ва намехостанд, ки юғи бандагиро ба гардан гиранд. Ана, решаи гап дар ҳамин буд...

Ҷасади падараш аз пеши чашмаш ҳеҷ дур намешуд. Вай, дар дасташ табар, дар таги дари даромад хобида буд. Косахонаи сараш ҷудо шудагӣ, майнааш ба дару девори пойгаҳ чошу пош хӯрдагӣ буд... Гарчи ҳаво андаке сард бошад ҳам, аммо Саша хунукро ҳис намекард. Гӯё се рӯз боз ӯро таб мегирифта бошад, ҳаракати аъзои баданаш ҳаргиз паст намешуд; гӯё ки ӯ масти мустағрақ буд. Вай тасаввур намекард, ки ин се шабу се рӯзро чӣ тавр ва дар куҷо гузаронидааст. Ҳатто дар ёд надошт, ки баъд аз ин воқиаи мудҳиш ба даҳон ягон чиз бурдааст ё не?

Ҳангоме ки манзараи ин тавр ваҳшиёна кушта шудани падараш дар пеши чашмонаш намудор шуд ва ногаҳои хунук хӯрдагӣ барин шуда, тамоми аъзои баданаш виҷиррос зад, дандонҳояш ба ҳам хӯрда, ғиҷиррос заданд ва беихтиёр дасташ ба хоктӯдае, ки дар паҳлуяш сохта монда буд, дароз шуд.

Вай ҳанӯз хоктӯдаро ханҷар кашида накушода, гӯё ки маст буду якбора ҳушёр шуд ва ба гирду атроф нигоҳ кард. Кӯча мисли аввала холӣ буд. Фақат аз ӯ ду қадам дуртар, мӯйсафеди қадхамидае мегузашт. Дар дасти ӯ асо буд, вай ба зӯр қадам мемонд. Саша гап назада ба вай синча карда истод, пирамард ӯро надида, оҳиста-оҳиста ба роҳаш рафтан гирифт. Лекин риши калони пирамард, чашмони ба қаър кашидаи бенуршудаи ӯ дарҳол модаркалонашро ба ёд оварданд.

Мӯйҳои кӯтоҳи модаркалонаш ҳам ҳамин тавр барф барин сап-сафед буданд; ӯ ҳам андаке хам шуда роҳ мегашт. Аммо вай ҳанӯз тетик буд. Ҳар рӯз модараш ба кор мерафту модаркалон дар хона монда, тамоми корҳои рӯзгорро саришта мекард. Хона ва рӯи ҳавлиро мерӯфт ва тоза мекард, гов мечӯшид, ба мурғу ғозон дон медод, ба укаҳои ӯ нигоҳубинӣ мекард, агар вақти холиашро ёбад, ба бӯстон даромада, пиёз ё картошкаро хишова мекард.

...Раичка ҳанӯз хурд буд. Кампир дар шабҳои зимистон, дар ошхона кӯдакро ба бағалаш гирифта шишта, ё ба беленчак андохта ва онро ҷумбонда-ҷумбонда, ба Саша, ки дар паҳлуи ӯ «оча, очаҷон, якта афсона гӯед» — гуфта тавалло карда мешишт, афсонаҳо гуфта медод. Саша ҳанӯз ҳам фаромӯш карда наметавонист, ки модаркалонаш мудом афсонаашро «аз будааст, набудааст, як подшоҳ будааст...» сар мекард. Аз ин гапҳои кампир вай равшан намефаҳмид, ки дарвоқеъ он будааст ё набудааст. Аммо вай гапи очаашро намебурид, саволҳо дода ӯро гаранг намекард, милт-милт карда ба даҳони ӯ нигоҳ карда шиштан мегирифт ва мудом худро дар ҷои қаҳрамони афсона ҳис мекард...

...Ҷасади модаркалонаш аз ҷасади падараш андаке дуртар, дар даромадгоҳи хона хобидааст. Куртааш лах-лах шудааст. Дида мешуд, ки ӯ ба осонӣ ҷон надодааст. Даҳони калон кушодагии ӯ, гӯё ки ҳозир, дар ҳолати мурда буданаш ҳам, ба қотилон лаънат ва нафратҳо мехонд...

Аз дур садои моторҳо, гулдурраси ба санг хӯрдани оҳанҳо шунида шуд. Ин садоҳо ва боз ким-чи хел садоҳо ба ҳам печида ба

гирду атроф салобат меандохтанд ва бомбаборониҳои дирӯзаро, ки Саша шоҳиди зиндаи он буд, ба ёд меоварданд. Аз дур, аз беруни шаҳр қатор-қатор танкҳо мисли хонаҳои сиёҳтоби калони ҷӯланда, хазида меомаданд, аз ақиби онҳо боз чи гуна машинаҳо ва гӯё ки одамони бисёре низ ҳаракат карда меомаданд. Саша аз чӣ сабабе ногаҳон хурсанд шуд. Ҳатто лабҳояш ба табассум моил шуда, андаке аз ҳам гусехтанд ва чеҳрааш ҳам гӯё ки кушода шуд.

Танкҳо наздик мешуданд. Саша аз онҳо чашм намеканд. Ниҳоят онҳо ба ӯ наздик расиданд ва ҳатто танкҳои дар пеш буда аз паҳлуи ӯ гузаштанд ҳам. Саша аз ҷояш намеҷунбид, мисли ҳайкал дар ҷояш шах шуда монда буд. Як, ду...се... Не, ҳисобкунӣ ҳам ба дилаш нағунҷид... Фурсат ғанимат буд. Ин фурсати қулайро аз даст додан хиёнат ва ҷиноят буд. Гӯё ки дар ҳамин дам Раичка дар пеши назари ӯ пайдо шуда, «Саша, ту тарсончак» мегуфт ва оҳиста-оҳиста хоктӯдаро кофта гранатаро ба даст гирифтанашро ҳам надониста монд, фақат сардии оҳан «ман дар дастат, ҳушёр бош!» гуфтагӣ барин ӯро бохабар кард ва ба худ оваронд.

Танкҳо, аз ақиби онҳо бронемашинаҳо, тӯпу тӯпхонаҳо низ гузаштанд. Саша ҳанӯз ҳам ба як қарор омада наметавонист. Аробакаши колхоз Митя амак гуфта буд, ки «падар, модарат, модаркалонат ва укаҳоятро офитсерҳо куштаанд. Онҳо падаратро маҷбур кардаанд, ки ӯраҳои гандуми колхозро нишон диҳад, вай «ман намедонам» гуфта хап шиштан гирифтааст. Ана аз барои ҳамин на фақат падаратро, балки ҳамаи авлодатро куштаанд». Дар охир аз ҳама ақиб, чорнафарӣ қатор шуда, як гала солдатҳои пиёда низ гузаштан гирифтанд. Дере нагузашта думи ин колонна ҳам канда шуд.

Аз паси онҳо як машинаи калон меомад. Дар он ҳафт ё ҳашт нафар офитсерон шишта буданд. Машина оҳиста-оҳиста роҳ мегашт. Гӯё ки ин машина хари ақибрави ин корвони қотилон буду офитсерони басавлати дар он буда, сорбонон буданд.

Саша ҷаста аз ҷояш хест, шиппас зада ба поён фаромад ва тир барин ба сӯи машина давид. Дар ин дам чашмони ӯро

ашкҳои хашму ғазаб, сиришкҳои интиқом фаро гирифта буданд. Аз офитсерони дар машина будагӣ ягон кас ҳам наздик омадани ӯро надида монд. Вақте ки ба машина ду қадам барин масофа монд, Саша бо тамоми овозаш:

— Ма, нобакорон! — гуфту гранатаи худро ба машина ҳаво дод.

Сонияе нагузашта, садои пурҳайбати таркиш баланд шуд. Хокистари машина ва бошандагони он бо хоки кӯча ба ҳам омехта шуда, барбод рафт.

Ин — марг ба марг, хун — ба хун буд.

***1941***

## МАҲТОБХОЛА

Маҳтобхола ба колхоз фақат ҳамин сол даромада буд. Пул ва ғаллаи яклухте, ки имрӯз ӯ мегирифт, фароштуруки аввалини мавсими баҳори меҳнати ӯ буд. Имшаб хола мижа таҳ накард. Ӯ ғарқи хаёлоти гуногун буд: як ба як плани сарф кардани пули меҳнаташ, ба вуҷуд овардани орзу ва ҳавасҳои деринаашро мекашид. Аз гаҳвораи нав ва гаҳворапӯши нав барои нахустин набераащ сар карда, то харидани шонаи нав барои худаш, тамоми ҷои сарфкунии пулро фикр карда баромад. Ҳатто ранги абра ва астари гаҳворапӯши шоҳиро ба худ тасаввур намуд ва бевосита аз кооператив рафта харидани худашро муқаррар кард. Аз хушнудӣ чӣ кор карданашро намедонист ва дам ба дам худ ба худ: «Ман-ку, рӯи шоҳӣ ва кимхобашро надида, мӯямро сафед кардам, мон, ки акнун аз давлати ман набераам пӯшад», — мегуфт.

Имрӯз бедорхобӣ ба хола он қадар таъсир накарда буд. Ӯ назар ба ҳаррӯза далертар буд. Ҳатто баъзе шариконашро шалпар карда монд. Аммо тез-тез ба офтоб нигоҳ мекард, ба хамидани соя диққат менамуд ва фурӯ рафтани хуршедро мепоид.

Бегоҳирӯз ба назди кассир аз ҳама пеш хола ҳозир шуд ва «балам»-гӯӣ карда, зудтар баробар кардани ҳисобашро хоҳиш намуд. Баъзе колхозчиён ҳам:

— Ҳа, аввал кампирро гусел кунед, — гӯён ӯро тарафдорӣ карданд.

Кассир, марди камгап, бадқавоқ, чӯтзаниашро бас кард ва онро ба як сӯ монду ба рӯйхат нигоҳ кард ва номи холаро ёфта:

— Мана, дар ҳамин ҷо даст монед, — гуфту бегапу гуп ангушти калони холаро бо сиёҳӣ ранг кард ва ба ҷои имзо ба рӯи коғаз пахш намуд. Якбора ду ғалладони мизро кушода, аз якеаш чаҳор дона заёми «соли чаҳоруми хотимадиҳандаи панҷсола»-ро, ки ҳар якеаш 25 сӯмӣ буд ва ҳамааш як облигатсияи бутунро ташкил медод ва аз ғалладони дигар чанд дона червони навро гирифта, бо заём як карда, ин дафъа ҳам бе гап, ба дасти хола дод ва сарашро набардошта колхозчии дигарро ҷеғ зад.

Хола аз хурсандӣ ба пӯсташ намеғунҷид. Рост ба сӯи ҳавлиаш равон шуд. Дар сари роҳ бо хаёли он ки «даҳани набераашро ширин кунад» барои харидани чанд дона конфет ё ки қанди сафед ба кооператив даромад. Дар дӯкон ба облигатсияҳо синҷа карда, то ки чӣ гуна пул ва чандсумӣ будани ин «пулҳои» навро бидонад, сипоҳиро бой надода, ба ҷиддият ба ивази конфетҳое, ки фақат чанд тин меистоданд, яке аз он 25 сӯмиҳоро ба фурӯшанда дароз кард.

— Оча, мо инҳоро намегирем, ин пул не, — гуфт бо табассум кооперативчӣ ва заёмро ба дасти хола баргардонд.

Хола ҳозир ҳам чӣ будани онҳоро намедонист. Фиғонаш баромад. Рост баргашта ба пеши ҳамон кассири бадҳазм рафтанӣ ва титу ғози онро баровардани шуд. Аммо торикии бегоҳ ғалаба мекард. Мадораш хушк шуд. Чору ночор бо хашми том ба хонааш равон шуд.

Писараш кайҳо аз кор омада буд. Ба ин дермонии модараш дар тааҷҷуб буд. Димоғи сӯхтаи модарашро дида:

— Ҳа, боз чӣ шуд? — гӯён аз ӯ ҳолпурсӣ намуд.

— Рӯи вай гунгро мурдашӯ шӯяд, бадбахт маро фиреб додааст, ба ҷои пул ба ман паттаҳо додааст, — гуфту хола ба ашкрезӣ шурӯъ кард. Червонҳоро нишон надода ва фақат чор дона заёмро баровардa, ба пеши писараш партофт ва воқеаи дар кооператив рӯйдодаро ба ӯ нақл кард.

Писараш хандид. Патта набуда, заём будани онро ва албатта, бурдани онро ба модараш фаҳмонд. Хола ба ин гапҳои

ӯ бовар намекард. Дар ниҳоят писараш ҳамон рӯзи маҷлисро, ки ҳамагӣ барои нависондан ба заёми нав даст бардошта буданд ва хола ҳам дар он ҷо ҳозир буд, ба ӯ хотиррасон кард. Ба ҷавобаш хола:

— Бӣ, аз девона мепурсӣ, ки моҳ чанд? Дина чӣ хӯрок хӯрдӣ гӯй, дар ёдам ҳаст-мӣ? — гуфт ва ба унвони кассири бегуноҳ дуои бадкуниашро бас накард. Ҳангоме ки писараш баъд аз насиҳати бисёре баромада, ба хонаи худаш рафт, «ин акнун ба ман насиҳатгӯ шуда баромад», гуён аз ӯ ҳам хафа шуда, облигатсияҳоро ба яке аз тоқчаҳои хонааш ҳаво дод. Чанд рӯз ғами ин чор дона «патта» аз ӯ дур нашуд. Вақту бевақт дар ҳар як фурсати қуллай ба ҳар кӣ он «фоҷиа»-ро, ки бо ӯ рӯй дода буд, ҳикоят мекард. Дар қалбаш роҳи аз он кассир қасосгириро ҷустуҷӯ мекард. Худ ба худ плани интиқомро мекашид. Аммо ба иҷрои ҳеҷ якеаш ҷуръат карда наметавонист.

Рӯзҳо, ҳафтаҳо, моҳхо гузаштанд. Пулҳое, ки ҳар бор кассир ба ивази меҳнаташ ба хола дода меистод, дар ҳузури ӯ ин гуноҳашро оҳиста-оҳиста шуста рафтанд, ки худаш ҳам надониста монд. Хола дигар он «паттаҳо»-ро ва аз кассир қасосгириро низ фаромӯш кард.

Сол гузашт.

Имрӯз боз ҳамон кассири бадқавоқ ба колхозчиён пул медод. Ба хола боз аз ҳамон «паттаҳо» чандто дод.

— Не, мулло Раҳмат, акнун мана ин дафъа шумо фиреб дода наметавонед, — гуфт Маҳтобхола.

Кассир дар тааҷҷуб монд.

— Ин паттаҳотона ман намегирам. Ун вақт ман ҳеҷ чия намедонистам, акнун ман ҳам чала чулпа саводнок шудагӣ, ман ҳам камтар доно шудагӣ, — гуфт боз бо кибру дабдаба хола.

Гап ва насиҳатҳои кассир ва атрофиён ба ӯ ҳеҷ таъсир намекарданд. Ба хаёли хола ҳамагӣ ӯро душман буданд. Гӯё ҳеҷ кас беҳбудии ӯро намехост. Хола пулро нагирифт ва бо овози баланд мағалро сар кард. Ниҳоят, ба ин ҷанҷол котиби ячейка

мудохала кард. Тамоми арзи холаро бо диққат шунавид. Хола ҷирраи чашмашро ба кассир, ки бо додани пул ва заём бо колхозчиён банд буд, мепартофт ва дар дилаш «хуб боб кардам-мӣ? Ана, айбата фош кардам-мӣ?» мегуфт.

Котиби ячейка марди ширинкор буд. Ба ин гӯлӣ ва соддагии хола ботинан завқ мекард. Аммо «сар равад ҳам, сир наравад» гуфтагӣ барин ҷиддиятро бой намедод.

Ҳангоме ки хола «сирру асрори» кассирро фош карда шуд, котиб монанди одаме, ки ба ин «фиребдиҳии» кассир тамоман бовар карда бошад:

— Рост-мӣ? Канӣ, ман ҳамонҳоро бинам, чӣ хел «паттаҳо» будааст. Даррав биёред. Худи аз рӯи меҳнати кассир гирифта медиҳам, — гуфт.

Набераи ёздаҳсолааш чанги хонаи кампирро ба осмон дакка занонида, он облигатсияҳоро ёфта овард.

Котиби ячейка онҳоро як аз назар гузаронду гап назада, ба дасти котиби колхоз дод. Котиб табассумкунон газетпарчаҳоро ба варақ задан сар кард. Хола гоҳ ба котиби ячейка, гоҳ ба котиби колхоз нигоҳ мекард. Ҳайрон буд, котиби ячейка бо ду нафар колхозчиён гап зада истода буд.

— Оча, канӣ, ба ман чӣ медиҳед? — гуфт котиби колхоз хандида.

— Барои чӣ? Ман чиз медодаам ба шумо? — гуфт хола бо истеза.

— Се ҳазор сӯм баред ҳам, моро як зиёфат намекунед-мӣ? Ба ҳамаи колхозчиён тӯй карда диҳед ҳам, меарзад, — гуфт боз котиб.

Хола ба бедории худ бовар намекард. Ба хаёлаш гӯё ин дар хобаш буд. Чӣ гуфтанашро намедонист.

Котиби ячейка монанди шахсе, ки ин гапҳоро нашунидааст:

— Ҳа, оча, чӣ шудааст? — гуфт ва рӯяшро ба кампир гардонд.

— Балам, балам, ман се ҳазор... се ҳазор сӯм бурдаам, — гуфт хола ҳамчун духтарчаи шармгине, ки дар рӯзи ид бо нозу нуз аз падараш идӣ мепурсад, аз даҳонаш гапҳояш меафтиданд, лабҳояшро идора карда наметавонист.

Ҳангоме ки ҳамон кассир боз чанд дона облигатсияҳои навро ҳамроҳи пул ба пеши хола монд:

— Аз он паттаҳо боз тед, ин қадар кам метед? — гуфт хола ва ба замин нигоҳ карда хандид.

1935

# ПАТРИОТҲО
***(Қайдҳои нависанда)***

## 1. Телеграмма

Командири запас, коркуни хоҷагӣ — Аҳмадҷон Қодиров командировка шуда ба қишлоқи дурдасте рафта буд. Вақте ки ӯ тамоми рӯз роҳ гашта, ба ҳавлиашон омад, чароғҳои электрикӣ шаҳрро рӯз барин равшан карда буданд. Дар ҳавлӣ ғайр аз модари кӯҳансолаш дигар ҳеҷ кас набуд. Занаш ҳамроҳи хоҳараш ба кино рафта буд, ҳарду писар дар лагери пионерон буданд. Кампир писарашро гарму ҷӯшон пешвоз гирифта ва ба пеши ӯ хӯрок оварда монд. Ҳанӯз ӯ ба дастархон даст дароз накарда, кампир:

— Аз гап хабар дорӣ-мӣ? Ҷанг шудааст, — гӯён гапҳои аз келинаш шунидаашро баён кард.

Аҳмадҷон аз оҳанги гапҳои модараш хашму ғазаби пинҳониеро ҳис кард. Гарчи модараш киноямезона: «хӯш, марди майдон, шумо чим мешинед-мӣ?» нагӯяд ҳам, вале гапҳои оромонаи кампир таъна ва мазаммат барин расиданд. Вай хӯрокашро чала-чулпа хӯрда:

— Ман як давр зада меоям, — гуфта ба кӯча баромад. Аҳмадҷон ниҳоят оташин буд. Чӣ? Фашизм ба хоки муқаддаси мо ҳуҷум кардааст?! Ин чӣ густохӣ ва беҳаёӣ? Не, фашизм тушбераро хом шумурдааст! Аҳмадҷон оҳиста-оҳиста роҳ мерафт. Дар кӯчаи ором ва сокит аз равуокунандагон касе ба чашмаш наменамуд. Аъзои баданашро ким-чи гуна ларзае фаро гирифта буд. Худи ӯ пай намебурд, ки ин аз шиддати қаҳр ва ғазаб аст.

Аҳмадҷон ба фикру хаёл ғӯтавар шуда, ба военкомати район расиданашро надониста монд. Фақат дар он ҷо ба худ омад. Хонаи навбатдор пур аз одам. Аз мӯйсафедони солхӯрда то ҷавонони наврасе, ки ба қавли одамон ҳоло аз даҳанашон бӯи шир меояд. Мардон ва занон. Доктори кӯҳансоли қадрдони аҳолии шаҳр, звеноводи садсентнерчии колхози номдор, толибагони техникуми тиббӣ ва дигарҳо. Ғалатӣ! Кӣ нест? Гӯё ки ҳама дар ин ҷо. Рус, тоҷик, ӯзбек, яҳудӣ, арманӣ... Командири полки давраи ҷанги граждани, ҳозир сардори як корхонаи калон оҳиста-оҳиста ба навбатчӣ гап мезанад. Ҷавони қадбаланде, ки чор значоки мудофиавӣ синаашро оро додаанд, ба навбатчӣ гапашро маъқул карданӣ шуда, бебокона:

— Ман якумин тирандози ворошиловӣ ҳастам. Бояд аввал маро фиристонед, — мегӯяд.

Лекин дар хона мағалу ғавғо нест. Ҳар кас бо навбат ба пеши навбатчӣ меояд, гап назада аризаашро медиҳад ё даҳонакӣ дар ҳар дақиқа тайёр будани худро баён мекунад. Навбатчӣ ба ҳар яке:

— Бисёр хуб, рафиқ, ин арзи шуморо ба назар мегирем. Агар даркор шавед, ҷеғ мезанем, — мегуфт.

Аҳмадҷон ба навбатчӣ:

— Ман командири запас ҳастам. Имрӯз дар шаҳр набудам. Ҳозир омадам...

Аҳмадҷон ҳанӯз гапашро тамом накарда, навбатчӣ бо ҳамон гапҳо ба ӯ ҳам ҷавоб гардонд.

Аҳмадҷон дар военкомат ҳамин қадар одамро дида дар ҳайрат намонда, аммо дарҳол фаҳмида буд, ки дар ин наздикиҳо ба вай навбат намерасидагӣ барин менамояд. Гапҳое, ки навбатчӣ бо табассум ба дигарон мегуфт ва ба ӯ ҳам гуфт, тамоман ӯро ноумед кард. Ба кӯча баромад. Ба хаёли «чӣ бояд кард?» ба тарафи ҳавлиашон равона шуд. Вале ҳанӯз чанд қадам роҳ нагашта, ба майнааш як фикри нав омад ва қариб давон-давон ба телеграфхона равона шуд.

Аз телеграфисткаи навбатчӣ як дона бланка гирифта, ба паси стол нишаст. Ба даст қалам гирифта, андаке фикр кард ва ниҳоят гапҳои зеринро ба рӯи бланка навишт:

«Москва, ба маршал Тимошенко.

Рафиқ комиссари халқӣ. Ҳуҷуми фашизми мурдор ба ватани азизамон хашму ғазабамро ба ҷӯш овард. Дигар тоқат карда истодан бароям бисёр мушкил аст. Иҷозат диҳед, ба даст яроқ гирам ва ба ҷанг равон шавам. Барои ватан, барои партия ҷонамро дареғ намедорам. Адреси ман райвоенкомат аст.

Командири запас Аҳмадҷон Қодиров».

Вақте ки Аҳмадҷон телеграммаро дода, ба хонааш гашта омад, соат қариб як буд, ҳама хоб буданд.

*1941*

## 2. Мактуб

Бибифазилат — зани миёнсол, чаққон, чобук. Вай ҳамроҳи як гурӯҳ занон ва духтарон дар майдони калони колхоз саргарми зардолучинӣ буд. Ҳанӯз офтоб нашишта, ӯ ва шариконашро ба маҷлис чеғ заданд. Ин даъвати бемаҳал ба онҳо чандон маъқул нашуд. Онҳо:

— Дар вақти кор ин чутунгин маҷлис будааст?

— Тагрезҳо пӯсида равад ҳам, калонҳои колхози мо парво намекунанд... — гӯён, ғут-ғуткунон, саросема нашуда, дилу нодилон ба чойхонаи колхоз омаданд.

Дар чойхона ҷамъият ҷамъ буд. Гӯё ки ҳама мунтазири ҳамин гурӯҳи зардолучинон буданд. Митинг дарҳол кушода шуд. Котиби партком баромада гап зад... Аммо ин дафъа гапи котиб бисёртар аз ҷангу туфанг ва тӯпу самолёт буд. Фақат дар охири гапаш як қатор вазифаҳои таъхирнопазири колхозчиёнро як ба як баён карда гузашту халос.

Тамоми аҳли маҷлис мисли як одам гапҳои маърӯзачиро шунид. Баъд раис, баъзе колхозчиёни миёнсол ва ҷавон, муаллима, котиби ташкилоти комсомолӣ ва дигарон ба гап барома-

данд. Нутқҳои оташин, пур аз хашму ғазаб. Бале, гап задан ва дар баробари ин дар майдони ҷанг, дар сари станок, дар саҳроҳои колхозӣ ва дар ҳама соҳаҳо муҳаббат, садоқат, ҷонфидоӣ ва ҷонсупориро боз садҳо маротиба зиёдтар дар амал нишон додан даркор аст. Кӣ инро ҳис намекунад? Оё чунин касе ёфт мешавад?

Бибифазилат ҳам хеста, бо тамоми овозаш гап заданӣ ва тамоми хашму ғазабашро баён карда, дилашро холӣ карданӣ буд. Магар ин ҳазл аст? Як тӯда сагони дайду, ки фашизм ном доранд, ба хоки мо медаромадаанду ҳаёти фаровон ва осудаи моро вайрон мекардаанд. Дар ин дам кӣ хомӯш монда ва ором шишта метавонад? Вай фикр кард. Баромада чӣ гӯяд? Дил пур, аммо гап ёфтан, гапдон будан даркор аст. Дили пуру аммо забони бурро набошад, ба одам бисёр алам мекунад.

Бибифазилат ҳанӯз фикр карда, гапҳои мегуфтагиашро ёфта ва дар мағзи сараш пазонда, бо сухан набаромада, митинг ба охир расид. Ҳатто ӯ мазмуни қарореро, ки маҷлис бо тантана ва ғулғула қабул кард, нағз нафаҳмида монд. Ин ба вай аз ҳама зиёдтар алам кард.

Ҳанӯз тамоми аҳли маҷлис пароканда нашуда, Бибифазилат ба сари столи президиум омад. Котиб коғазҳои рӯи столро мегундошт. Бибифазилат аз вай хоҳиш кард, ки ба номи писараш якта мактуб навишта диҳад. Аммо котиб:

— Хола, ҳолӣ сонитар навишта медиҳам, — гуфт.

— Укаҷон, шумо ҳам мана доғ накунед, — гуфт Бибифазилат.

Котиб аз оҳанги гапи ӯ фаҳмид, ки агар боз як бори дигар гапашро гардонад, Бибифазилат бемалол ҳунгас зада гиря карда мефиристонад.

— Хайр, хола шинед, ҳозир навишта медиҳам, — гуфт ба ӯ аз паҳлуяш ба стуле ҷой нишон дод ва як тахта коғазро ба пешаш монда, ба дасташ қаламро гирифта:

— Хӯш, гап занед, чӣ нависам, ба кӣ нависам? — пурсид.

Бибифазилат саросема нашуда:

— Ба писарам, ба ҷӯраатон Маҳмудҷон нависед. Нависед, ки писари азизам Маҳмудҷон! Ин хатро ба ту модарат, модари

меҳрубонат, ки туро аз ҷони худ азизтар медонад, модари ҷоно-ҷонат, ки шабҳои дарози зимистонро дар сари гаҳвораи ту рӯз карда, алла балам гуфтааст, аз пистони худ ба ту шир додааст ва навозиш намуда калон кардааст, ин хатро ба ту менависад.

Нависед... нависед, ки ту фарзанди азизам ба гапҳои ман гӯш кун. Ҳозир мо шунавидем, ки як тӯда сагҳои девона — фашистони ба хун ташна ба хоки мо зер карда даромадаанд. Ин хабар оташи хашму ғазаби маро аланга гиронд. Писарам, ба ту чӣ гӯям, қаҳру ғазаби ҳамаи колхозчиёнро ба ту чӣ тавр паҳн кунам? Аммо ба ту ҳаминро мегӯям, ки ин хабари даҳшатнок тамоми колхозчиёни моро, зану мардро ба по рост кард. Мо ҳама тайёрем, ки барои Ватан, барои саҳроҳои зарбахши колхозиамон ҷони худро фидо кунем. Ҳозир маҷлис шуд. Як тӯда колхозчиёни мо ба шаҳр, ба военкомат равона шуданд, то ки худро ба Армияи Сурх нависонанд. Дар байни онҳо духтари аммаат Бибилатофат ва се нафар дугонаҳояш ҳам ҳастанд...

Нависед, нависед, ки писарам, писарҷонам, ҳаминро аз ёдат набарор, ки Ватан — ин модарат аст, модари ҳамаи мост. Бинобар ин ба Ватан хиёнат кардан — ба модари худ хиёнат кардан аст. Ана аз ҳамин сабаб мегӯям, ки чӣ қадар ба ман, ба модарат вафодор бошӣ, ҳамон қадар ба Ватан содиқ бош!

Котиб аз болои коғаз сар бардошт ва аз ин сухандонии Бибифазилат дар ҳайрат монда, ба чеҳраи ӯ синча карда истод. Гӯё ки ӯро дар умраш якум маротиба медид. Бибифазилат ба вай:

— Нависед, — гӯён амр кард, — нависед, ки фарзанди азизам, нури чашмам, имрӯз мамлакатамон ба ту яроқ дода, туро ба муҳофизати Ватан равона кардааст. Дон ва нағз дон, ки ин шараф аст, шарафи бузург аст. Аз таҳти дил хизмат кун, дар роҳи муҳофизат кардани Ватан ҷонатро дареғ надор, агар лозим шавад, барои он қатра-қатра хунатро деҳ. Дон, ки хурсандӣ ва хушбахтии ман дар ҳамин аст.

Нависед, дар охираш нависед, ки писарам Маҳмудҷон, аз ту умедам калон аст. Умеду орзуҳоямро барбод надеҳ. Ҳаминро фаромӯш накун, ки мардони майдон аз тахтапушташон тир наме-

хӯранд ва ана аз ҳамин сабаб ҳам ғолиб меоянд. Агар шунавам, ки ту аз тахтапуштат тир хӯрдӣ, дон, ки ту дигар фарзанди ман нестӣ, ман то мурданам аз ту розӣ нестам. Ширҳои додаамро асло ба ту намебахшам.

Нависед, дар охираш ҳаминро ҳам қайд кунед, ки Маҳмудҷон, азизам, аз хусуси мо асло ғам нахӯр, хотирҷамъ бош. Мо ҳам тамоми қувваамонро сарф мекунем, ғайрат мекунем, сад баробар зиёд кор мекунем, то ин ки бо муҳаббат ва садоқати бепоёни худ ба кори мудофиаи Ватанамон ёрӣ диҳем.

Хайр, саломат бош, ғолиб шаву мағлуб нашав. Модари хушбахти ту: Бибифазилат.

Котиб мактубро тамом карда, ба конверт андохта, ба рӯяш адресро навишта ба дасти Бибифазилат дод. Дар бегоҳии ҳамон рӯз Бибифазилат мактубро оварда ба почта партофт.

*1941*

## 3. Красногвардеес

Красногвардееси кӯҳна, Шодибой амак — одами хоксор, шикастанафс ва бисёр камгап аст. Манманӣ ба вай бегона аст. Вай дар маҷлисҳо баромада даҳонашро кафк кунонида гап заданро дӯст надорад ва аз паси одам гап зада гаштанро бад мебинад. Аммо, агар дар кори корхонаашон ягон камбудиро бинад, маҷлисро поида намешинаду рост ба пеши директор ё котиби партком медарояду: «Ука, ин кор нодуруст аст, ба фаҳми ман ана ҳамин тавр шавад беҳтар не-мӣ?» мегӯяд.

Дар корхона Шодибой амакро ҳама мешиносанд. Характери ӯро ҳама нағз медонанд. Аз ҳақгӯии ӯ ҳеҷ намеранҷанд. Баръакс, аз директори корхона сар карда то коргарони ҷавон ҳама ӯро дӯст медоранд, «падар, падар» гӯён бо вай муомила мекунанд.

Дар корхона бештарини коргарон саргузашти Шодибой амакро дуруст намедонанд. Ҳама медонанд, ки вай аз аввали ташкил шудани корхона боз кор мекунад. Гӯё ки вай дар замони ҷанги гражданӣ фаъолона дар он иштирок кардааст. Дигар ҳеҷ.

Дирӯз, вақте ки дар корхона митинг барпо шуд, Шодибой амак дар як канор шишта буд. Касе аз вазъияти ӯ хабар надошт. Аз шиддати хашм ва ғазаб дандонҳояш ба ҳам фушурда мешуданд. Вай аз нотиқон чашм намеканд. Дар майнаи ӯ рӯзҳои гузашта, он рӯзҳое, ки барои Ҳокимияти Советӣ дар дашт ва саҳроҳои беканори сарзаминамон ҳамроҳи рафиқонаш — ҷанговарони полкашон ҷонфидоӣ карда буд, баъд замони осудагӣ, зану бачаю качча, кор дар корхона... ҷилвагар мешуданд. Дар охирҳои маҷлис вай аз ҷояш нимхез шуда, аз раис хоҳиш кард, ки ба ӯ сухан диҳад. Саросема нашуда, ба минбар баромад.

— Коргарон, коргарзанон — гуфт ӯ. Овозаш меларзид. Ҳама пай бурданд, ки тамоми вуҷуди ин одами осударо оташи ғазаб фаро гирифтааст. Чашмҳо ба ӯ дӯхта шуданд. Вай давом намуд:

— Ман ба шумо ҳаминро мегӯям, ки мо ғалаба мекунем, ба ин шакку шубҳа нест. Чунки кори мо — кори ҳаққонист. Ҳақ ҳамеша ба рӯ мебарояд. — Шодибой амак хомӯш шуд.

Касе чуруққӣ намекард. Ҳама бо диққат ба ӯ нигоҳ мекарданд. Шодибой амак гапҳои бисёре гуфтанӣ буд. Дар умри худ аввалин маротиба саргузашти худро ба рафиқонаш нақл карданӣ буд, ки чӣ тавр дар вақти мардикоргирӣ ба окопковӣ рафтааст, чӣ тавр баъд аз револютсия ба гвардияи сурх даромадааст, дар кадом ҷангҳо иштирок кардааст, чӣ тавр ҳафт бор ярадор шудааст, чӣ тавр дивизияашон аз ботлоқзори Сиваш гузашта Перекопро штурм кардааст ва чӣ тавр дар ҳамин ҷанг вай аз се ҷояш тир хӯрдааст... Вай бисёр чизҳо гуфтанӣ буд, аммо натавонист... ниҳоят:

— Рафиқон, — гуфт ва ба зал нигоҳ карда истода илова намуд: — Аҷали фашизм расидааст, ки ба мо ҳуҷум кард. Коргарон, барои ғалаба кардан бояд мо ҳама сафарбар бошем. Интизом ва муташаккилӣ — яке аз гаравҳои ғалабаи мост... Коргарон, шумо ба ман, ба красногвардееси кӯҳна иҷозат диҳед, то ки ҳамроҳи писари хурдиам ба майдони ҷанг равона шавам. Писари калониам, ки лейтенанти калон мебошад, дар он ҷост.

Ҳамон рӯз, баъд аз кор Шодибой амак ҳамроҳи писари хурдиаш, ки дар завод машинист аст, ба военкомат рафт. Ҳарду хоҳиш карданд, ки онҳоро ба ҳамон қисме, ки писари калонии амак — лейтенанти калон фармондеҳӣ мекунад, равона кунанд.

*1941, июн.*

## 4. Соҳибхонаҳо

Вақте ки радио хабари сар шудани ҷангро ба тамоми мамлакат паҳн мекард, Шарофат дар ошхона дар тараддуди хӯроктайёркунӣ буд. Ду бачаи калонаш дар рӯи ҳавлӣ бозӣ карда мегаштанд, кӯдаки ширхӯрдааш дар белинчак хоб буд. Шарофат аввал ба гапҳои радио диққат накарда, корашро кардан гирифт. Сабзию пиёзро пора карда монда, ҳанӯз ба таги дег алав накарда, бачаашро хабар гирифтанӣ шуда, ба гапҳои радио гӯш андохт. Дар ҳамин вақт радиостансияи Москва поёни ахбор гуфта эълон кард. Шарофат таассуф кард, ки гӯш накардааст. Вай аз бачааш хотирҷамъ шуда, ба рӯи ҳавлӣ баромад.

Дар сояи беди калон як тӯда бачаҳо ғалоғулӣ карда, бозӣ карда мегаштанд. Шарофат дар рӯи ҳавлӣ ягон одами калонсолро надид. Тирезаи квартираи ҳамсояи дасти росташ — инженери калони корхона кушода буд, вай ба таги тиреза омада:

— Мария Григоревна, шумо дар хона-мӣ? — гӯён ба зани инженер хитоб кард.

Аз даруни хона «ҳа», гуфтагӣ садо баромад ва дар пеши тиреза Мария Григоревна пайдо шуд.

— Мария Григоревна, суханони радиоро ман нашунида мондам, — гуфт.

Мария Григоревна бо ҳаяҷони пурзӯре мазмуни онро ба Шарофат ҳикоят карда дод. Ба қавли худи Шарофат ба хоки мо зер карда даромадани фашистҳои мурдор ва хунхор «фиғонашро баровард». Ҳанӯз ҳардуи инҳо гапро тамом накарда, оҳистаоҳиста дар пеши тиреза занони дар ҳавлӣ зиндагӣ мекардагӣ — соҳибхонаҳо ҷамъ шудан гирифтанд. Дар байни онҳо зани ҷавони шофер Петров, ки онҳо се моҳ пеш аз ин занушӯ шуда

буданд, модари стахановчии номдор Шаҳидов, кампири уҷчак шудагӣ ва дигарон буданд. Як қисми ин занҳо «чӣ гап, барои чӣ дар ин ҷо ҷамъ шудетон» гуфта оянд, қисми дигарашон аллакай хабарро шунида, маҳз барои ин ки бо дугонаҳояшон чақ-чақ карда, оташи ғазабашонро андаке бошад ҳам, фурӯ нишонанд, омада буданд.

Нисбат ба сагтӯдагони фашистӣ, ки ба Ватани поки мо ҳуҷум кардаанд, ҳар кас нафрат ва ғазаби худро бо ҳар гуна суханҳо ифода кард. Баъд муҳокима сар шуд ва хеле авҷ гирифт. Гарчи ба таври ғайримуфассал, бо суханҳои алоҳида бошад ҳам, аз хусуси одамхӯрии фашистҳо, душмани инсоният ва маданият будани онҳо маълумоти хеле пурра дода шуд. Дар охир завҷаи устои сех, зани сергӯшти хушмуомила, Оля Семёновна:

— Мо занҳо, чӣ кор карда, ба кори мудофиа ёрӣ дода метавонем? — гуфта пурсид.

— Шӯйҳоямонро ба ҷанг мефиристонем ва дар ҷои онҳо худамон кор мекунем, — ана хамин ёрии мо мешавад, — гуфт Мария Григоревна ба ҷавоби ин.

Коргарзан, комсомолка Ҳафиза ба сабаби ҳомиладор буданаш ба отпускаи қонунӣ баромада буд, осудавор:

— Агар лозим шавад, ба даст яроқ гирифта, ба ҷанг меравем, — гуфт.

Худи ҳаёт на танҳо дар назди ин як гурӯҳ занон, балки дар пеши тамоми халқ масъаларо кундаланг мегузорад. Вақти дудилагӣ ё «ин кори ман нест»-гӯӣ гузаштааст. Ҳаёт ба саф гузаштанро талаб мекунад. Ба саф гузаштан хоҳ дар майдони ҷанг бошад, хоҳ дар ақибгоҳ — ҷанговар буданро ифода мекунад. Аз ҷанговар интизомнокӣ ва шуурнокӣ талаб карда мешавад. Интизомнокӣ ва бошуурӣ — хоҳ дар ҷанггоҳ бошад, хоҳ дар истеҳсолот — гарави ғалаба аст.

Ин соҳибхонаҳоро ҳеҷ кас ташвиқ накард. Худашон қарор доданд, ки аз пагоҳ ба корхона рафта, ба ҷои шавҳарҳояшон ба кор медароянд. Онҳо ҳисоб карда баромаданд, ки дар ин истиқоматгоҳи калони корхона ҳамааш шуда чи қадар зан ҳаст. Чӣ қадари онҳо ҳозир дар истеҳсолот ва дар идораҳо кор

мекунанд, чӣ қадарашон дар хона овораи дегу табақ ҳастанд ва чанд нафарашон кампирони барҷомондаи аз дасташон кор намеомадагӣ мебошанд. Ба Шарофат, Мария Григоревна ва Ҳафиза супурданд, ки бо дигар занҳои ҳозир дар ҳамин ҷо набудагӣ гапзанон кунанд, ки корро ташкил намуда, умуман мутасаддии ҳамин кор шаванд.

Бегоҳӣ, Шарофат аз ин қарори занҳо ба шавҳараш ҳеҷ чиз нагуфт, чунки чанд бор шавҳараш «ба кор даро, дар кори ҷамъиятӣ фаъол шудан даркор» гуфта буд, аммо ӯ ба ин розӣ нашуда ҳар гуна тақалҳо мекард.

Дар пагоҳи дигар 18 нафар соҳибхона ба пеши директори корхона аризаи коллективӣ бардошта рафтанд, ки онҳоро ба кор қабул кунад.

Шарофат дар сех шавҳарашро дида:

— Мо ҳам омадем, — гуфт.

Ба ҷавоби ин шавҳараш хандида:

— Хуш омадед, корхона пешкаш! — гӯён ҷавоб дод.

*1941, июл*

## МУСОБАҚА
### *(Порчае аз очерки «Ӯрунхола»)*

Не, инро напурсед. Бисёр ғалатӣ аст. Ҷудо ҳам қизиқ шуда буд. Бечора бача ҳоло ҳам шарм медорад. Лекин ҳамин тавр шуданаш ҳам мумкин буд. Ин саркорҳои калонро андак «дамхӯр» карда мондан зарур буд. Набошад, мо занонро асло писанд намекарданд. Ҳамон воқиа боз дамашон ба дарунашон афтида монд. Ҷим шуда монданд. Лом намегӯянд.

Он бача Зокир Қурбон ном дорад. Ба худ боварииаш калон буд. Шумо худатон медонед-ку, деҳқонбачаҳои мо бисёр бақувват ва тандуруст мешаванд. Ҳар чӣ гуна кор ба вайҳо ҳеҷ гап не. Агар кор мекунем гӯянд, замину замонро чаппа карда мефиристонанд.

Ҳа, гапро андак дароз кардам-мӣ? Акнун худи воқиаи шудагиро ба шумо гӯяму монам-дия. Рӯзе тамоми колхозчиҳо ана ҳамин роҳеро, ки аз роҳи калон то пеши чойхонаамон кашол шудааст-ку, ана ҳамин роҳро ҳашар карда месохтем. Аробаҳо рег ва шағал мекашониданд. Саркорҳо сангфарш мекарданд. Мо бо занбарҳо ба вайҳо сангу регро расонида меистодем. Кор меҷӯшид. Худи тӯй барин буд. Чунки мо ин чойхонаамонро, ки ҳоло дар тамоми мамлакатҳои Осиёи Миёна ҳамин барин чойхонаи калон ва хушрӯй нест мегӯянд ва ба қавли одамон чанд борҳо дар газетаҳои Маскав ва Душанбе суратҳояш баромадааст, бино карда истода будем. Аз роҳи калон то пеши чойхона ба лой ғӯтида омадан худаш айб аст. Барои коминтернчиён ин нангу номус буд.

Ана боз гапро кашол кардам. Хайр, акнун ба болои мақсад меоям. Барои ин корро зудтар тамом кардан байни бригадаҳо, байни колхозчиҳои ҷудогона мусобиқа баста шуд. Ана ҳамон

Зокир Қурбон «Ман бо Ӯрунбойсаркор мусобиқа мебандам» гӯён овозашро сар дод. Аз оҳанги гапаш ва писхандзаниаш намоён буд, ки маро назараш намегирад. Вай ин гапҳоро фақат барои маро таҷанг кардан мегуфт. «Бача, ҳоло ту ҷавонӣ мекунӣ» гуфтам. Ба ҷавобаш вай қаҳ-қаҳ зада хандид. Ва ин хандаи вай маро тамоман чурт-чурт карда фиристод. «Хуб, биё!» гуфтаму аз дастаи занбараш гирифтам. Диққати ҳама ба мо равона карда шуд. Ҳар кас аз ҳар гӯша бо овози баланд ҳарчи мегуфт, яке маро, дигаре ӯро дилдорӣ мекард. Ба назарам чунон намуда, ки гӯё ҳамаи ин одамон мағлуб шудани маро орзӯманд ҳастанд. Ин кори мо боз ҳам боиси зиёдтар ба ҷӯш омадани кор шуд. Қариб одамони мусобиқа набастагӣ намонд. Ба ин бисёр завқам омад. Ин ҳолро дида аз хурсандӣ худ ба худам: «мусобақаро бой диҳам ҳам майлаш, аммо кор пеш рафт-ку!» — гуфтам.

— Канӣ ба занбар регро каш, — ман ҳам дӯғ задам. Ман ба шумо гуфта будам-ку, ин бача аз бачаҳои ҳузарби колхози мо буд. Вай ҳам боз бо ҳамон писхандзанӣ ба занбар регро кашидан гирифт. Ман гап назада истодам. Ба назарам ба занбари мо назар ба занбари дигарон ду — ҳатто се баробар регро зиёд андохт. Баъзе деҳқонон инро дида: «Ҳой Зокирбой, ба ту чӣ шуд? Регро камтар андоз, интур кунӣ холаро миёнғу карда мемонӣ» гуфтанд. Вай ба гапҳои ҳеҷ яке аз онҳо гӯш накард. Ман ҳам гап назадам. Чунки вай ба бузбалагиаш бовар кунад, ман ҳам ба худам боварӣ доштам. Рости гапро гӯям, ман ҳам ӯро писанд намекардам. «Ҳоло ин кӯдак аст, ин хом аст, чиро дидааст?» гуфтам худ ба худ.

Шумо намедонед, дар ҳақиқат ҳам ман ба ин тавр фикр кардан ҳақ доштам ва ҳақ дорам. Зеро ки ман дар дунё чи гунаҳкориҳоеро накардаам. Бо чӣ гуна азобҳо ва хорӣ ва зориҳо ин панҷоҳу ду соламро нагузаронидаам. Ин мошубиринҷи мӯйҳоям оқибати ҳамон рӯзҳои ҳаёти талхам аст. Лекин вай бача хабар надошт, ки ин рагу паи ман, ин устухонҳои ман бо кор, бо меҳнати сахт шах шудаанд. Бача, бачагиашро кард.

Хуб, занбари якумро бурда рехтам. Дуввум ва саввумашро ҳам кашонидем. Вақте ки вай дафъаи панҷум ба занбар регро

меандохт, хеле паст шудагӣ буд. Дигар вай мағрурона табассум намекард. Ба занбар ҳам ин дафъа регро хеле кам андохт. Ман ҳам дар навбати худ табассум намуда, «ҳа» гуфтам. Ҳамин «ҳа» барои ӯ бас буд. Якбора суп-сурх шуда рафт. Ва боз ба занбар тез-тез регро андохтан гирифт. Намоён буд, ки бача бисёр таҷанг шудааст. Барои ин ки шарм надорад, ман ҳам ҷим шудам. Аз ин гапу кирдори мо ҳеҷ кас хабар надошт.

Эҳ, ҳазор нагӯям ҳам бача-дия. Охир вай дар ҳамин бист-бисту ду сол зиндагиаш чиро дида аст? Кадом рӯзҳои сахтро аз сар гузаронидааст? Агар ман ҳоло гап занам, насиҳат кунам, ҳамин Зокир Қурбон барин бачаҳо ба гапҳои ман дуруст гӯш намекунанд. Дар пеши назарам «ҳа, ҳа» гӯянд ҳам, боз дониста-ашонро мекунанд. Инҳо сахтиро надидаанд. Имрӯз ба оши тайёр бакавул шуда баромадаанд. Медонед-мӣ, ҳамон соле, ки мо аз даргоҳи хӯҷаин — Қобилкорвон ронда шуда, ба хонаи модарам кӯчида рафтем, илоҷе карда як хона бачаро нигоҳ кардан даркор буд. Хоҳаронам ва бачагонам майда буданд. Шавҳарам ба боёни дигар чоряккор шуд. Даромади шавҳарам ба рӯзгори калони мо ҳеҷ чӣ намешуд. Ман ва модарам шабҳо дар пеши чароғи сиёҳ часпаки остини фаранҷиро медӯхтем ва рӯзҳо кори ҳар касро мекардем. Ҷомашӯиашонро мекардем. Нонашонро пухта медодем.

Ана ҳамон корҳои шабҳои торик чашмони маро аз кор баровардаанд. Ҳоло ман бе айнак хат хонда наметавонам. Бинобар ин ҳам ба газетахонӣ ин қадар пухта нашудаам. Ба ин чашмони хираи худам ҳам ба аз об саводамро баровардам-дия. Медонед-мӣ, ду зимистон ғайрат карда хондам-а.

Баъд аз шаш сол бо модарам гапамон гурехт. Чунон хаёл кардам, ки гӯё бо ин бачаву кача зиёд зиндагӣ кардани мо ба вай малол омадааст. Агарчи худам бечизу бехонаву ҷой бошам ҳам, бисёр баномусу нангин будам. Ба шавҳарам гапамро маъқул кардам, рост ба ҳавлии Муллоамин ном касе кӯчида рафтам ва дар он ҷо ду сол зиндагӣ кардем. Дар ҳамин муддат барои ҳамон кораш тамоман бо модарам рафту омад накардам. Аз пагоҳ то бегоҳ шавҳарам дар саҳро, ман бошам бо бачагони майдаам дар

дари мардум «уф» нагуфта кор мекардем. Аммо нахостам, ки миннати модарам барин одамро бардорам. Гадой будем, аммо гадои баномус будем.

Баъд аз ду соли ин воқиа модарам рафта бо гиряву таваллоу зорӣ моро ба хонааш кӯчонила овард. Ин бачаҳо ин корҳо, ин гапҳоро чӣ медонанд.

«Ман бо фалончӣ мусобақа мебандам» гӯён, даҳанкалонӣ ва ҳатто масхара ҳам мекунанд.

Оббо, нашуд-дия. Ҳарчанде ки гапро ба тарафи дигар набарам гӯям ҳам, боз худи гап ба ҳар сӯ рафтан мегирад. Баъд, чӣ шуд гуфтед-мӣ? Хайр, ҳамон занбари чорум, ё панҷум буд-мӣ, дар хотирам нест, бардоштем. Ҳаққи гапро гӯям ҳардуямон ҳам зӯр-базӯр қадам монда бо азоб то ба марра расидем. Ин дафъа занбарро оварда мондему бо табассум ба ҳамдигар нигоҳ карда гирифтем. Гӯё ҳардуямон ҳам ду паҳлавони майдон будем ва умеди тамошобинҳоро пуч карда, ҳеҷ якеамон мағлуб нашуда, аз майдон баромада будем.

Хуб ҳам ҷоғам таспид-дия. Ҳай-ҳай накунам худамонро қариб «паҳлавони майдон» карда монда будем. Охир худатон гӯед, магар ҳамин мамлакати калони мо — мамлакати паҳлавонон нест-мӣ? Ҳамин мардуми мо — паҳлавонон нестанд-мӣ? Некалай барин як оқпошшои калонро несту нобуд карда, бо тухму авлодаш алав сар доданд. Ман-ман гуфтагӣ бойҳоро кулак кунониданд. Ана имрӯз мо дар заминҳои онон, дар боғу майдонҳои онон колхозҳо ташкил намуда, ба роҳат зиндагӣ мекунем. Дигар роҳати меҳнати моро вайҳо намечашад. Албатта ин корҳо-корҳои паҳлавонон аст-дия. Ана, чунончи раиси калонамон — Пӯлодбой-акаро гиред.

Дар гӯшаи хотири касе набуд ва ҳатто ба хоби шаби худи ӯ ҳам надаромада буд, ки вай раиси ҳукумат мешавад. Худатон фикр кунед. Ин корҳои мо, пас ин гапҳои мо худи афсона барин менамояд. Аммо ин афсона нест, ин ҳақиқат аст. Баъд аз чилпанҷоҳ соли дигар набераҳоямон ба фарзандони худ хоҳанд гуфт, ки:

«Писарам, ё духтарам, медонед-мӣ? Чанд солҳо пеш дар ҳамин Хуҷанди мо, ки таърихи чандҳазорсола дорад, дар ҳамин кӯчаи калони ба номи Маскав, ки пеш Масҷиди сурх мегуфтаанд, як нафар Бобокалонов ном мӯйсафеди барҷомондае будааст. Ҳамон Бобокалонов амак аз хурдсолиаш то ҳангоми вафоташ хизмати одамонро кардааст. Аммо ҳеҷ вақт на худаш на фарзандонаш дуруст сер нашудаанд. Бечора мӯйсафед бо ҳамин азобу уқубат мурда рафтааст. Аз вай Дадобой, Ҷӯрабой ва Пӯлодбой ном се писар мондааст. Ҳар писар ҳам касби падарашонро мекардаанд. Каланд мезадаанд. Инқилоб шудааст. Замона тамоман дигар шудааст. Бойҳо сарнагун шудаанд ва камбағалон ба рӯи об баромадаанд. Дар қатори дигар бечораҳо ин писарони Бобокалонов амак ҳам ба рӯзи рӯшноӣ баромадаанд. Ана ҳамин писари хурдии ҳамон мӯйсафед, ки номаш Пӯлод будааст, бисёр ҳам бачаи боақл, зирак ва корчаллон будааст. На фақат худашро гуфтааст, балки ба камбағалони бисёр ёрӣ додааст. Колхозҳо ташкил кардааст. Фақирон вайро бисёр нағз медидаанд. Охир вайро ба раисии ҳукуматашон бардоштаанд, вай боз чанд солҳо ба хизмати онҳо камар баста истодааст ва боз чандин қадар корҳои нағз кардааст».

Ин корҳои афсонавор фақат дар замони мо, дар мамлакати мо мешавад ва шуда метавонад. Дида истодаам, ки дар пеши назарам дунё дигаргун мешавад. Одамон, камбағалон ва нотавонони дирӯза гул барин сабзида ва шукуфта истодаанд. Охир, инҳоро дида ман хурсанд нашавам, боз кӣ хурсанд шавад? Ман кор накунам, ман мусобиқа набандам, кӣ кор кунад, кӣ мусобиқа бандад? Ҳар касе, ки ба ман васиқаи кӯҳансолиро медиҳад, номаъқул кардааст. Ҳоло ман аз ҳеҷ як ҷавоне мондағӣ нестам. Ба қавли бобоҳоямон: «агар кӯҳро занам, талқон мекунам» ҳо, ҳо, ҳо.

Танобӣ гапро боз аз даст додам-дия. Ҳоло ман чӣ мегуфтам? Ҳа, занбари панҷумро бурда холӣ кардем гуфтам-а? Ин дафъа ҳам ҷавонмард ғаюриро аз даст надоданӣ шуд. Ба занбар хеле зиёдтар регро пур кард. Рости гапро гӯям, маро андак воҳима пахш кард. Лекин сирро фош накардам. «Хуб, ҳарчи бодобод»

гуфтаму дастаи занбарро даст гирифтам. Ҳарду онро аз замин бардоштем. Ба марра наздик ду-се қадам монда буд, ки Зокирбой «ӯҳ» гуфту дастаи занбарро сар дода фиристод. Занбар рафта ба замин зад ва дастаҳои тарафи дигараш ҳам аз дасти ман баромада рафтанд.

Ба ӯ нигоҳ кардам. Ранги рӯяш паридагӣ буд. Ва намоён буд, ки бача азоб кашида истодааст. Бо як дасташ банди дасти дигарашро сахт қапида буд. Ба кӯчаи мардӣ базӯр худдорӣ мекард ва намегирист.

«Хола, ту пирча, бачаро маиб кардӣ» гӯён Иброҳимҷонаком омаданд. Дигарон ҳам ғун шуданд. Бозори «ҳа, чӣ шудааст, чӣ шудааст»-гӯӣ авҷ гирифт. Ҳамагӣ ҳайрон буданд. Мардум ба ин кор «гурбаро бозию мушро ҷонканӣ» гуфтагӣ барин механдиданд, завқ мекарданд.

Касе аз мӯйсафедон: «Банди дасташ баромадааст» гӯён эълон намуд. Аз ҳамон ҷо бачаро ба аробаи колхоз савор карда, барои муолиҷа ба шаҳр фиристодем.

## МУНДАРИЧА

Оқшуда ........ 3

Ҳикояи духтараки ҷингиламӯй ........ 21

Одам дар халта ........ 26

Рашк ........ 31

Марҳабо, баҳор! ........ 36

Муҳаббат ........ 39

«Дастамро фаромӯш кардаам» ........ 43

Мактуб ........ 47

Гулбону ........ 52

Бева ........ 56

Кампир ........ 62

Раиса ........ 65

Хун ба хун! ........ 68

Маҳтобхола ........ 74

Патриотҳо ........ 79

Мусобақа ........ 89

*Ҳаким Карим*

# ОДАМ ДАР ХАЛТА

*(Ҳикояҳо)*


| | |
|---|---|
| Мураттибон | ***М. Саидова*** |
| | ***Ҳ. Ҷӯраева*** |
| Мусаввир | ***У. Ашӯров*** |
| Муҳаррири ороиш | ***А. Муҳаммадиев*** |
| Муҳаррири саҳифабандӣ | ***М. Саидова*** |
| Мусаҳҳеҳ | ***Р. Атоева*** |
| Тарроҳ | ***Ф. Раҳимов*** |

Ба матбаа 25.01.2005 супорида шуд. Ба чопаш 29.03.2005 имзо шуд. Андозаи 60x84$^1/_{16}$. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Ҳуруфаш адабӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 6,0. Адади нашр 500 нусха. Супориши №16/05.

Нашриёти «Адиб»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

Дар матбааи нашриёти *«ЭҶОД»* чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел.: 21-95-43. E-mail: ejod@tajik.net.